

# ПАУЛО КОЭЛО

# КИМИЁГАР

ALCHEMIST

ПАУЛО КОЭЛО

# КИМИЁГАР

## ALCHEMIST

**This novel has been translated from English to Tajik by Usmonali Latifi**

Шоҳкори адабиёти ҷаҳон

Душанбе
“Адиб”
2024

ББК 67.99 (2) тоҷик
К-92

Аз англисӣ тарҷумаи **Усмоналӣ Латифӣ**
Муҳаррир **Раҳматуллоҳи Раҳмон**

Пауло Коэло
Кимиёгар. Роман. – Душанбе: “Адиб”, 2024. – 192 саҳ.

Китоби Пауло Коэло “Кимиёгар” аз серхонандатарин китобҳо ба шумор рафта, то айни ҳол ба зиёда аз 80 забони дунё тарҷума ва бо теъдоди зиёда аз 65 миллион нусха нашр шудаву дастраси оммаи васеи хонандагон гардидааст. Романи “Кимиёгар” чанд сол пеш дар Тоҷикистон аз ҳуруфоти форсӣ ба ҳуруфоти кириллӣ баргардон шудааст.

Инак, романи мазкур аз забони англисӣ дар тарҷумаи Усмоналӣ Латифӣ пешкаши дӯстдорони насри адабиёти ҷаҳон гардид. Умед аст, ки ин китоб писанди хотири хонандагони закитабъ мегардад.

ISBN 978-99975-2-057-09

© Усмоналӣ Латифӣ, 2024.

# САРСУХАН

Хонандаи арҷманд! Китоберо, ки Шумо дар даст доред, аз ҷониби Пауло Коэло, нависандаи бразилӣ навишта шуда, то айни ҳол ба зиёда аз 80 забони дунё тарҷума ва бо теъдоди зиёда аз 65 миллион нусха нашр гардидааст.

Пауло Коэло дар шаҳри Рио-де-Жанейрои Бразилия таваллуд шуда, дар он ҷо зиндагонӣ мекунад. Ҳаёти ӯ аз бисёр ҷиҳатҳо ба мисли қаҳрамонони асарҳояш, ки дар сатҳи байналмилалӣ эътироф гардидаанд, аҷиб ва ғайриодӣ мебошад. Мисли қаҳрамонони асарҳояш, Пауло Коэло дар пайи амалӣ гардидани орзуҳои худ кӯшиши зиёд кардааст. Орзуи асосияш нависанда шудан буд ва ӯ дар тӯли умри ҷавони худ бо бисёр мушкилот рӯ ба рӯ гашт. Замоне буд, ки дар вазифаҳои гуногун фаъолият мекард ва баъзе аз намуди шуғлаш даромаднок ҳам буд, аммо ҳамаи ин фаъолияташ аз нуқтаи назари маънавӣ барои ӯ ғайриқаноатбахш буд. "Ман ҳамеша медонистам, ки Достони шахсии[1] ман – агар ин истилоҳро аз кимиёгарӣ истифода барам – нависанда шудан буд," боре гуфта буд ӯ. Пауло Коэло аввалин китоби худро дар синни сию ҳаштсолагӣ ба чоп расонид.

Соли 1970 вай тасмим гирифт, ки аз донишҷӯ будан дар мактаби ҳуқуқшиносӣ даст кашад ва ба саросари Амрикои Ҷанубӣ, Африқои Шимолӣ,

[1] Гузоштани ҳадаф барои расидан ба орзуи худ

Мексика ва Аврупо сафар намояд. Пас аз ду сол ба Бразилия баргашт ва ҳамчун як нависандаи машҳур ба фаъолияти нависандагӣ шурӯъ намуд. Соли 1974 аз ҷониби диктатураи низомӣ, ки он вақт дар Бразилия ҳукмронӣ мекард, ба муддати начандон тӯлонӣ зиндонӣ шуд. Пауло Коэло соли 1980 яке аз лаҳзаҳои ҳалкунандаи зиндагиашро аз сар гузаронид: масофаи панҷсад мил[2] - шоҳроҳи қадими Сантяго де Компостела дар шимолу ғарби Испанияро пиёда тай кард. Пауло Коэло боре гуфта буд, ки расидан ба мақсади худ мисли омӯзиши забони хориҷӣ аст - новобаста аз он ки одамон ба хатогӣ роҳ медиҳанд, дар ниҳоят ба мақсади худ хоҳанд расид.

Соли 1988 ӯ романи “Кимиёгар”[3]–ро нашр кард, ки дар меҳвари ҳамин мавзӯъ навишта шудааст ва ин асар Пауло Коэлоро ҳамчун нависандаи беҳтарини байналмилалӣ муаррифӣ намуд. Махсусан, Пауло Коэло бо сабки хоса ва пурқуввати ҳикоягӯӣ ва ақидаҳои амиқи маънавӣ, ки бо масалҳояш пайваста омезиш ёфтаанд, эътироф шудааст.

Асари “Кимиёгар”, ки аз ҷониби Алан Р. Кларк дар машварат бо Пауло Коэло аз нусхаи аслии португалӣ ба забони англисӣ баргардонида шудааст, ба забони тоҷикӣ низ тарҷума гардид.

Бояд қайд кард, ки номи қаҳрамони асосии асар – Сантяго мебошад, вале дар матни тоҷикӣ аз ӯ

[2] Як мил баробар ба 1,6 км.
[3] Он ки даъвои аз фулузҳои (металҳои) оддӣ, ба мисли мис ва сурбро ба тиллову нуқра табдил доданро дорад.

ба исми Писарбача ном бурда мешавад. Кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки матни тарҷума ба шеваи сода ва фаҳмои забони тоҷикӣ тарҷума шуда, шарҳи калимаҳои душворфаҳм дар поварақи ҳар саҳифа оварда шаванд.

Ҳамзамон, миннатдории худро ба муҳаррири китоб Раҳматуллоҳи Раҳмон барои таҳрири китоб ва ба муҳаққиқи варзида устод Муҳтарам Ҳотам барои маслиҳатҳои судманд дар мураттаб намудани вожаҳои тасҳеҳталаб изҳор намуда, умедворам, ки мутолиаи китоб ба забони тоҷикӣ барои рушду нумӯи забони модарӣ мусоидат хоҳад кард.

Зимни мутолиаи китоб агар ягон пешниҳод барои беҳтар намудани сифати кор дар ин самт ва ё дигар андешаҳо бошанд, лутфан ба email: usmonalilatifi@gmail.com нависед. Ҳар як пешниҳоди шумо бо хушнудӣ пазируфта мешавад.

Бо камоли эҳтиром,
Усмоналӣ Латифӣ

# ҚИСМИ 1

Номи писарбача Сантяго буд. Ҳангоми фаро расидани шом писарбача бо рамаи гӯсфандонаш ба калисои[4] вайрона расид. Як қисми боми он кайҳо фурӯ рехта буд ва дар маконе, ки як замон ибодатгоҳ буд, акнун чанори азиме қад меафрохт.

Писарбача тасмим гирифт, ки шабро дар он ҷо рӯз кунад. Вай ҳамаи гӯсфандонро ба даруни калисо бурд ва дарвозаи шикастаро бо тахтаҳо маҳкам кард, то ки гӯсфандон шабона нагурезанд. Дар ин маҳал гург набуд, аммо боре аз беэҳтиётии ӯ нисфи шаб гӯсфандон гум шуданд ва писарбача маҷбур шуд, ки тамоми рӯзи дигарро дар ҷустуҷӯи онҳо сарф кунад.

Ӯ камзулашро[5] рӯи замин паҳн карда, болои он дароз кашид ва китоби навакак хондаашро ҳамчун болишт зери сар гузошта хобид. Вай пеш аз хоб ба хулосае омад, ки бояд ба хондани китобҳои калон шурӯъ кунад, зеро ин гуна китобҳои бузургро муддати тӯлонӣ метавон хонд, инчунин онҳоро дар вақти хоб ҳамчун болиштҳои бароҳаттар истифода метавон бурд.

Вақте ки аз хоб бедор шуд, ҳаво ҳанӯз торик буд, аз сӯрохии боми фурӯрафта ситораҳоро дид.

"Боз каме хоб мекунам," - фикр кард ӯ. Вай ҳамон шаб мисли як ҳафта пеш боз ҳамон хоберо дид, ки қабл аз тамом шуданаш бедор шуда буд.

[4] Ибодатхонаи исавиён

[5] Як навъи либоси (бештар мардонаи) рӯпӯши гиребондор, куртка

Писарбача аз ҷой бархост ва чӯбдасташро гирифта, ба бедор намудани гӯсфандони ҳанӯз хобида, шурӯъ намуд. Вай пай бурд, ки баробари бедор шуданаш, аксари гӯсфандон низ ба ҷунбиш даромаданд. Гӯё ягон қувваи пурасрор ҳаёти ӯро бо гӯсфандон дар ду соли охир зич алоқаманд кардааст. “Онҳо ба ман чунон одат кардаанд, ки ҳатто реҷаи маро медонанд,” - худ ба худ гуфт ӯ. Лаҳзае баъд фикр кард, ки шояд худи ӯ ба реҷаи гӯсфандон одат кардааст.

Аз хоб хестани баъзе аз гӯсфандон каме тӯл мекашид. Писарбача онҳоро бо чӯбдасташ оҳиста зада, ҳар якеро ном мебурд. Вай ҳамеша бовар дошт, ки гӯсфандон суханҳои ӯро мефаҳманд. Ҳамин тавр, вақтҳое буданд, ки ба гӯсфандонаш қисматҳои китобҳояшро, ки ба ӯ таассуроти нек мебахшиданд, мехонд ва ё ба онҳо аз танҳоӣ ё ин ки аз хушбахтии як чӯпони дар саҳробуда, нақл мекард. Баъзан дар бораи деҳаҳое, ки аз дохилаш мегузаштанд, ба онҳо нақлҳои аҷиб менамуд. Гӯсфандон парвои нақлҳои аҷоибу ғароиби ӯро надоштанд, онҳо танҳо дар фикри чаридану об нӯшидан буданд.

Чанд рӯзи охир писарбача бо гӯсфандонаш танҳо дар бораи як кас - дар бораи духтари тоҷире, ки онҳо баъд аз чаҳор рӯз бояд ба деҳаи ӯ мерасиданд, суҳбат мекард. Вай фақат як маротиба ба ин деҳа соли гузашта омада буд. Ин тоҷир дукони хушкафурӯшӣ дошт ва ҳамеша талаб мекард, ки гӯсфандон дар ҳузураш тарошида шаванд, то

чӯпонон ӯро фиреб надиҳанд. Яке аз дӯстонаш дар бораи ин дукон ба писарбача нақл карда буд ва ӯ ба қароре омад, ки гӯсфандонашро барои тарошидан ба он ҷо барад.

***

"Ман мехоҳам як миқдор пашми гӯсфанд фурӯшам," - гуфт писарбача ба тоҷир.

Тоҷир серкор буд ва аз чӯпон хоҳиш кард, ки то нисфирӯзӣ интизор шавад. Ҳамин тавр, писарбача дар зинаи дукон нишаста, аз халтааш китоберо баровард.

"Ман намедонистам, ки чӯпонон низ хонда метавонанд," - садои духтаре ӯро аз китобхонӣ боздошт, ба қафо нигариста духтареро пушташ истода дид.

Чеҳраи духтар хоси мардуми Андалус[6] буд, ки мӯйҳояш сиёҳи парешон ва чашмонаш чашмони далерони мағрибиро ба ёд меовард.

"Ман аз китоб дида аз гӯсфандони худ бештар чизе меомӯзам," - ҷавоб дод ӯ.

Онҳо ду соати тамом бо ҳам суҳбат карданд, дар ин миён духтар гуфт, ки вай духтари ҳамин тоҷир аст ва дар бораи зиндагии деҳа сухан карда, қайд намуд, ки ҳама рӯзҳо мисли рӯзҳои дигар якранг мегузаранд. Чӯпонбача ба вай дар бораи деҳаҳои Андалус ҳикоя кард ва ҳамаи хабарҳои навро дар

[6] Минтақае дар Испания

бораи шаҳрҳое, ки ҳангоми сафар аз он ҷойҳо гузар карда буд, нақл кард. Суҳбат кардан бо ин духтар барои писарбача аз гӯсфандонаш дида, гуворотар буд.

“Шумо чӣ тавр хонданро ёд гирифтед?” - якбора пурсид духтар.

“Ҳамон тавре, ки ҳама ёд мегиранд, дар мактаб.” - ҷавоб дод ӯ.

“Хуб, агар шумо савод дореду хонда метавонед, пас чаро фақат як чӯпони оддӣ ҳастед?”

Писарбача аз посух додан ба саволи духтар худдорӣ кард. Вай бовар дошт, ки духтар ҳеҷ гоҳ ӯро намефаҳмад. Ӯ дар бораи сафарҳои худ ҳикояҳо мекард ва чашмони дурахшони Маврии[7] духтар гоҳ аз тарс ва гоҳе аз тааҷҷуб калон кушода мешуданд. Вақт мегузашт. Писарбача орзу мекард, ки рӯз ҳеҷ гоҳ поён наёбад ва падари духтар вақти аз ӯ харидани пашм наёбаду машғули кор бошад, ӯро боз се рӯзи дигар интизор монад. Вай дар дил ва вуҷуди худ чизеро эҳсос кард, ки қаблан ҳеҷ гоҳ ҳис накарда буд. Дар вай хоҳиши бо ин духтар то абад, якҷо зиндагӣ кардан пайдо шуд. Бо шиносоӣ бо ин духтари мӯйсиёҳ дигар ҳеҷ гоҳ зиндагӣ мисли пештара ҷараён нахоҳад гирифт.

Ниҳоят тоҷир пайдо шуд ва аз писарбача хоҳиш кард, ки чор гӯсфандашро тарошад. Ӯ барои

[7]Арабҳо ва Барбарҳои Мавритания, ки дар асри миёна нимҷазираи Пиренейро (Испания, Португалия ва ғ.) забт карда буданд.

пашми гӯсфанд пул дод ва ба чӯпон гуфт, ки соли дигар боз биёяд.

***

Чор рӯз баъд писарбача бояд ба деҳае, ки духтари тоҷир он ҷо зиндагӣ мекард, бармегашт. “Шояд духтарак аллакай маро фаромӯш карда бошад,” - аз дил гузаронд ӯ бо ҳаяҷон ва ҳамзамон аз ин фикраш нороҳат шуд. Охир, бисёр чӯпонҳо пашми гӯсфандонашонро барои фурӯхтан ба тоҷир меоварданд.

“Фарқ надорад,” - гуфт ӯ ба гӯсфандонаш. “Дар ҷойҳои дигар низ ман духтарони зиёдро мешиносам.”

Аммо ба дилу ҷонаш ҳис мекард, ки ин духтар барояш аз ҳама духтарҳои дигар болотар ва азизтар аст. Ӯ медонист, ки чӯпонҳо мисли баҳрнавардон ва савдогарони даврагард, ҳамеша шаҳреро интихоб менамоянд, ки дар он ҷо ҳатман нафароне ёфт мешаванд, ки ба оворагардии онҳо хотима мебахшанд.

Вақте ки субҳ дамиду рӯшноӣ ҳама атрофро фаро гирифт, чӯпон гӯсфандҳояшро ба самти офтоббаро равона сохт. Гӯсфандҳо ҳеҷ гоҳ набояд ягон тасмиме гиранд, фикр кард ӯ. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки онҳо ҳамеша ба ман наздиканд.

Ягона чизе, ки гӯсфандонро ба ташвиш меовард, ин ғизо ва об буд. То он даме, ки писарбача медонист чӣ гуна чарогоҳҳои беҳтарини Андалусро

пайдо кунад, гӯсфандон дӯсташ буданд. Бале, барои гӯсфандон рӯзҳо ва соатҳои ба назар беохир байни тулуъ ва ғуруби офтоб ҳама яксон буданд ва онҳо дар умри ҷавонашон ҳеҷ гоҳ китоб нахондаанд ва он чиро, ки писарбача дар бораи манзараҳои шаҳрҳо ба онҳо нақл мекард, намефаҳмиданд. Онҳо бо ғизо ва об қаноат мекарданд ва бар ивази он пашми худ ва гоҳ - гоҳ гӯшти худро мебахшиданд.

“Агар ман имрӯз ягон аждаҳо мешудаму онҳоро якояк медаридаму пора-пора мекардам, гӯсфандҳо танҳо пас аз кушта шудани қисми зиёдашон огоҳ мешуданд,” - фикр кард писарбача. “Гӯсфандҳо аз инстинкти худ дида, ба ман бештар бовар мекунанд, чунки ба онҳо ғизо ва об медиҳинам”.

Писарбача аз андешаҳои худ дар ҳайрат монд. Шояд калисое, ки чанор дар дохилаш мерӯид, пур аз ҷин бошад. Мумкин ин боиси он гардид, ки бори дуюм чунин хобро бинад ва нисбат ба дӯстони содиқаш хашму ғазабаш боло гирад. Вай як миқдор шароберо, ки аз хӯроки шом боқӣ монда буд, нӯшид ва камзулашро ба баданаш ҷафстар печонд. Ӯ медонист, ки чанд соат пас аз он ки офтоб дар васати[8] осмон қарор гирад, гармӣ ба ҳадде мерасад, ки ӯ наметавонад рамаи гӯсфандҳои худро аз саҳро гузаронад. Дар тобистон, дар ин вақти рӯз тамоми мардуми Испания хоб мераванд. Гармӣ то бегоҳ давом мекард ва тамоми ин муддат маҷбур буд, ки

[8] Дар ин ҷо рост шудани офтоб дар болои сар дар нисфирӯзӣ, қиём

камзулашро бардошта гардад. Вақте мехост аз бори гарони он шикоят кунад, ба ёдаш меомад, ки дар сардиҳои субҳ камзулаш барояш роҳати ҷон аст.

“Мо бояд ба тағйирёбии обу ҳаво ҳамеша омода бошем,” - фикр кард писарбача аз гармии камзулаш роҳат намуда.

Мақсади писарбача дар зиндагӣ сафар кардан буд ва пас аз ду соли сафар намудан ба ҳама шаҳрҳою деҳаҳои Андалус, вай ҳамаи шаҳрҳои ин минтақаро ба хубӣ медонист. Вай дар ин сафар ният дошт ба духтари тоҷир исбот намояд, ки чӯпони оддӣ ҳам хонда метавонад. Ба ӯ гӯяд, ки то шонздаҳсолагӣ дар мактаби динӣ таҳсил кардааст. Падару модараш мехостанд, ки вай марди рӯҳонӣ (кашиш) шавад ва ба ин васила мояи ифтихори як оилаи деҳқони оддӣ гардад. Онҳо мисли гӯсфандон танҳо барои ба даст овардани рӯзияшон сахт меҳнат мекарданд. Писарбача забонҳои лотинӣ, испониёӣ ва илми илоҳиётро омӯхта буд. Аммо аз хурдӣ мехост дунёро бинаду донад ва ин барояш аз ҳама чиз дида, муҳимтар буд. Шабе, ки бо аҳли хонавода якҷо нишаста буд, ӯ ҷуръат карда ба падараш гуфт, ки рӯҳонӣ (кашиш) шудан намехоҳад. Ягона орзу ва мақсади ӯ сафар кардан - ҷаҳон дидан аст.

***

“Тамоми одамони ҷаҳон ҳамчун сайёҳ тавассути ин деҳа мегузаранд, писарам,” - гуфт

падараш. “Онҳо барои ҷустуҷӯи чизҳои нав ба ин ҷо меоянд, аммо пас аз рафтан онҳо асосан ҳамон одамоне, ки буданд, ҳамонанд. Онҳо барои дидани қалъа ба кӯҳ мебароянд ва фикр мекунанд, ки ҳаёти замони қадим аз ҳаёти имрӯза беҳтар буд. Онҳо мӯйҳои зард ё малла, пӯсти сиёҳ ё сафед доранд, аммо аслан онҳо мисли мо одам ҳастанд ва аз моён ягон фарқе надоранд.

“Аммо ман мехостам қалъаҳоро дар шаҳрҳое, ки онҳо зиндагӣ мекунанд, бубинам,” - шарҳ дод писарбача.

“Он одамон, вақте ки замини моро мебинанд, мегӯянд, ки мехоҳанд дар ин ҷо абадан зиндагӣ кунанд,” - идома дод падараш.

“Ман ҳам мехоҳам замини онҳоро бубинам, то фаҳмам, ки онҳо чӣ гуна зиндагӣ мекунанд,” - гуфт писарбача.

“Одамоне, ки ба ин ҷо меоянд, пули зиёде доранд, аз ин рӯ, онҳо қудрати сафар карданро доранд,” - гуфт падараш. “Аз байни мо бошад, танҳо чӯпонҳо сайёҳ шуда метавонанд.”

“Хуб, пас ман чӯпон мешавам!”

Падараш дигар чизе нагуфт. Рӯзи дигар ба писараш ҳамёнчаеро дод, ки даруни он се тангаи тиллоии испанӣ дошт.

“Ман инҳоро як рӯз дар саҳро ёфтам. Мехостам, ки онҳо як қисми мероси ту бошанд. Бигир, ин тангаҳоро барои харидани рамаи гӯсфандони худ истифода бар. Рав ба саҳро ва рӯзе

хоҳӣ фаҳмид, ки деҳаи мо беҳтарин аст ва занони мо зеботаринанд.”

Падар ба писарбача дуои хайр дод. Писарбача аз нигоҳи падараш пай бурд, ки худи падараш хоҳиши сафар кардан ва сайру гашти дунёро дорад - хоҳише, ки ҳанӯз дар дилаш ҷӯш мезанаду зинда аст, бо вуҷуди он ки падараш маҷбур буд, ин орзуҳояшро тӯли даҳсолаҳо зери бори талошу муборизa барои таъмини зиндагӣ зери хок кунад, дар ҳамон ҷое, ки ҳар шабашро рӯз мекард, ҳаёташро гузаронад.

***

Дар уфуқ[9] шафақи сурх[10] дамида, якбора офтоб баромад. Писарбача гуфтугӯ бо падарашро ба ёд овард ва худро хушбахт ҳис кард. Вай аллакай қалъаҳои зиёдеро дидааст ва бо занони зиёде вохӯрдааст (аммо ба назараш ягон зан ба духтари тоҷир баробар набуд). Ӯ акнун камзул ва китоб дошт, ки метавонист онҳоро ба дигар чизҳо иваз кунад ва боз соҳиби як рама гӯсфанд буд. Аммо, муҳимтар аз ҳама, ӯ тавонист ҳар рӯз орзуҳои худро амалӣ созад. Вай агар аз даштҳои Андалус хаста мешуд, метавонист гӯсфандони худро фурӯшад ва ба баҳрнавардӣ равад. Вақте ки аз баҳрнавардӣ сер мешуд, ӯ аллакай дигар шаҳрҳо, дигар занҳо ва дигар имконоти хушбахтиро пайдо мекард. “Ман Худоро

[9] Он ҷое, ки гӯё осмон ба замин мерасад (horizon)

[10] Сурхии нури офтоб пеш аз тулӯъ ва ғуруби офтоб

дар мактаби динӣ шинохта натавонистам,” - фикр кард ҳангоми тулӯъи офтоб.

Ҳар вақте ки мехост, масирҳои нави сафарро пайдо мекард. Вай қаблан ҳеҷ гоҳ дар он калисои вайрона наистода буд, сарфи назар аз он ки борҳо аз он қисматҳо гузашта буд. Ҷаҳон бузург ва бемаҳдуд аст. Вай танҳо бояд иҷозат медод, ки гӯсфандонаш муддате самти роҳро муқаррар кунанд ва дар ин вақт чизҳои ҷолиби дигарро кашф мекард. Мушкилоти гусфандон дар он буд, ки онҳо ҳатто дарк намекарданд, ки ҳар рӯз бо роҳҳои нав мераванд. Онҳо намедиданд, ки майдонҳои нав вуҷуд доранд ва фаслҳои сол иваз мешаванд. Ҳамаи гӯсфандон танҳо дар бораи ғизо ва об фикр мекарданд.

“Шояд мо ҳамаамон ҳамин тавр бошем,” - аз дил гузаронд писарбача. Ҳатто ман аз замони шиносоӣ бо духтари тоҷир дар бораи занони дигар фикр намекунам. Ба сӯи офтоб нигоҳ карда, муайян кард, ки то нисфирӯзӣ бояд ба Тарифа[11] расад. Дар он ҷо метавонад китоби худро ба китоби калонтар иваз намуда, шишаи шаробашро пур кунад, ришашро тарошад ва мӯйҳояшро ороиш диҳад. Худро бояд барои вохӯрӣ бо духтари тоҷир омода созад ва намехост дар бораи эҳтимоли он, ки кадом як чӯпони дигар бо рамаи сершумори гӯсфандон пеш аз ӯ ба он ҷо омада, ба он духтар изҳори муҳаббат кардааст, фикр намояд.

[11] Номи шаҳри хурде дар минтақаи Андалус

“Имконияти амалӣ шудани орзу ҳаётро ҷолиб месозад,” - фикр кард ӯ бори дигар ба мавқеи офтоб нигаристу, суръати қадамзаниашро тезонид. Вай ногаҳон ба хотир овард, ки дар Тарифа пиразане буд, ки хобҳоро таъбир мекард. Ӯ шаби гузашта боз ҳамон хобро дида буд.

***

Пиразан писарбачаро ба утоқи паси хонааш овард. Ин утоқро аз хонаи зисташ пардаи муҳрадори ранга ҷудо мекард. Ҷиҳози ҳуҷра аз миз ва ду курсӣ, инчунин тасвири Дили Муқаддаси Исо иборат буд.

Пиразан нишаст ва ба писарбача гуфт, ки ӯ ҳам нишинад. Сипас вай ду дасти ӯро ба рӯи даст гирифт ва оромона ба дуо хондан оғоз кард.

Дуояш ба мисли дуои лӯлиён садо дод. Писарбача аллакай дар бархӯрд бо лӯлиҳо таҷрибаи кофӣ дошт. Онҳо низ доим дар сафар буданд, аммо рамаҳои гӯсфанд надоштанд. Мардум мегуфтанд, ки лӯлиҳо умри худро бо фиреб додани дигарон мегузаронанд. Ҳамчунин ақида доштанд, ки онҳо бо шайтон аҳд бастаанд ва кӯдаконро дуздида, ба бошишгоҳҳои пурасрорашон бурда, онҳоро ғуломи худ мегардонданд. Дар кӯдакӣ, писарбача ҳамеша аз лӯлиён метарсид, ки ӯро ба асорат нагиранд ва ин тарси кӯдакӣ вақте баргашт, ки пиразан дастҳои ӯро рӯи дасташ гирифт.

Аммо пиразан тасвири Дили Муқаддаси Исоро дорад, худро бо ин ором карданӣ шуд. Ӯ намехост, ки дасташ ба ларзидан дарояду пиразан аз тарси ӯ пай барад. Писарбача дар дил дуои “Эй падари мо” - ро хонд.

“Хеле ҷолиб,” - гуфт пиразан ва ба дасти писарбача нигариста, хеле сукут кард.

Писарбача асабонӣ шуд, дастонаш ларзидан гирифтанд ва пиразан инро ҳис кард. Вай зуд дастҳояшро пас кашид.

“Ман ба назди шумо барои он наомадаам, ки шумо ба кафҳои дастам дуо хонед,” - гуфт писарбача ва аллакай аз омаданаш пушаймон шуда буд. Вай лаҳзае фикр кард, ки беҳтар мешуд, ҳаққи кори пиразанро диҳаду бидуни фаҳмидани таъбири хобаш он ҷойро тарк кунад ва ба хоби такрор ба такрораш аз ҳад зиёд аҳамият надиҳад.

“Шумо омадаед, ки таъбири хобҳои худро бифаҳмед,” - гуфт оромона пиразан. “Хоб дидан ин як муъҷизаи илоҳист. Вақте ки Худованд бо Забони Ҷаҳон ҳарф мезанад, ман гуфтаҳои ӯро шарҳ дода метавонам. Аммо агар бо Забони Рӯҳ сухан гӯяд, танҳо шумо мефаҳмед. Ба ҳар ҳол, барои машварат аз шумо пул талаб мекунам”.

“Боз як найранги дигар,” - фикр кард писарбача. Аммо тасмим гирифт, ки таваккал[12] кунад. Чӯпонҳо ҳамеша ба гургҳо ва хушксолӣ

[12] Ба комёбии худ боварии комил надошта ба кор сар кардан (риск кардан)

таваккал мекунанд ва ин ҳаёти чӯпонҳоро пурҳаяҷон мегардонад.

“Ман ду маротиба як хобро дидам,” - гуфт писарбача. “Хоб дидам, ки дар саҳро бо рамаи гӯсфандонам будам ва як кӯдаке пайдо шуду бо ҳайвонҳо бозӣ кардан гирифт. Ба ман ин кор мақбул нест, зеро гӯсфандон аз бегонагон метарсанд. Аммо ба назар чунин мерасид, ки кӯдак гӯсфандонро натарсонида, метавонад ҳамеша бо онҳо бозӣ кунад. Барои ман маълум нест, ки чаро ин тавр аст. Ман намедонам, ки чӣ гуна ҳайвон синну соли одамонро медонад”.

“Дар бораи хоби дидаи худ ба ман муфассалтар нақл кунед,” - гуфт пиразан. “Ман бояд ба пухтупаз баргардам ва азбаски шумо пули зиёд надоред, ба шумо вақти зиёде ҷудо карда наметавонам”.

“Кӯдак муддате бо гӯсфандони ман бозӣ карданро давом дод,” - идома дод писарбача каме нороҳат шуда. “Ногаҳон, кӯдак аз ду дастам гирифта, маро ба Пирамидаҳои Миср бурд.”

Вай лаҳзае хомӯшӣ ихтиёр кард, то бифаҳмад, ки оё пиразан дар бораи Пирамидаҳои Миср чизе медонад ё не. Аммо пиразан чизе нагуфт.

“Сипас, дар Пирамидаҳои Миср,” - нақлашро давом дод писарбача ва се калимаи охиринро оҳиста гуфт, то пиразан бифаҳмад, – кӯдак ба ман гуфт: “агар шумо ба ин ҷо биёед, ганҷи пинҳонеро хоҳед ёфт”. Танҳо вақте ки кӯдак макони дақиқро ба ман

нишон доданӣ шуд, ман аз хоб бедор шудам. Ҳарду бор ҳам ҳамин як хобро дидам.

Пиразан муддате хомӯш монд. Сипас боз дастони ӯро гирифта, бодиққат омӯхт.

“Ҳоло аз шумо чизе талаб нахоҳам кард,”- гуфт пиразан. “Аммо агар ганҷро пайдо кунед, ман аз шумо даҳяки ганҷро мехоҳам”.

Писарбача хурсанд шуд. Ӯ мехост як пули ночизеро, ки дошт ба пиразан надиҳаду барои пайдо намудани ганҷи пинҳон сарфа кунад!

“Хуб, хобро акнун таъбир кунед,” - гуфт бо ҳаяҷон писарбача.

“Аввал ба ман қасам ёд кун, қасам ёд кун, ки бар ивази он чӣ ба ту мегӯям, даҳяки ганҷи худро ба ман медиҳӣ”.

Писарбача қасам хӯрд, ки медиҳад. Пиразан хоҳиш кард, ки ба тасвири Дили Муқаддаси Исо ҳам қасам хӯрад.

“Ин хоби дидаатон бо Забони Ҷаҳонӣ аст,” - гуфт пиразан. “Ман онро тафсир карда метавонам, аммо таъбираш хеле душвор аст. Аз ин рӯ, ҳис мекунам, ки ман сазовори як қисми он ганҷе, ки меёбед, ҳастам. Аз рӯи таъбири ман, шумо бояд ба Пирамидаҳои Миср равед. Ман ҳеҷ гоҳ дар бораи онҳо нашунидаам, аммо агар кӯдак онҳоро ба шумо нишон дода бошад, пас ин ганҷҳо он ҷо вуҷуд доранд. Дар он ҷо ганҷе хоҳед ёфт, ки шуморо сарватманд мегардонад”.

Писарбача дар аввал ҳайрон гардид ва сипас асабонӣ шуд. Барои ин лозим набуд, ки пиразанро ҷӯяд! Аммо баъд ба хулосае омад, ки ба пиразан чизе пардохт намекунад.

“Ба ман лозим набуд, ки танҳо барои ин вақтамро беҳуда сарф кунам,” - гуфт писарбача.

“Ман гуфтам, ки таъбири хоби шумо душвор аст. Ин чизҳои ба назар оддӣ дар ҳаёт хеле ҳам фавқулодаанд. Танҳо хирадмандон метавонанд онҳоро дарк кунанд. Азбаски ман хирадманд нестам, маҷбур шудам, ки дигар самтҳои дуохонӣ – бо хурмо дуо хонданро омӯзам”.

“Хуб, ман чӣ гуна ба Миср равам?”

“Ман танҳо хобҳоро таъбир мекунам. Ман намедонам, ки чӣ гуна онҳоро ба воқеият табдил диҳам. Барои ҳамин ман маҷбурам аз ҳисоби духтаронам зиндагӣ кунам”.

“Агар ман ҳеҷ гоҳ ба Миср наравам-чӣ?”

“Он гоҳ ман ҳақамро намегирам. Ин бори аввал нест,” - гуфт пиразан.

Баъд пиразан ба писарбача гуфт, ки аз наздаш равад, зеро аллакай бо ӯ вақти зиёдро беҳуда сарф кардааст.

Писарбача ноумед шуда, қарор дод, ки дигар ҳеҷ гоҳ ба хобҳо бовар накунад. Вай ба хотир овард, ки бояд аз чанд чиз худро эҳтиёт намояд. Ӯ барои хӯрдани чизе ба бозор рафт, дар бозор як мизеро дид, ки дар болои он намунаҳои нави китобҳо барои фурӯш гузошта шуда буданд, дар он ҷо китоби худро

ба китоби калоне иваз карда, баъдан барои худ шароб харид. Дар он рӯзи хеле гарм шароб ҳаловатбахш буд. Гӯсфандонаш дар назди дарвозаи шаҳр дар назди устохонае, ки ба як дӯсташ тааллуқ дошт, истода буданд. Писарбача одамони зиёди шаҳрро мешинохт. Ин ошноӣ буд, ки саёҳатро барояш ҷолиб месохт - ҳамеша дӯстони нав пайдо мекард ва лозим набуд, ки тамоми вақти худро бо дӯстонаш гузаронад. Вақте ки касе ҳар рӯз ҳамон як намуд одамонро мебинад – чунонки бо ӯ дар мактаби динӣ рӯй дода буд - онҳо якбора қисми ҳаёти ин шахс мегарданд. Он гоҳ онҳо мехоҳанд, ки шахс тағйир ёбад. Агар касе чунин набошад, дигарон хашмгин мешаванд. Ба назар чунин мерасад, ки ҳар кас дар бораи чӣ тавр зиндагӣ кардани дигарон тасаввуроти хуб дорад, аммо дар бораи зиндагии шахсии худаш чизеро намедонад.

Вай тасмим гирифт, ки то наздики ғуруби офтоб каме интизор шавад ва баъдан рамаашро ба саҳро баргардонад. Се рӯз пас бояд бо духтари тоҷир вохӯрад.

Ӯ ба хондани китоби харидааш шурӯъ кард. Саҳифаи аввал дар бораи тавсифи маросими дафн[13] буда, талаффуз кардани номҳои афроди навишташуда, хеле душвор буд. Вай фикр кард, ки агар ягон вақт китобе нависад, ҳамагӣ номи як нафарро хоҳад навишт, то ин ки хонанда хавотири ҳифз намудани номҳои зиёд нагардад.

[13] Ба хок супоридан

Вақте ки дар ниҳоят тавонист ба чизҳои хондааш таваҷҷуҳ кунад, китоб барояш бештар писанд омад. Дар он ҷо сухан дар бораи дафн кардани нафаре дар рӯзи барфӣ мерафт ва ӯ эҳсоси хунукиро кард, ки барояш хеле ҳам маъқул буд. Ҳангоми хондани китоб як марди солхӯрдае дар паҳлуяш нишаста, хост, ки бо ӯ суҳбат кунад.

"Онҳо чӣ кор карда истодаанд?" - пурсид пирамард бо ишора ба одамони дар майдон буда.

"Кор," - ҷавоб дод писарбача ва ба назар чунин менамуд, ки гӯё мехоҳад ба хондани худ таваҷҷуҳ кунад.

Дар асл бошад, вай дар бораи тарошидани гӯсфандонаш дар назди духтари тоҷир фикр мекарду мехост худро дар назди духтар нишон диҳад, ки аз уҳдаи корҳои душвор мебарояд. Вай аллакай ин саҳнаро борҳо тасаввур карда, ҳар дафъае мефаҳмонд, ки гӯсфандонро аз қафо ба пеш тарошидан лозим аст, духтар дар ҳайрат мемонд. Вай инчунин кӯшиш мекард, ки ҳангоми тарошидани гӯсфандон чанд ҳикояи аҷибро доир ба тарошидани гӯсфандон нақл кунад. Аксари онҳоро дар китобҳо хонда буд, аммо ба духтар гӯё аз таҷрибаи шахсии худ нақл мекарда бошад. Духтар ин фарқиятҳоро ҳеҷ гоҳ дарк намекард, зеро ки хонда наметавонист.

Пирамард ба писарбача гуфт, ки хаставу ташна мебошад ва хоҳиш кард, ки аз шароби писарбача каме нӯшад. Писарбача бо умеди он ки

пирамард ӯро танҳо гузорад, шишаи шароби худро ба ӯ пешкаш намуд.

Аммо пирамард мехост суҳбат кунад ва аз писарбача пурсид, ки кадом китобро мехонад. Писарбача хост дағалӣ кунад ва ба курсии дигар гузарад, аммо ба хотир овард, ки падараш ӯро ба эҳтироми пиронсолон таълим дода буд. Ҳамин тавр, бо ду сабаб китобро ба он мард дароз кард: аввалан, худаш намедонист, ки сарлавҳаро чӣ тавр бояд талаффуз кунад ва дуюм агар пирамард хонда наметавонист, шояд шарм мекарду ба курсии дигар мегузашт.

"Ҳмм ..." - гуфт пирамард ва ба пушту рӯи муқоваи китоб нигоҳ карда, гӯё ин китоб як чизи аҷибе бошад.

"Ин як китоби муҳим аст, аммо дилгиркунанда, одамро асабонӣ мекунад".

Писарбача дар ҳайрат монд. Пирамард хонда метавонистааст ва ин китобро хонда будааст. Агар ин китоб, чунонки пирамард гуфт, дилгиркунанда бошад, писарбача ҳоло ҳам вақт дошт, ки онро ба китоби дигар иваз кунад.

"Ин китобест, ки мисли китобҳои дигари олам ҳамин як чизро мегӯяд," - идома дод пирамард. "Он нотавонии одамонро дар интихоби Достонҳои шахсии[14] худ тавсиф мекунад ва дар охири китоб гуфта шудааст, ки ҳамаи одамон ба дурӯғи калон дар ҷаҳон бовар мекунанд".

[14] Гузоштани ҳадаф барои расидан ба орзуи худ

“Бузургтарин дурӯғ дар ҷаҳон кадом аст?” - тамоман дар ҳайрат монда, пурсид писарбача.

“Ин чунин аст, ки дар як лаҳзаи ҳаёт мо назоратро аз болои худ аз даст медиҳем ва ҳаёти моро тақдир идора мекунад. Ин бузургтарин дурӯғи ҷаҳон аст”.

“Ба ман ҳеҷ гоҳ чунин рӯй надодааст,” - гуфт писарбача. “Падарам мехост, ки ман марди рӯҳонӣ (кашиш) шавам, аммо қарор додам, ки чӯпонӣ кунам.”

“Бисёр хуб,” - гуфт пирамард, “Барои он ки шумо дар ҳақиқат саёҳат карданро дӯст медоред”.

“Вай медонад, ки ман дар бораи чӣ фикр мекунам,” - худ ба худ гуфт писарбача. Пирамард ҳамоно китобро варақ мезад ва ба назар чунон менамуд, ки онро мехоҳад умуман барнагардонад. Писарбача пай бурд, ки либоси ин мард аҷиб аст. Вай ба араб монандӣ дошт, ки дар он ҷойҳо ғайриоддӣ менамуданд. Африка аз Тарифа ҳамагӣ чанд соат дуртар буда, ба он ҷо фақат бо қаиқ тавассути гулӯгоҳи[15] танг гузаштан лозим буд. Арабҳо аксар вақт дар шаҳр пайдо мешуданд ва дар як рӯз чанд маротиба хариду фурӯш карда, намозҳои худро мехонданд.

“Шумо аз куҷоед?” - пурсид писарбача.

“Аз бисёр ҷойҳо”.

---

[15] Оби борики байни ду қитъаи хушкӣ, ки баҳру укёнус ё кӯлро ба ҳам мепайвандад (Гулӯгоҳи Ҷибралтар)

“Ҳеҷ кас наметавонад аз бисёр ҷойҳо бошад,” - гуфт писарбача. “Ман чӯпон ҳастам ва дар бисёр ҷойҳо будам, аммо банда танҳо аз як ҷо - аз шаҳри наздики Қалъаи қадимӣ омадаам. Он ҷоест, ки ман таваллуд шудаам”.

“Хуб, пас ман гуфта метавонам, ки дар Салим таваллуд шудаам.”

Писарбача намедонист, ки Салим дар куҷост, аммо намехост пурсад, зеро метарсид, ки ӯ одами ноогоҳу нодон ба назар хоҳад расид. Муддате ба одамони дар майдон буда, нигоҳ кард, онҳо меомаданду мерафтанд ва ба назар чунин менамуд, ки ҳама хеле серкор буданд.

“Вазъи Салим чӣ гуна аст? “- пурсид ӯ ва кӯшиш кард, ки ягон хел маълумот дар бораи он пайдо кунад.

“Он чун ҳамеша ба худаш монанд аст.”

Писарбача аз ҷавобҳои пирамард ҳеҷ ҷавобе пайдо накард. Аммо медонист, ки Салим дар Андалус нест. Агар дар он ҷо мебуд, вай аллакай дар борааш чизеро мешунид ё медонист.

“Шумо дар Салим чӣ кор мекунед?” - боз кунҷковона пурсид писарбача.

“Дар Салим ман чӣ кор мекунам?” - пирамард хандид. “Ман подшоҳи Салим ҳастам!”

“Одамон чизҳои аҷиб мегӯянд,” - фикр кард писарбача. “Баъзан беҳтар аст, ки бо гӯсфандон бошам, ки онҳо чизе намегӯянд. Ва боз ҳам аз ҳама беҳтар он аст, ки бо китобҳои худ танҳо бошам. Ин

китобҳо ҳикояҳои аҷиби худро нақл мекунанд, ки одам онҳоро шунидан мехоҳад. Аммо вақте ки шумо бо одамон суҳбат мекунед, онҳо баъзе чизҳои аҷибро мегӯянд, ки намедонед чӣ гуна ба суҳбат хотима бахшед.

“Номи ман Мелчизодак аст,” - гуфт пирамард. “Шумо чанд гӯсфанд доред?”

“Ба қадри кофӣ,” - гуфт писарбача. Вай медид, ки пирамард мехоҳад дар бораи хаёти ӯ бештар маълумот гирад.

“Хуб, пас мо мушкилот дорем. Ман ба шумо кӯмак карда наметавонам, агар шумо фикр кунед, ки ба қадри кофӣ гӯсфанд доред.”

Писарбача хашмгин шуд. Охир ӯ кӯмак напурсида буд. Ин пирамард буд, ки шароб нӯшидан хост ва суҳбатро оғоз карда буд.

“Китоби маро диҳед,” - гуфт писарбача. “Ман бояд гӯсфандонамро гирифта, аз ин ҷо равам.”

“Аз даҳ як ҳиссаи гӯсфандони худро ба ман диҳед,” - гуфт пирамард. “Баъд ман ба шумо мегӯям, ки ганҷи пинҳонро чӣ тавр бояд пайдо кард”.

Писарбача хобашро ба ёд овард ва ногаҳон ҳама чиз барояш равшан шуд. Пиразан аз ӯ чизе наситонид, аммо пирамард шояд шавҳари ӯ бошад, мехоҳад роҳи ба даст овардани пули бештарро бар ивази маълумот дар бораи чизе, ки ҳатто вуҷуд надорад, пайдо кунад. Пирамард шояд лӯлӣ бошад.

Аммо пеш аз он ки писарбача чизе гӯяд, пирамард хам шуда, чӯбро гирифт ва дар болои рег

ба навиштани чизе оғоз кард. Чизе дурахшон аз синаи ӯ бо шиддат рӯшноӣ кард, ки чашмони писарбача як лаҳза кӯр барин шуданд.

Бо ҳаракате, ки барои ин синнусол хеле чолокона буд, ин мард синаашро бо ҷомааш пӯшонд. Вақте ки биноияш ба ҳолати муқаррарӣ баргашт, писарбача тавонист он чиро, ки пирамард дар болои рег навишта буд, бихонад.

Дар он ҷо - дар болои рег шаҳри хурд (Тарифа) тасвир шуда, инчунин, писарбача номи падар, модари худ ва мактаби диниеро, ки дар он таҳсил карда буд, хонд. Вай номи духтари тоҷирро, ки ҳатто исмашро намедонист хонда, ҳамчунин чизҳоеро дид, ки ҳеҷ гоҳ ба касе дар бораи онҳо нагуфта буд.

***

“Ман подшоҳи мулки Салим ҳастам,” - гуфт пирамард.

“Чаро подшоҳ бо чӯпон суҳбат мекунад?” - пурсид писарбача дар ҳайрату хиҷолат монда.

“Бо чанд сабаб. Аммо биёед бигӯем, ки муҳимтар аз ҳама он аст, ки шумо дар кашфи Достони шахсии худ муваффақ шудаед.”

Писарбача намедонист, ки “Достони шахсӣ”-и одамон чист.

“Ин ҳамон чизест, ки шумо ҳамеша мехостед ба он бирасед. Ҳама одамон вақте ки ҷавонанд медонанд, ки Достони шахсии онҳо чист”.

Дар он лаҳзаи ҳаёт барои онҳо ҳама чиз возеҳу равшан ва имконпазир аст. Онҳо аз орзу кардан наметарсанд ва ҳама чизеро, ки мехоҳанд дар ҳаёташон рӯх диҳад, орзу мекунанд ва ба орзуяшон мерасанд. Аммо бо гузашти замон як қувваи пурасрор онҳоро бовар мекунонад, ки амалӣ кардани Достони шахсии онҳо ғайриимкон мебошад.

Он чизе, ки пирамард мегуфт, барои писарбача чандон маъно надошт. Аммо мехост бидонад, ки "қувваи пурасрор" чист? Агар дар ин бора ба духтари тоҷир чизе нақл кунад, вай ба ваҷд хоҳад омад!

"Ин қувваҳо зоҳиран ба назар манфӣ менамоянд, аммо дар асл онҳо ба одамон нишон медиҳанд, ки чӣ гуна онҳо метавонанд Достони шахсии худро дар ҳаёт пайдо кунанд. Онҳо (қувваҳо) рӯҳро мустаҳкам месозанду иродаро обу тоб медиҳанд, чунки дар сайёра як ҳақиқати бузурге вуҷуд дорад – агар дар зиндагӣ шумо ҳар касе, кӣ бошед ё набошед, чизеро ки хоҳиш кунед, ба шарте он сидқан бошад - ин хоҳишатон ҳатман амалӣ мегардад, чунки он аз Ҷони Олам маншаъ мегирад. Ин рисолати[16] шумо дар рӯи замин аст.

"Ҳатто вақте ки мехоҳам ба саёҳат бароям, ё духтари як тоҷирро ба занӣ гирам?"

"Бале, ё ҳатто ганҷеро ҷустуҷӯ кунед. Ҷони Олам аз хушбахтии одамон ғизо мегирад. Инчунин аз ҳасад ва рашк ҷаҳон бадбахт мегардад. Татбиқи Достони шахсӣ вазифаи ягонаи ҳар шахс мебошад. Ҳама чиз ҳамон як чиз аст. Вақте ки чизеро сидқан

[16] Масъулият, вазифа (миссия)

мехоҳед, тамоми олам ба шумо кӯмак мекунад, то ки ба он ноил гардед".

Ҳардуяшон муддате хомӯш монда, ба майдон ва одамон нигоҳ карданд. Аввалин шуда, пирамард ба сухан гуфтан оғоз кард.

"Чаро шумо гӯсфандбонӣ мекунед?"

"Барои он ки ман саёҳат карданро дӯст медорам," - гуфт писарбача.

Пирамард ба нонвойхонае ишора кард, ки соҳибаш дар назди равзанаи дуконаш истода буд.

"Вақте ки нонпаз ҳам ҷавон буд, мехост саёҳат кунад. Аммо аввал тасмим гирифта буд, ки барои худ нонвойхона харад ва баъдан каме маблағе пасандоз намояд. Вақте ки умраш ба калонсолӣ расид, як моҳ ба Африка сафар кунад. Вай то ҳол дарк накардааст, ки одамон дар ҳар лаҳзаи ҳаёташон он чизеро, ки орзу мекунанд, ба мақсадашон мерасанд".

"Вай мебоист тасмим гирад, ки чӯпон шавад," - гуфт писарбача.

"Хуб, вай дар ин бора ҳам фикр мекард," - гуфт пирамард. "Аммо нонпазҳо аз чӯпонҳо дида, худро одамони муҳимтару боқадртар ҳисоб мекунанд. Нонпазҳо хона доранд, дар ҳоле ки чӯпонҳо дар саҳро мехобанд. Падару модарон бештар мехоҳанд, ки духтаронашонро аз чӯпон дида, ба нонпазҳо ба занӣ диҳанд".

Писарбача духтари тоҷирро ба ёд оварду вуҷудаш такон хурд, дардеро дар дилаш ҳис кард.

Албатта, дар шаҳри духтар низ нонвойхонаҳо вуҷуд доранд.

Пирамард суханашро идома дод: “Билохира, он чиро ки одамон нисбат ба чӯпонҳо ва нонпазҳо фикр мекунанд, барои онҳо муҳимтар аз Достонҳои шахсии онҳост.”

Пирамард китобро варақ зад ва ба хондани саҳифае, ки ба он расида буд, оғоз кард. Писарбача як даме мунтазир шуда, ҳамон тавре ки пирамард чанде пеш хондани ӯро халалдор карда буд, ӯ низ ба хондани пирамард монеъ шуда гуфт:

“Чаро ҳамаи инро ба ман мегӯед?”

“Барои он ки шумо кӯшиш карда истодаед, ки Достони шахсии худро амалӣ созед ва айни ҳол дар он лаҳзае қарор доред, ки мехоҳед барои ноил гардидан ба он аз ҳама чиз даст кашед”.

“Дар чунин ҳолат шумо ҳамеша пайдо мешавед?” - гуфт писарбача.

“На ҳамеша бо ин роҳ, аммо ман доимо дар ин ё он шакл пайдо мешавам. Баъзан дар ҳолати ҳал намудани мушкилот ё пайдо намудани фикри хуб ҳозир мешавам. Дар дигар мавридҳо, дар лаҳзаҳои ҳалкунанда, дар сар задани воқеаҳо ҳалли онҳоро осонтар мекунам. Корҳои дигаре ҳастанд, ки ман онҳоро иҷро мекунам, аммо аксар вақт одамон намефаҳманд, ки банда ин корҳоро кардаам”.

Пирамард нақл кард, ки як ҳафта пеш ӯро маҷбур карданд, ки ба назди маъданчие ҳозир шавад ва шакли сангро гирад. Маъданчӣ ҳама чизро тарк

карда, барои истихроҷи маъдан, барои пайдо намудани зумуррад[17] рафта буд. Дар тӯли панҷ сол дар як маҷрои дарё кор мекард ва садҳо ҳазор сангро аз дарё баровarда мешикасту зумуррад меҷуст. Маъданчӣ ноумед гашта, қариб буд, ки аз кори худ даст кашад, дар ҳамон лаҳзае, ки агар ӯ танҳо як санги дигар - танҳо як санги дигарро аз назар бояд мегузарониду зумуррадро меёфт. Азбаски маъданчӣ ҳама чизро қурбони Достони шахсии худ карда буд, пирамард тасмим гирифт, ки ба ӯ ёрӣ расонад. Вай худро ба санге табдил дод, ки то пойи маъданчӣ дар он лағжад. Маъданчӣ бо тамоми хашму ғазаб аз ноомадии кораш дар панҷ соли бесамар - сангро бардошта ба канор партофт. Вай сангро бо чунон қуввае партоб дод, ки санг афтида шикаст ва аз дарунаш зеботарин ва пурқиматтарин зумуррад дар ҷаҳон пайдо шуд.

“Одамон ҳанӯз дар аввали ҳаёташон сабаби ба олам омадани худро медонанд,” - бо алам гуфт пирамард. “Шояд барои ҳамин онҳо аз ин хеле барвақт даст мекашанд. Аммо ин ҳамин тавр аст”.

Писарбача хотиррасон кард, ки пирамард ба ӯ дар бораи ганҷи пинҳон чизе гуфта буд.

“Ганҷ бо қувваи оби равон пайдо мегардад ва онро боз ҳамон ҷараёни об пинҳон мекунад,” - гуфт пирамард. “Агар хоҳед, ки дар бораи ганҷи худ

[17] Навъи санги қиматбаҳои сабзранг, ки аз он нигини ангуштарин, гӯшвора ва ғ. месозанд

маълумот гиред, шумо бояд даҳяки гӯсфандони худро ба ман диҳед”.

“Агар даҳяки ганҷро диҳам, чӣ?”

Пирамард ноумед гардид.

“Агар шумо бо ваъда додани он чизе, ки ҳанӯз онро надоред, оғоз кунед, хоҳиши ба даст овардани он кам мегардад”.

Писарбача гуфт, ки аллакай ваъда додааст, ки даҳяки ганҷи худро ба лӯлие диҳад.

“Лӯлиҳо одамоне ҳастанд, ки мардумро ба ин кор водор мекунанд,” - оҳ кашида гуфт пирамард. “Дар ҳар сурат, хуб аст, шумо фаҳмидед, ки ҳама чиз дар зиндагӣ арзиши худро дорад. Ин ҳамон чизест, ки Ҷанговарони Нур кӯшиш мекунанд, ки онро таълим диҳанд”.

Пирамард китобро ба писарбача баргардонд.

“Фардо, дар ҳамин вақт даҳяки рамаи худро ба ман биёред. Баъд ба шумо чӣ тавр пайдо намудани ганҷи пинҳоншударо мефаҳмонам. Худо нигаҳдорат бошад”.

Пирамард дар майдони бозор нопадид шуд.

***

Писарбача дигарбора ба хондани китоби худ оғоз кард, вале бинобар фикрҳои мухталифе, ки дар сараш тоб мехӯрданд, дигар ба хондан таваҷҷуҳ карда натавонист. Вай ошуфтаву нороҳат буд, зеро медонист, ки пирамард ҳақ аст. Ӯ ба назди нонвойхона рафта, як нон хариду фикр кард, оё ба

нонпаз он чиро, ки пирамард дар бораи ӯ гуфта буд, бигӯяд ё на. Баъзан чизҳоро ҳамон тавре, ки ҳаст мондан беҳтар аст, худ ба худ фикр кард писарбача ва ба қароре омад, ки дар ин хусус ба нонпаз чизе нагӯяд. Агар ӯ чизе мегуфт, нонпаз се рӯзи дигар фикр мекард, ки чӣ тавр онро ба манфиати худ анҷом диҳад, гарчанде ки ӯ ба кори нонвойхона одат карда буд. Вай метавонист коре кунад, ки изтироби нонпазро ба вуҷуд наорад. Писарбача саргардон дар шаҳр гаштугузор карда, худро дар назди дарвоза дид. Дар он ҷо як бинои хурде буд, ки равзанае дошт ва аз он равзана одамон барои ба Африка рафтан чипта мехариданд. Вай аллакай медонист, ки Миср дар Африка аст.

“Ягон хизмат ҳаст?” - пурсид чиптафурӯш аз паси панҷараи равзана.

“Шояд фардо пайдо шавад,” - фикр кард писарбача ва зуд худро аз он ҷо дур кард. Агар як гӯсфандашро мефурӯхт, барои гузаштан ба соҳили дигар шояд кифоягӣ мекард. Ин фикр ӯро тарсонд.

“Боз як хаёлпарасти дигар,” - гуфт чиптафурӯш ба ёрдамчии худ пас аз дур шудани писарбача.

“Вай бечора барои сафар кардан маблағи кофӣ надорад,” - ҷавоб дод ёрдамчӣ.

Ҳангоме ки писарбача дар назди чиптафурӯш истода буд, рамаи гӯсфандони худро ба ёд овард ва ба қароре омад, ки дубора ба чӯпонӣ машғул шавад. Дар давоми ду сол ҳама чизро дар бораи чӯпонӣ, аз ҷумла тарошидани пашми гӯсфандон, нигоҳубини

мешҳои ҳомиладор ва чӣ гуна муҳофизат кардани гӯсфандон аз гургонро аллакай омӯхта буд. Ӯ ҳамаи саҳроҳо ва чарогоҳҳои Андалусро медонист. Вай медонист, ки арзиши ҳар як гӯсфанд чӣ қадар аст.

Писарбача тасмим гирифт, ки ба устохонаи дӯсташ бо роҳи дигар баргардад. Ҳангоме ки аз назди Қалъаи шаҳр мегузашт, бозистод ва тавассути пантус[18] ба болои девори қалъа баромад. Дар он ҷо аз масофаи дур Африка намоён буд. Боре касе гуфта буд, ки Маврҳо аз Африка  омада буданд, то тамоми Испанияро ишғол кунанд.

Вай қариб тамоми шаҳрро аз он баландие, ки истода буд, медид, аз ҷумла майдончаеро, ки бо пирамард суҳбат карда буд. "Лаънат ба он лаҳзае, ки ман бо он пирамард вохӯрдам", - аз дил гузаронд ӯ. Вай ба шаҳр бо мақсади пайдо кардани пиразане омада буд, ки хоби ӯро таъбир кунад. Чӯпон буданаш на ба пиразан ва на ба пирамард тамоман маъқул нашуд.

Онҳо шахсони танҳо буданд ва ба ягон чӣ боварӣ надоштанд, намефаҳмиданд, ки чӯпонҳо бо гӯсфандони худ алоқамандии зич доранд. Вай дар бораи ҳар як гӯсфанди рамааш ҳама чизро медонист: масалан, кадоме аз онҳо мелангад, кадомаш ду моҳ пас таваллуд мекунад ва кадоме аз онҳо танбал аст. Ӯ медонист, ки чӣ тавр онҳоро тарошад ва чӣ тавр забҳ

[18] Роҳрав дар бари зинаҳо барои баромадан ва фаромадани аробаи маъюбон ва кӯдакон

кунад. Боварӣ дошт, ки агар вай гӯсфандонашро тарк кунад, онҳо дар азоб мемонанд.

Шамол вазидан гирифт. Вай ин шамолро медонист: одамон онро боди Левон меномиданд, зеро Маврҳо аз мулки Шом, ки дар охири шарқи Баҳри Миёназамин ҷойгир буд, омада буданд.

Боди Левон шиддат гирифт. "Инак ман барои интихоб дар байни рамаи худ ва ганҷи пинҳон истодаам," - фикр кард писарбача. Байни ҳаёти одаткардааш ва орзуҳояш якеро бояд интихоб кунад. Дар ин байн духтари тоҷир низ буд, аммо вай мисли рамааш он қадар муҳим набуд, зеро рама аз духтари тоҷир вобастагӣ надошт. Шояд духтари тоҷир аллакай писарбачаро фаромӯш карда бошад. Писарбача мутмаин буд, ки дар кадом рӯз ба назди духтари тоҷир зоҳир шуданаш фарқе надорад. Барои духтари тоҷир ҳар рӯз якранг буд ва вақте ки як рӯз ба рӯзи дигар шабеҳ аст, ин маънои онро дорад, ки одамон чизҳои хуби дар ҳаёташон рухдодаро намебинанд, барои онҳо ҳар рӯз офтоб як хел тулӯъ мекунад.

"Ман падару модар ва Қалъаи шаҳрамро тарк кардам. Волидайнам ба дурии ман кайҳо одат кардаанд ва ман ҳам ҳамчунон. Гӯсфандон низ ба набудани ман одат хоҳанд кард," - фикр кард писарбача.

Аз он ҷое, ки вай истода буд, метавонист майдони бозорро мушоҳида кунад. Одамон омадану рафтанро ба нонвойхона идома медоданд. Дар он

курсие, ки бо пирамард нишаста буд, акнун як ҷуфти ҷавон якдигарро мебӯсиданд.

“Он нонпаз ...” - худ ба худ гуфт ӯ, ҳанӯз фикрашро тамом накарда, боди Левон боз ҳам сахттар вазидан гирифт ва шиддати онро дар чеҳрааш ҳис кард. Бале, ин боди Мавр, инчунин бӯи биёбон ва занони ҳиҷобдорро меовард. Ин бод бо худ араҷи ҷабин ва орзуҳои одамонеро, ки як вақтҳо барои ҷустуҷӯи ҷойҳои ношинос, ҷавоҳирот ва саёҳат ба Пирамидаҳо рафта буданд, меовард. Писарбача ба озодии бод ҳасад бурд ва андешид, ки метавонад мисли бод озод бошад. Ғайр аз худаш ӯро дигар чизе боз нахоҳад дошт.  Гӯсфандон, духтари тоҷир ва саҳроҳои Андалус як қадам то Достони шахсии ӯ буданд.

Рӯзи дигар дар нисфирӯзӣ писарбача бо пирамард вохӯрд. Ӯ бо худ шаш гӯсфандро овард.

“Ман ҳайронам,” - гуфт писарбача. “Яке аз дӯстонам ҳама гӯсфандони маро фавран харидорӣ намуда, гуфт, ки ҳамеша орзуи чӯпон шуданро дошт ва ин барояш як фоли нек буд”.

“Ҳамеша ҳамин тавр аст,” - гуфт пирамард. “Инро оғози мусоиди кор меноманд. Вақте ки одамон бори аввал қартабозӣ мекунанд,  бештари вақт  ғолиб меоянд. Навкорон одамони бобароранд.”

“Чаро ин тавр аст?”

“Қуввае ҳаст, ки мехоҳад шумо Достони шахсии худро пайравӣ кунед. Он иштиҳоро бо таъми муваффақият омезиш медиҳад.”

Сипас пирамард ба тафтиши гӯсфандон шурӯъ кард ва дид, ки яктоаш ланг аст. Писарбача фаҳмонд, ки ин он қадар муҳим нест, зеро он гӯсфанд дар рама аз ҳама зирактарин буд ва бештар пашм медод.

"Ганҷи пинҳон дар куҷост?" - пурсид Писарбача.

"Он дар Миср, дар наздикии Пирамидаҳо аст."

Писарбача ҳайрон шуд. Пиразан низ ҳамин чизро гуфта буд. Аммо пиразан барои ин аз писарбача чизе талаб накарда буд.

"Барои пайдо кардани ганҷи пинҳон шумо бояд ба нишонаҳо (аломатҳо) пайравӣ кунед. Худованд роҳеро барои ҳама омода кардааст, ки ҳар кас бояд он роҳро паймоянд. Шумо фақат ба он нишонаҳое, ки бароятон гузошта шудаанд, эътибор диҳед."

Пеш аз он ки писарбача посух гӯяд, як парвона байни онҳо ба парвоз омад. Вай суханони бобояш дар бораи он ки "парвона ба монанди чирчираку малах ва ба мисли калтакалосу юнучқаи чорбарга ба худ фоли нек дорад" - ро ба ёд овард.

"Дуруст гуфтааст," - гуфт пирамард, ӯ метавонист андешаҳои писарбачаро хонад. "Ҳамон тавре, ки бобоятон ба шумо таълим додааст, инҳо нишонаҳои хубанд".

Пирамард пеши ҷомаи худро кушод ва писарбача аз чизи дидааш ба ҳайрат афтод. Пирамард дар рӯи синааш нишони тиллоии вазнин дошт, ки бо сангҳои қимматбаҳо рупӯш карда шуда

буд. Писарбача нуреро, ки рӯзи гузашта мушоҳида карда буд, ба ёд овард.

Вай дар ҳақиқат подшоҳ буд! Нишонро пинҳон кардан лозим аст, то пирамард боз ба дуздон дучор нашавад.

“Инҳоро гиред,” - гуфт пирамард ва сангҳои сафеду сиёҳеро, ки дар маркази нишони сарисинагӣ гузошта шуда буданд, ба писарбача дароз кард. “Инҳо Урим ва Туммим ном доранд. Сиёҳ маънои “ҳа” ва сафед бошад маънои “не”- ро ифода мекунад. Вақте ки нишонаҳоро хонда натавонед, онҳо дар ин кор ба шумо кӯмак мекунанд. Ҳамеша саволҳои мақсаднок диҳед. Агар тавонед, ҳамеша кӯшиш кунед, ки тасмимҳои шахсиатонро худатон қабул намоед. Ганҷи пинҳон дар Пирамида аст, ки шумо аллакай онро медонед. Ман маҷбур будам, ки шаш гӯсфанди шуморо гирам, зеро ман дар тасмим гирифтан кӯмак кардам.

Писарбача сангҳоро дар халтааш андохт. Аз он вақт сар карда минбаъд бояд худаш тасмим мегирифт.

“Аз хотир набароред, ки ҳама корҳое, ки шумо анҷом медиҳед, танҳо як чиз аст ва чизи дигаре нест. Забони нишонаҳоро фаромӯш накунед. Аз ҳама чизи асосӣ то ба охир расонидани Достони шахсии худро аз ёд набароред. Аммо пеш аз мураххас шудан, ман мехоҳам ба шумо як ҳикояи хурдеро нақл кунам,” - гуфт пирамард.

Як дукондор писарашро фиристод, то сирри хушбахтиро аз хирадмандтарин одами ҷаҳон бифаҳмад. Писарак чиҳил рӯз дар биёбон саргардон шуд ва билохира ба қалъаи зебое расид, ки дар болои кӯҳ қарор дошт. Дар он ҷо марди хирадманде зиндагӣ мекард. Ба ҷойи он ки қаҳрамони мо марди хирадмандро пайдо кунад, ҳангоми ворид шудан ба толори асосии қалъа ӯ он ҷойро мисли хонаи занбур дид: тоҷирон меомаданду мерафтанд, одамон дар ҳар кунҷи толор бо ҳам сухбат мекарданд, мутрибон мусиқии ором менавохтанд ва дар болои миз табақҳо бо лазизтарин ғизои он макон гузошта шуда буданд. Марди хирадманд бо ҳама як ба як суҳбат мекард ва писарак бояд ду соат интизор мешуд, то навбаташ расад.

Марди хирадманд тавзеҳоти писаракро дар бораи омадани он бодиққат гӯш карда гуфт, ки барои фаҳмонидани сирри хушбахтӣ вақт надорад. Вай пешниҳод кард, ки писарак ба гирду атрофи қаср гардиш карда, қасрро тамошо кунад ва пас аз ду соат баргардад.

"Феълан, ман мехоҳам, ки шумо кореро анҷом диҳед," - гуфт марди хирадманд ва ба писарак як қошуқчаеро дод, ки ду қатра равған дошт. "Ҳангоме ки шумо дар гирду атрофи қаср давр мезанед, ин қошуқро бо худ баред ва кӯшиш кунед, ки равғанаш нарезад".

Писарак нигоҳашро ба самти қошуқ равона карда, тавассути зинаҳои зиёди қаср ба рафтани

боло ва поён шурӯъ кард. Пас аз ду соат ба ҳуҷрае расид, ки марди хирадманд он ҷо буд.

“Хуб,” - пурсид марди хирадманд. “Оё шумо матоъи форсиро дар толори ошхонаи ман овезон дидед? Шумо боғеро дидед, ки барои бунёдаш боғбон даҳ соли умрашро сарф кардааст? Оё шумо дар китобхонаи ман қоғази руғании зеборо дидед?”

Писарак хиҷолат кашид ва иқрор шуд, ки ҳеҷ чизро мушоҳида карда натавонист. Зеро ягона кӯшишаш ин нарезонидани равғане буд, ки марди хирадманд ба ӯ бовар карда, дода буд.

“Ин тавр бошад, баргард ва муъҷизаҳои ҷаҳони маро тамошо кун,” - гуфт марди хирадманд. “Агар шумо хонаи мардро надонед, пас чӣ тавр ба он бовар карда метавонед?”

Писарак рӯҳафтода шуда, қошукро гирифт ва ба таҳқиқи қаср шурӯъ кард, ин дафъа дар шифтҳо ва деворҳои қалъа ҳамаи асарҳои санъатро тамошо кард. Вай боғҳо, кӯҳҳои гирду атроф, гулҳои зебо ва ҳама чизҳои бо як нозукии хос интихобшударо дид. Ҳангоми баргаштан ба назди марди хирадманд ҳама чизҳои дидаашро муфасал нақл кард.

“Аммо қатраҳои равғане, ки ба шумо бовар карда додам, куҷо шуданд?” - пурсид марди хирадманд.

Писарак ба қошуқи дар дасташ буда нигоҳ карда, дид, ки ҳамаи равған рехтааст.

“Хуб, ман ба шумо танҳо як маслиҳат медиҳам,” - гуфт марди хирадманд. “Сирри

хушбахтии инсон дар дидани ҳама муъҷизаҳои ҷаҳон аст ва ҳамзамон, нарезонидани қатраҳои равғани қошуқ мебошад.”

Писарбача чизе нагуфт. Маънои ҳикояро, ки пирамард ба вай нақл кард, аллакай фаҳмида буд. Чӯпон метавонад сайр кунад, аммо ҳеҷ гоҳ набояд гӯсфандони худро фаромӯш намояд.

Пирамард ба писарбача нигоҳ кард ва дастҳояшро бо ҳам баста, болои сари писарбача чанд ишораи аҷиб кард. Сипас, гӯсфандонашро гирифта, аз он ҷо рафт.

***

Дар нуқтаи баландтарини Тарифа қалъаи куҳнае вуҷуд дошт, ки онро  Маврҳо сохта буданд. Аз болои деворҳои он ҳар кас метавонист ба Африка назар афканад. Мелчизодак - подшоҳи Салим, баъд аз нисфирӯзӣ дар болои  девори қалъа нишаст ва ҳис кард, ки боди Левон ба рӯяш мевазад. Гӯсфандон дар наздикиаш печутоб хӯрда, аз соҳиби нави худ нороҳат буданд ва аз тағйироти зиёд ба ҳаяҷон омада буданд. Он чизе, ки онҳо мехостанд, танҳо ғизо ва об буд.

Мелчизодак як киштии хурдеро, ки навакак аз бандар баромада буд, тамошо мекард. Вай дигар ҳеҷ гоҳ писарбачаро нахоҳад дид, ҳамон тавре ки Иброҳимро пас аз пардохти даҳяки моли худ дигар надида буд. Кори ӯ чунин буд.

Онҳое, ки ҷовидонанд, набояд хоҳише дошта бошанд, чунки онҳо Достони шахсӣ надоранд. Аммо подшоҳи Салим сахт умедвор буд, ки писарбача муваффақ мешавад.

“Мутаассифона, ӯ зуд номи маро фаромӯш хоҳад кард,” - фикр кард пирамард. Ман бояд номамро такрор ба такрор мегуфтам. Сипас, ӯ агар дар бораи ман сухан мекард, мегуфт, ки ман Мелчизодак - подшоҳи Салим ҳастам.”

Ӯ дасташро бардошта, ба осмон нигариста гуфт: “Чунонки ту гуфтӣ - Парвардигори ман ин, “беҳудаи беҳуда” аст, ман инро медонам. Аммо подшоҳи пир баъзан бояд аз худ ифтихор кунад”.

***

“Шояд хеле аҷиб бошад Африка,” - аз дил гузаронд писарбача. Вай дар яке аз қаҳвахонае, ки ба дигар ошхонаҳои кӯчаҳои танги Танҷиер[19] монандӣ дошт, нишаст. Як чанд мард тавассути найчаи дарозе сигор кашида, онро ба якдигар дароз мекарданд. Дар тӯли чанд соат мардонеро дид, ки даст ба даст гирифта роҳ мерафтанд, занони ҳиҷобпӯш ва дигар диндорон ба манораҳо мебаромаданд, муаззин азон мегуфт ва ҳама дар гирди ӯ ба зону зада, пешонаи худро ба замин мегузоштанд.

“Амали кофирон,” - гуфт ӯ худ ба худ. Вай дар кӯдакӣ дар калисо ҳамеша ба симои Сантяго

[19] Шаҳри бандарӣ аз тарафи Африка

Матаморос[20] менигарист, ки дар аспи сафеди худ нишаста, шамшерашро аз ғилоф баркашида буд ва одамоне ба монанди инҳо дар пеши пойи ӯ худро ба зону зада буданд. Писарбача худро бисёр нороҳат ва сахт танҳо ҳис кард. Кофирон нисбати мо назари бад доранд.

Ғайр аз ин, ӯ як ҷузъиётро фаромӯш карда буд - танҳо як ҷузъиётеро, ки метавонист барои пайдо кардани ганҷи пинҳон ба ӯ халали ҷиддӣ расонад. Ин ҳам надонистани забони арабӣ буд.

Соҳиби қаҳвахона ба писарбача наздик шуду ба нӯшокие ишора кард, ки рӯи мизи дигар меистод. Маълум шуд, ки ин чойи талх будааст. Писарбача ба ҷойи чойи талх мехост шароб пурсад.

Аммо ба вай лозим набуд, ки ҳоло дар ин бора фикр кунад. Ӯ бояд дар бораи ганҷи пинҳон ва чӣ гуна пайдо намудани он андеша мекард. Аз фурӯши гӯсфандонаш соҳиби маблағи кофӣ шуда буд ва медонист, ки дар пул сеҳре вуҷуд дорад – ҳар кӣ соҳиби маблағ аст, ҳеҷ гоҳ танҳо нест. Ба наздикӣ, шояд баъди чанд рӯз ба Пирамидаҳо расад. Пирамарде, ки нишони сарисинагӣ дошт, наход барои шаш гӯсфанд шуда, ба ӯ дурӯғ гуфта бошад?

Пирамард дар бораи нишонаҳо (аломатҳо) гуфта буд ва вақте ки писарбача тангии гулӯгоҳро убур мекард, дар ин бора фикр карда буд. Бале, писарбача медонист, ки подшоҳи пир чиро дар назар дорад. Дар тӯли он вақт, писарбача дар саҳроҳои

[20] Ҳомии муқаддаси Испания

Андалус гашта буд ва медонист, ки бо мушоҳида намудани замину осмон кадом роҳро интихоб кунад. Барои вай маълум буд, ки ҳузури кадом як паранда маънои наздик будани морро дорад ва буттазор нишонаи мавҷуд будани обро. Гӯсфандон инро ба ӯ нишон дода буданд.

“Агар Худо гӯсфандонро ин қадар хуб роҳнамоӣ кунад, пас одамонро низ хубтар аз он роҳнамоӣ хоҳад кард”, - ӯ худро бо ин андешаҳояш тасалло медод. Чой камтар талхмазза буд.

“Шумо кӣ ҳастед?” - касе пурсид аз ӯ бо забони испанӣ.

Писарбача як каме сабукиро ҳис кард. Вай дар бораи нишонаҳо фикр мекард, ки касе дар ин вақт пайдо шуд.

“Шумо забони испаниро медонед?” - пурсид писарбача. Одами навомада, як ҷавоне буд, ки либоси ғарбӣ дошт, аммо ранги пӯсташ монанди одамони маҳаллӣ буд. Вай тақрибан ҳамқад ва ҳамсинну соли писарбача буд.

“Қариб ҳама дар ин ҷо бо забони испанӣ ҳарф мезананд. Мо ҳамагӣ дар фосилаи ду соат дуртар аз Испания қарор дорем.

“Шинед ва иҷозат диҳед, то ки барои шумо чизе биёрам,” - гуфт писарбача.

“Барои ман як ҷуръа шароб супориш намо. Маро аз ин чой нафратам меояд.”

“Дар ин кишвар шароб нест,” - гуфт он ҷавон. “Инро дини ислом дар ин ҷо манъ кардааст”.

Писарбача ба ӯ гуфт, ки бояд ба назди Пирамидаҳо равад. Вай қариб буд, ки ҳамаи чизро дар бораи ганҷи пинҳон нақл кунад, аммо зуд аз раъяш гашт, ки набояд ин корро кунад. Агар ин корро мекард, имкон дошт, ки арабҳо як қисми ганҷро ҳамчун пардохти хизмати худ бигиранд. Ӯ ба хотир овард, ки пирамард дар бораи ба касе додани чизе, ки ҳанӯз вуҷуд надорад, гуфта буд.

"Агар тавонед, маро ба он ҷо баред. Ман метавонам ба шумо маблағе пардохт кунам, то ин ки ҳамчун роҳбалад ба ман хизмат намоед".

"Оё шумо тасаввур карда метавонед, ки чӣ гуна ба он ҷо расидан мумкин аст?" - гуфт ҷавони навомада.

Писарбача пай бурд, ки соҳиби қаҳвахона дар назди онҳо истода, сухбати онҳоро бо диққат гӯш мекунад. Ӯ аз ҳузури ин мард худро нороҳат ҳис карда, чизе гуфтан нахост. Аз тарафи дигар, акнун вай роҳбаладро ёфта буд ва намехост фурсатро аз даст диҳад.

"Шумо бояд тамоми биёбони Сахараро убур кунед," - гуфт ҷавон. "Барои ин ба шумо пул лозим аст. Ман бояд донам, ки оё шумо дар ҳақиқат пули кофӣ доред ё не".

Писарбача фикр кард, ки ӯ саволи аҷоиб дод. Аммо ба суханони пирамард эътимод дошт, ки гуфта буд: "Вақте ки шумо дар ҳақиқат чизеро сидқан мехоҳед, олам ҳамеша онро ба фоидаатон ҳал мекунад".

Писарбача пулҳояшро аз халтааш бароварда, ба ҷавон нишон дод. Соҳиби қаҳвахона омада, нигоҳе кард. Ин ду нафар бо арабӣ чанд калима бо ҳам гуфтанд ва ба назар чунин мерасид, ки соҳиби қаҳвахона хашмгин шудааст.

“Биё аз ин ҷо равем,” - гуфт ҷавон. “Ӯ мехоҳад, ки мо ин ҷойро тарк кунем.”

Писарбача як каме осуда шуда, аз ҷояш бархост то ҳисобро пардохт кунад, аммо соҳиби қаҳвахона бо лаҳни дағал чизе гуфтан гирифт. Писарбача боқувват буд ва хост даъво кунад, аммо фикр кард, ки ӯ дар кишвари бегона аст. Дӯсти наваш соҳиби қаҳвахонаро ба як тараф тела дод ва писарбачаро бо худ ба берун бурд.

“Вай ҳамаи пулҳои шуморо кашида гирифтан мехост,” - гуфт ҷавон. “Танҷиер мисли дигар қисматҳои Африка нест. Ин ҷо бандар аст ва ҳар бандарduздони худро дорад”.

Писарбача ба дӯсти нави худ боварӣ дошт. Ӯ ба писарбача дар ҳолати хатарнок кӯмак кард. Писарбача пулҳояшро бароварда ҳисоб кард.

“Мо метавонем то пагоҳ ба Пирамидаҳо расем,” - гуфт ҷавон, пулро аз дасти писарбача гирифта. “Аммо ман бояд ду шутур харам”.

Онҳо якҷоя аз кӯчаҳои танги Танҷиер мегузаштанд. Дар ҳама ҷо дуконҳо пур аз молу ашё барои фурӯш гузошта шуда буданд. Онҳо ба маркази як майдони калон расиданд, ки дар он ҷо бозор ҷойгир буд. Дар он ҳазорон одамон бо ҳам савдо

мекарданд, дар дуконҳо сабзавоту меваҳо, ханҷару шамшерҳо ва қолину тамоку барои фурӯш гузошта шуда буданд. Аммо писарбача ҳеҷ гоҳ аз дӯсти наваш чашмашро намеканд. Охир, вай тамоми пулҳояшро гирифта буд. Вай фикр кард, аз ӯ хоҳиш намояд, ки пулашро баргардонад, аммо тасмим гирифт, ки ин амали дӯстона намебошад. Вай дар бораи урфу одати ватани бегонае, ки дар он буд, чизе намедонист.

“Ман ӯро фақат назорат мекунам,” - гуфт ӯ худ ба худ. Вай медонист, ки аз дӯсташ дида, боқувваттар аст.

Ногаҳон, дар байни ин кашмакашиҳои бозор чашми писарбача ба шамшери зебое, ки то ҳол чунинашро надида буд, афтод. Шамшер бо нуқра кандакорӣ шуда, дастааш сиёҳ ва бо сангҳои қиматбаҳо оро дода шуда буд. Писарбача ба худ аҳд кард, ки ҳангоми аз Миср баргаштанаш ин шамшерро мехарад.

“Аз соҳиби ин дукон пурсед, ки шамшер чӣ қадар арзиш дорад,” - гуфт ӯ ба дӯсташ. Сипас чизеро эҳсос карду чанд лаҳзае парешонхотир шуда, ба шамшер нигоҳ карданро идома дод. Дилаш ба ғаш омада, гӯё синааш якбора фишурда шуд. Вай метарсид, ки ба атроф нигоҳ кунад, зеро медонист, ки чиро мебинад. То даме худро ба даст гирифтанаш боз ба шамшери зебо нигоҳ карданро давом дод. Даруни бозор пуродам буд, одамон меомаданду мерафтанд, ғавғо мекарданд, чизе харидорӣ менамуданд ва бӯи

хӯрокҳои аҷиб ба машом мерасид... аммо дар ҳеҷ куҷо дӯсти ҷавони ӯ пайдо набуд.

Писарбача худро тасалло дод, ки дӯсташ тасодуфан аз ӯ ҷудо шуда, ба куҷое рафтааст. Вай тасмим гирифт, ки дар ҳамон ҷо бимонад ва бозгашти ӯро интизор шавад. Ҳангоми интизорӣ, муаззин ба болои як бурҷи манора баромада, ба азон гуфтан оғоз кард ва ҳама дар бозор ба зону заданд, пешониҳояшонро ба замин расонанд. Сипас, онҳо мисли мӯрчагон дӯконҳои худро кушода монда, ба намозхонӣ рафтанд.

Офтоб майл ба ғуруб мекард. Писарбача муддате самти нишасти офтобро тамошо кард, то он даме ки он дар паси хонаҳои сафеди атрофи бозор пинҳон шуд. Ӯ ба ёд овард – он рӯз ҳангоми субҳ, вақте ки офтоб тулӯъ кард - вай дар як қитъаи дигари дунё ҳанӯз ҳам чӯпоне - соҳиби шаст гӯсфанд ва мунтазири дидор бо духтари тоҷир буд. Он субҳ зимни гузаштан аз майдонҳои Андалус агарки воқеоте рӯй медод, чӣ кор карданашро медонист. Аммо ҳоло вақте ки офтоб ғуруб кард, ӯ дар кишвари дигаре қарор дошт, дар ғарибӣ - дар сарзамини бегонае, ки ҳатто бо забони онҳо ҳарф зада наметавонист. Вай дигар чӯпон набуд, ҳатто пуле барои баргаштан ва ҳама корро аз нав оғоз кардан надошт.

Писарбача фикр кард, ки ҳамаи ин воқеа байни тулуъ ва ғуруби офтоб рух додааст. Ӯ худро тасаллӣ

медод ва афсӯс мехӯрд, ки ҳаёти вай якбора ва ба таври ҷиддӣ тағйир ёфт.

Ӯро чунон алам кард, ки мехост гиря кунад. Вай ҳеҷ гоҳ ҳатто дар назди гӯсфандони худ гиря накарда буд. Акнун дар бозори холӣ ва аз хона хеле дур қарор дошт, гиря кард. Вай гиря кард, зеро ҳаёт нисбаташ  беадолатона рафтор кард ва дузде, ки ба нияти худ бовар дошт, ба мақсад расид.

"Вақте ки рамаи гӯсфандони худро доштам, ман хушбахт будам ва атрофиёнамро шод мегардонидам. Одамон омадани маро медиданд, маро пазирои мекарданд. Аммо ҳоло ман ғамгин ва танҳоям. Ман аз одамон хашмгинам ва ба онҳо боварӣ надорам, зеро як нафар ба ман хиёнат кард. Ман ба онҳое, ки ганҷи худро ёфтанд, нафрат дорам, зеро ин ба ман муяссар нагардид. Бо он чизи каме, ки дорам, қаноат мекунам, зеро ман барои дарк кардани кори тақдир хеле кӯчаку заифам".

Ӯ халтаи худро кушод, то бубинад, ки шояд порае аз сендвиче, ки дар киштӣ хӯрда буд, чизе мондааст. Аммо дар халтааш танҳо китоби вазнин, камзул ва ду сангеро, ки пирамард ба ӯ дода буд, ёфту халос.

Вақте ки ба сангҳо нигарист, аз чӣ сабаб бошад, ки худро андаке сабук ҳис кард. Ӯ шаш гӯсфандро ба ду санги гаронбаҳо, ки аз болои нишони тилло гирифта шуда буданд, иваз карда буд. Ӯ метавонист сангҳоро фурӯшад ва чиптаи бозгашт харад. "Не, ин дафъа ман бояд оқилона рафтор

кунам,” - андешид писарбача ва онҳоро аз халта гирифта, ба кисааш андохт. “Танҷиер як шаҳри бандарӣ ва шаҳрҳои бандарӣ пур аз туздонанд” - ин ягона ҳақиқате буд, ки дӯсти ҷавони туздаш ба ӯ гуфта буд.

Ҳоло фаҳмид, ки чаро соҳиби қаҳвахона хеле хашмгин шуда буд. Вай кӯшиш кард, ки писарбача ба ҷавон бовар накунад. “Ман айнан мисли дигар одамон ҳастам - ҷаҳонро тавре, ки ҳаст, қабул карда наметавонам, балки онро тавре худам мехоҳам, ҳамон хел қабул менамоям”.

Ӯ ангуштони худро оҳиста болои сангҳо молиш дод, ҳарорат ва  сатҳи болоии онҳоро ҳис кард. Онҳо ганҷи ӯ буданд. Аз даст расонидан ба сангҳо худро беҳтар ҳис кард. Ин сангҳо пирамардро ба хотир меоварданд.

“Вақте ки одам чизеро мехоҳад, тамоми олам ӯро кӯмак мекунад, то ин ки ба он ноил шавад,” - гуфта буд пирамард.

Писарбача кӯшиш мекард, ки ҳақиқати гуфтаҳои пирамардро бифаҳмад. Дар он ҷо - дар бозори беодам истода буд, бе ягон маблағ ва бе гӯсфандоне, ки тамоми шаб онҳоро посбонӣ мекард. Аммо сангҳо далели он буданд, ки ӯ бо подшоҳе мулоқот кардааст - подшоҳе, ки аз гузаштаи писарбача огаҳ буд.

“Онҳо Урим ва Туммим ном доранд ва метавонанд ба шумо барои хондани нишонаҳо кӯмак кунанд”. Писарбача сангҳоро дубора ба халта андохт

ва тасмим гирифт, таҷрибаи амалие анҷом диҳад. Пирамард гуфта буд, ки саволҳои мақсаднок диҳад ва барои ин писарбача бояд донад, ки чӣ мехоҳад. Ҳамин тавр, ӯ мехост фаҳмад, ки дуои пирамард дар ҳақаш мустаҷоб шудааст ё не.

Ӯ яке аз сангҳоро аз халта баровард. Ин санги "ҳа" буд.

"Оё ман ганҷи пинҳонро пайдо мекунам?" - пурсид ӯ.

Вай дасташро ба халта андохт ва яке аз сангҳоро эҳсос кард. Ҳангоме ин корро кард, ҳарду санг аз сӯрохии халта ба замин афтоданд. Писарбача ҳатто пай набурда буд, ки дар халтааш сӯрох аст. Ӯ ба зону зада, Урим ва Туммимро ёфт ва онҳоро боз ба халта андохт. Аммо чун дид, ки онҳо дар рӯи замин хобидаанд, як ибораи дигар ба ёдаш омад.

"Шинохтани нишонаҳоро омӯзед ва ба онҳо пайравӣ кунед," - гуфта буд пирамард.

Нишонаҳо. Писарбача худ ба худ табассуме кард. Вай ду сангро аз замин бардошта, боз ба халтаи худ андохт. Вай дар бораи духтани сӯрохӣ фикр ҳам накард - сангҳо метавонистанд дар роҳ аз сӯрохии халта афтанд. Вай фаҳмид, ки баъзе чизҳои муайяне вуҷуд доранд, ки набояд дар бораи онҳо пурсид, то аз Достони шахсӣ нагурезӣ. "Ман ваъда дода будам, ки тасмимҳои худро худам қабул мекунам," - гуфт ӯ худ ба худ.

Аммо сангҳо ба ӯ гуфта буданд, ки пирамард ҳоло ҳам бо ӯст ва ин бовариашро бештар намуд. Вай

бори дигар ба майдони холии бозор нигарист ва худро камтар аз пештар боумедтар эҳсос кард. Ин ҷойи бегона набуд, балки ин ҷойи нав аст.

Охир ӯ ҳамеша мехост ҷойҳои навро бубинад. Ҳатто агар ҳеҷ гоҳ ба Пирамидаҳо нарасад ҳам, вай аллакай аз ҳама чӯпонони шинохташуда дуртар сафар карда буд. “Оҳ, агар онҳо медонистанд, ки ҳамагӣ дар фосилаи ду соат бо қаиқ дуртар рафтан чӣ қадар дигаргуниҳо вуҷуд дорад,” - фикр кард ӯ. Гарчанде ки айни замон вай дар як бозори холӣ қарор дошт, аллакай он ҷойро ҳангоми пур аз одам буданаш, дида буд ва ҳеҷ гоҳ онро фаромӯш нахоҳад кард. Вай шамшерро ба ёд овард ва андӯҳгину озурда шуд, аммо ҳеҷ гоҳ чунин шамшерро надида буд. Ҳангоме ки дар бораи ин чизҳо андеша мекард, фикр намуд, ки аз ду роҳ яктоашро бояд интихоб кунад: ё аз кори кардаи дузди фақир шикаста гардад ва ё ин ки сафари пурмоҷарои худро барои ҷустуҷӯи ганҷи пинҳон идома диҳад.

“Ман як сайёҳ ҳастам, ки ганҷи пинҳонро меҷӯям,” - гуфт ӯ худ ба худ.

***

Писарбачаро касе аз хоб бедор кард. Ӯро дар байни бозор хоб бурда буд ва кор дар бозор дар арафаи оғозёбӣ қарор дошт.

Ба атроф нигоҳ карда, гӯсфандони худро ҷустуҷӯ кард ва баъдан фаҳмид, ки дар дунёи дигаре

қарор дорад. Аммо ба ҷойи ғамгин будан, баръакс хушбахт менамуд. Ӯ дигар маҷбур набуд, ки барои гӯсфандон чарогоҳ ва об ҷӯяд, ба ҷойи ин метавонист ба ҷустуҷӯи ганҷи пинҳон биравад. Вай дар ҷайбаш як дирам надошт, аммо ба худ боварии комил дошт. Вай шаби қабл тасмим гирифта буд, ки як сайёҳи моҷароҷӯ - мисли он қаҳрамонҳои асари китобҳо, ки ба ӯ писанд омада буданд, бошад.

Вай оҳиста - оҳиста бозорро гузашт. Тоҷирон дуконҳои худро мекушоданд ва писарбача ба як фурӯшандаи қаннодӣ барои кушодани дӯконаш кӯмак кард. Дар чеҳраи фурӯшандаи дӯкони қаннодӣ табассум ҳувайдо гашт. Вай бехабар аз маънои зиндагияш – аз он хушбахт буд, ки ба кораш оғоз мекунад. Табассуми дӯкондор ба писарбача - пирамарди пурасрорро, ки бо ӯ вохӯрда буд, ба хотир овард. "Ин тоҷири қаннодӣ корашро чунин ба роҳ намондааст, ки дертар ба ҷое азми сафар кунад ё бо духтари дигар фурӯшанда издивоҷ намояд. Вай фурӯшандагӣ мекунад барои он ки ин кор ба ӯ писанд аст," - фикр кард писарбача. Ӯ фаҳмид, ки метавонад ҳамон кореро кунад, ки пирамард карда буд - ҳис кунад, ки оё шахс барои ноил шудан ба Достони шахсии худ наздик аст ё не. Танҳо бо назар кардан ба онҳо ин осон аст, аммо ҳеҷ гоҳ ин корро накарда будам, фикр кард ӯ.

Вақте ки дӯконро кушоданд, фурӯшандаи қаннодӣ аввалин шириние, ки барои фурӯш омода карда буд, ба писарбача пешниҳод кард. Писарбача

ба ӯ арзи сипос карда, онро хӯрду ба роҳи худ рафт. Вақте ки масофаи кӯтоҳеро тай кард, фаҳмид, ки ҳангоми кушодани дӯкон онҳо яке бо забони арабӣ ва дигаре бо забони испанӣ ҳарф мезаданд. Аммо аҷиб, ки онҳо якдигарро ба хубӣ мефаҳмиданд.

"Бояд забоне бошад, ки аз калима вобастагӣ надошта бошад," - фикр кард писарбача. "Ман ин таҷрибаро аллакай бо гӯсфандони худ доштам ва акнун инро бо одамон бояд таҷриба кунам."

Вай бисёр чизҳои навро меомӯхт. Баъзеи онҳо чизҳое буданд, ки аллакай таҷриба карда буд ва онҳо барояш аслан чизи наве набуданд, аммо пештар ҳеҷ гоҳ ба онҳо эътибор ҳам надода буд. Вай ба ин чизҳо аҳамият намедод, барои он ки ба онҳо одат карда буд. Вай дарк кард, ки агар тавонам ин забонро бидуни калима фаҳмам, пас ман оламро фаҳмида метавонам.

Вай оромона ва бо таҳаммул қарор дод, ки аз кучаҳои танги Танҷиер гузарад. Танҳо дар ҳамин сурат метавонад нишонаҳоро бихонад. Ӯ медонист, ки барои ин сабри зиёд лозим аст, аммо чӯпонҳо ҳама чизро дар бораи сабр медонанд. Бори дигар дар ин сарзамини бегона дид, ки ҳамон дарсҳои бо гӯсфандонаш омӯхтаро дар ин ҷо истифода мекунад.

"Ҳама чиз ҳамон як чиз аст," - гуфта буд пирамард.

***

Тоҷири зарфҳои булӯрӣ[21] дар вақти корӣ – дар дӯконаш аз хоб бедор шуда, ҳамон ташвишеро, ки ҳар саҳар эҳсос мекард, ҳис намуд. Вай сӣ сол боз дар ҳамин як ҷо, дар дӯкони кучаи болои теппа, ки мизоҷи зиёд надошт, кор мекард. Ҳоло барои тағйир додани чизе хеле дер шуда буд, ягона коре, ки метавонист, ин харидан ва фурӯхтани зарфҳои булӯрӣ буд. Замоне дӯкони ӯро бисёриҳо, аз қабили тоҷирони араб, геологҳои фаронсавӣ ва англисӣ, сарбозони олмонӣ, ки одамони доро буданд, медонистанд. Дар он айём, фурӯши зарфҳои булӯрӣ хеле ҳам ривоҷ ёфта буд ва ӯ медонист чӣ кор кунад, ки дар замони пирияш бой бошад.

Аммо бо гузашти замон Танҷиер тағйир ёфт. Шаҳри наздики Танҷиер - Сеута назар ба ин шаҳр зудтар рушд кард ва дар Танҷиер тиҷорат аз байн рафт. Ҳамсояҳо кӯч баста рафтанд ва дар болои теппа танҳо чанд дӯкони хурд боқӣ монду халос. Ҳеҷ кас барои дидани якчанд дӯкони хурд ба болои теппа намебаромад.

Аммо тоҷири зарфҳои булӯрӣ дигар илоҷ надошт. Вай сӣ соли умри худро дар хариду фурӯши зарфҳои булӯрӣ гузаронидааст ва акнун дигар коре карда наметавонад, ки вазъро дигаргун созад.

Вай тамоми субҳ рафтуомади ками одамонро дар куча мушоҳида менамуд ва реҷаи ҳар як шахси гузарандаро медонист. Аммо пеш аз хӯроки

[21] Чиниворие, ки аз шишаи аълосифати шаффоф сохта шуда, дар рӯшноӣ тобиш ва ҷилои зебо медиҳад (зарфҳои кристалӣ)

нисфирӯзӣ як писарбача дар назди мағоза бозистод. Ӯ либоси муқаррарӣ дар тан дошт, аммо чашмони таҷрибадори тоҷири зарфҳои булӯрӣ медиданд, ки писарбача барои харид кардани чизе пул надорад. Новобаста аз ин, тоҷир тасмим гирифт, ки аввал писарбачаро ҷавоб диҳаду баъдан ба танаффуси хӯроки нисфирӯзӣ барояд.

***

Дар эълони болои дар навишта шуда буд, ки дар дӯкон бо чанд забон ҳарф мезананд. Писарбача дид, ки як мард аз пушти витрина пайдо шуд.

"Агар хоҳед, ман зарфҳои булӯриро тоза мекунам," - гуфт писарбача. "Ба намуди зоҳирии онҳо агар нигаред касе намехоҳад аз ин ҷо чизе харидорӣ намояд".

Мард бидуни посух ба ӯ нигоҳ кард.

"Ба ивази ин шумо метавонед ба ман таом диҳед".

Он мард чизе нагуфт ва писарбача ҳис кард, ки бояд қароре қабул кунад. Дар халтаи худ вай камзул дошт – он дар биёбон лозим набуд. Камзулро бароварда, ба тоза кардани зарфҳои булӯрӣ шурӯъ намуд. Дар давоми ним соат ҳамаи зарфҳои булӯриро тоза кард ва ҳангоми кор ду мизоҷ вориди дӯкон шуда, зарфи булӯрӣ харидорӣ намуданд.

Вақте ки тозакуниро ба охир расонид, аз он мард чизе хӯрданӣ хост.

“Биё, ҳамроҳ хӯроки нисфирӯзӣ тановул кунем,” - гуфт тоҷири зарфҳои булӯрӣ.

Ӯ дар болои дар ишорае навишт, ки онҳо ба қаҳвахонаи хурде дар наздикии он ҷо рафтанд. Вақте ки онҳо дар сари мизи ягонаи он ҷо нишастанд, тоҷири зарфҳои булӯрӣ хандид.

“Ба шумо ҳеҷ гуна чизро тоза кардан лозим набуд,” - гуфт ӯ. “Қуръон аз ман талаб мекунад, ки ба одами гурусна хӯрок диҳам”.

“Хуб, пас чаро ба ман иҷозат додед, ки зарфҳоро тоза кунам?” - пурсид писарбача.

“Азбаски зарфҳои булӯрӣ ифлос буданд. Мо ҳардуямон мебоист ақламонро аз фикрҳои бад пок мекардем”.

Вақте ки онҳо хӯрок хӯрданро тамом карданд, тоҷир ба писарбача рӯй оварда гуфт:

“Мехоҳам, ки шумо дар дӯкони ман кор кунед. Ҳангоме ки зарфҳои булӯриро тоза мекардед, ду мизоҷ омаданду зарф харидорӣ карданд ва ин як нишонаи хуб аст”.

“Одамон дар бораи нишонаҳо бисёр мегӯянд,” - фикр кард писарбача. “Аммо онҳо аслан намефаҳманд, ки чӣ мегӯянд. Ҳамон тавре ки ман ин қадар солҳо эҳсос намекардам, ки бо гӯсфандони худ бидуни забон чӣ гуна ҳарф мезанам”.

“Оё шумо мехоҳед, ки барои ман кор кунед?” - пурсид тоҷир.

“Ман то охири рӯз кор карда метавонам,” - гуфт писарбача. “Ман омодаам, ки тамоми шаб то

саҳар кор кунам ва ҳар як порчаи булӯри дӯкони шуморо тоза намоям. Бар ивази ин ба ман пул лозим аст, то пагоҳ ба Миср раҳсипор гардам".

Тоҷир хандид:

"Ҳатто агар шумо зарфҳои булӯриро дар тӯли як сол тоза кунед ҳам... ҳатто агар шумо барои фурӯши ҳар як порча булӯр фоизи хуб ба даст оред ҳам, шумо ҳамоно барои рафтан ба Миср пул бояд қарз гиред. Аз ин ҷо то ба он ҷо садҳо фарсанг[22] роҳи биёбонӣ мавҷуд аст".

Лаҳзае чунон хомӯшӣ он ҷойро фаро гирифт, ки гӯё тамоми шаҳр хоб буд. На садо аз бозорҳо, на баҳсу мунозира дар байни тоҷирон, на азон аз манораҳо шунида мешуд. На дигар умеду ҳавас, на саёҳат, на пирамард ё Достони шахсӣ, на ганҷи пинҳон ва на Пирамидаҳо. Гӯё ҷаҳон хомӯш шуда буд, зеро писарбача рӯҳан шикаста гардид. Вай дар он ҷо нишаста, аз дари қаҳвахонаи холӣ ба берун менигаристу орзу мекард, ки бимирад ва ҳама кор дар ин ҷо то абад хотима ёбад.

Тоҷир бо нигаронӣ ба писарбача нигоҳ кард. Ҳама шодие, ки он нисфирӯзӣ дар писарбача дида буд, ногаҳон аз байн рафт.

"Ман метавонам ба ту як миқдор пул диҳам, ки ба ватанат баргардӣ, писарам," - гуфт тоҷири зарфҳои булӯрӣ.

Писарбача чизе нагуфт. Ӯ аз ҷояш бархоста либосҳояшро дуруст кард ва халтаашро гирифт.

---

[22] Воҳиди дарозӣ, ки наздики 6 км мебошад

“Ман барои шумо кор мекунам,” - гуфт писарбача.

Баъд аз хомӯшии тӯлонӣ ӯ илова кард: “Барои харидани якчанд гӯсфанд ба ман пул лозим аст”.

## ҚИСМИ 2

***

Писарбача қариб як моҳ дар дӯкони зарфҳои булӯрӣ кор кард ва ин шуғле набуд, ки ӯро хушбахт созад. Тоҷири зарфҳои булӯрӣ рӯзи дароз дар пушти витринаи дӯкон истода, ғур-ғур мекард ва ба писарбача мегуфт, ки бо порчаҳои булӯрӣ эҳтиёткорона рафтор намояд, то ин ки чизеро нашиканад.

Новобаста аз ин, писарбача корро дар дӯкон идома дод, зеро тоҷир як марди солхӯрдае буд ва хеле одилона муносибат мекард. Писарбача барои ҳар як порчаи зарфи фурӯхташуда фоизи хуб мегирифт ва аллакай як миқдор пул ҳам пасандоз карда буд. Он саҳар писарбача ҳисобу китоб карда дид, ки агар мисли ҳаррӯза кор кунад, барои харидани якчанд гӯсфанд барои ӯ як сол дар ин дӯкон кор кардан лозим меояд.

“Ман мехоҳам, ки як раф(ак)[23] барои зарфҳои булӯрӣ созам,” - гуфт писарбача ба тоҷир. “Мо метавонем он рафро дар беруни дӯкон ҷойгир кунем

[23] Қафасаи тахтагӣ барои чида мондани зарфҳо, тоқча (стеллаж)

ва диқатти одамонеро, ки аз поёни теппа мегузаранд ба ин ҷо ҷалб намоем.”

“Ман пештар чунин раф надоштам,” - ҷавоб дод тоҷир. “Одамон зимни гузаштан ба он бармехӯранд ва порчаҳои зарфҳои булӯриро метавонанд шикананд”.

“Вақте ки ман гӯсфандони худро ба саҳро мебурдам, баъзан бо мор дучор мешуданд ва бисёре аз онҳо мемурданд. Чунин аст, ҳаёт бо гӯсфандон ва чӯпонон”.

Тоҷир ҷониби мизоҷе баргашт, ки мехост се зарфи булӯрӣ харидорӣ намояд. Вай нисбат ба пештара хеле беҳтар савдо мекард... гӯё ки замони пештара баргаштааст ва ин куча ба яке аз кучаҳои асосии Танҷиер табдил ёфтааст.

“Тиҷорат воқеан ҳам беҳтар шуд,” - гуфт ӯ ба писарбача пас аз рафтани мизоҷ. “Ман акнун хеле беҳтар кор мекунам ва ба зудӣ шумо метавонед гӯсфанд харидорӣ намоед. Магар дар зиндагӣ аз ин бештар чизе талаб кардан равост?”

“Барои он ки мо ба нишонаҳо пайравӣ мекунем,” - нохост гуфт писарбача, сипас аз гуфтааш пушаймон шуд, чунки тоҷир ҳеҷ гоҳ бо пирамард – подшоҳи мулки Салим вонахӯрда буд.

“Инро оғози мусоиди кор меноманд. Навкорон одамони бобароранд. Ҳаёт мехоҳад, ки шумо Достони шахсии худро пайравӣ кунед,” - гуфта буд подшоҳи пир.

Аммо тоҷир ба он чизе, ки писарбача гуфт, мутаваҷҷеҳ шуд. Ҳузури писарбача дар дӯкон ин як нишонаи воқеӣ буд ва бо гузашти замон пул ба хазинаи тоҷир зиёд ворид мешуд ва ӯ аз қабули писарбача ба кор пушаймон набуд. Писарбача аз андозаи муқаррарӣ дида, бештар пул мегирифт, зеро тоҷир бинобар сабаби кам будани савдои зарфҳои булӯрӣ ба писарбача фоизи баланд ваъда карда буд. Ҳамзамон, вай гумон дошт, ки писарбача ба зудӣ гӯсфанд мехараду аз пайи кораш мешавад.

"Чаро шумо мехоҳед ба назди Пирамидаҳо равед?" - пурсид тоҷир ва ба ин васила хост, ки фикри писарбачаро аз сохтани рафҳо дур созад.

"Чунки ман ҳамеша дар бораи Пирамидаҳо нақлҳои аҷиб мешунавам," - посух дод писарбача, аммо дар бораи хоби худ чизе нагуфт. Ҳоло ганҷи пинҳон барои ӯ як хотираи дарднок буд ва кӯшиш мекард, ки дар бораи он фикр накунад.

"Ман дар ин ҷо касеро надидаам, ки танҳо барои дидани Пирамидаҳо биёбони беохиру тафсонро убур кунад," - гуфт тоҷир. "Пирамидаҳо танҳо як тӯдаи санг ҳастанд. Шумо метавонед онро дар ҳавлии худ бунёд кунед".

"Шумо ҳеҷ гоҳ орзуи сафар карданро надоштаед," - гуфт писарбача ва ба ҷониби мизоҷе, ки навакак ба дӯкон ворид гардид, таваҷҷуҳ кард.

Баъди ду рӯз тоҷир бо писарбача оид ба сохтани рафҳо дар беруни дӯкон суҳбат кард.

“Ман дигаргуниро дар кор чандон дӯст намедорам,” - гуфт тоҷир. “Мо ба монанди Ҳасан тоҷири сарватманд нестем. Вай дар кораш агар ба хатогие роҳ диҳад, ба тиҷораташ чандон таъсири манфӣ намерасад. Агар мо хатогӣ кунем, зарари зиёд мебинем”.

“Рост мегӯӣ,” - бо андӯҳ фикр кард писарбача.

“Чаро шумо фикр мекунед, ки мо бояд дар берун рафи зарфҳоро дошта бошем?” - гуфт тоҷир.

“Ман мехоҳам зудтар гӯсфанд харидорӣ намояму аз пайи кори худ шавам. Вақте ки толеъ ба рӯи мо механдад, аз он бояд истифода кард ва ҳарчӣ бештар ба он кӯмак бояд намуд, то он ба мо кӯмак кунад. Инро оғози мусоиди кор меноманд. Навкорон одамони бобароранд”.

Тоҷир чанд лаҳза хомӯш монд. Сипас гуфт:

“Худо ба мо ба воситаи Паёмбар Қуръонро ато фармуда, дар назди мо панҷ вазифа гузошт, ки дар давоми умри худ онро бояд иҷро намоем. Аз ҳама асосӣ ин танҳо ба Худои яккаву ягона бовар доштан, панҷ вақт намоз гузоштан, дар моҳи Шарифи Рамазон рӯза гирифтан ва закоти мол додан аст.”

Тоҷир лаҳзае хомӯш монд. Ҳангоми аз Паёмбар сухан гуфтан чашмонаш пур аз ашк шуданд. Вай марди худотарсу диндор буд ва новобаста аз камбудиҳои доштаи худ, ӯ мехост зиндагиашро тибқи шариати исломӣ ба роҳ монад.

“Вазифаи панҷум кадом аст?” - пурсид писарбача.

“Тавре ду рӯз пеш гуфта будӣ, ки ман ҳеҷ гоҳ орзуи сафар карданро надорам,” - ҷавоб дод тоҷир. “Панҷумин вазифаи ҳар як мусалмон ин анҷом додани маросими ҳаҷ аст. Мо вазифадорем, ки ақаллан як маротиба дар тӯли ҳаётамон ба шаҳри Маккаи Мукаррама сафар кунем. Макка аз Пирамидҳо хеле дуртар воқеъ аст. Вақти ҷавониям мехостам маблағи кофӣ барои харидани дӯкон ҷамъ намоям. Ман фикр мекардам, ки рӯзе сарватманд мешаваму метавонам ба Макка сафар намоям. Ба тиҷорат машғул шудам, лекин ҳеҷ гоҳ наметавонистам ба ҷойе сафар намоям, зеро шахси масъуле набуд, ки тиҷоратамро идора кунад, чунки зарфҳои булӯрӣ хеле нозуканд. Одамон ҳамеша аз назди дӯкони ман гузашта ба сӯи Макка мерафтанд. Баъзе аз онҳо ҳоҷиёни сарватманд буданд, ки бо корвонҳои худ ва ҷамъи хизматгоронашон сафар мекарданд. Баъзе дигарашон бошанд, аз ман ҳам камбағалтар буданд. Ҳамаи онҳое, ки аз ҳаҷ бармегаштанд, хурсанд буданд. Онҳо рамзҳои ҳаҷро бар дари хонаҳояшон овезон мекарданд. Яке аз онҳо кафшдӯзе буд, ки пойафзол таъмир мекард, гуфт: қариб як сол биёбонро убур кардам, аммо хастагиро эҳсос накардам. Ба гуфти ӯ вай бештар дар бозору кӯчаҳои танги Танҷиер аз харидорӣ намудани пӯст барои духтани мӯза бештар хаста мешуд”.

“Пас, чаро ҳоло ба Макка намеравед?” - пурсид писарбача.

“Фикри рафтан ба Макка маро зинда нигоҳ медорад. Вагарна ман тоқати ин ҳама рӯзҳои якрангро дар кори дӯкон бо ин зарфҳои хушку хомӯш, хӯрокхӯрии нисфирӯзӣ дар ҳамон қаҳвахонаи даҳшатборро надорам. Ман метарсам, ки агар орзуи ман амалӣ шавад, бароям зиндагӣ дигар маъние нахоҳад дошт. Шумо дар фикри гӯсфандон ва Пирамидаҳо буда, мехоҳед, ки ин орзуҳоятонро амалӣ созед. Байни мо фарқияте вуҷуд дорад - ман танҳо дар бораи Макка орзу мекунам. Ман аллакай ҳазорҳо маротиба тасаввур кардам, ки биёбонро убур намуда, ба хонаи Каъба расидаам, ҳафт маротиба онро тавоф карда, ба санги он даст расонидам. Ман аллакай шахсонеро тасаввур кардам, ки дар паҳлуям истода, якҷо бо ман суҳбат ва дуо мекунанд. Аммо метарсам, ки ин ҳама бо ноумедӣ тамом мешавад ва ман танҳо орзу карданро дар ин бора афзал мешуморам”.

Он рӯз тоҷир ба писарбача барои сохтани рафҳо барои зарфҳо иҷозат дод. На ҳама метавонанд орзуҳои худро яксон амалӣ намоянд.

***

Дар муддати ду моҳ рафҳои дар берунбуда мизоҷони зиёдеро ба дӯкон ҷалб намуд. Писарбача тахмин кард, ки агар шаш моҳи дигар кор кунад, ба замми он маблағе, ки барои шаст гӯсфанд пасандоз кардааст, метавонад боз барои шаст гӯсфанди дигар

пул ҷамъ намояд ва баъд ба Испания баргардад. Дар тӯли камтар аз як сол вай метавонист теъдоди гӯсфандони худро дучанд намояд ва бо арабҳо тиҷорат кунад, зеро акнун ӯ бо забони аҷиби онҳо ҳарф зада метавонист.

Баъд аз ҳамон рӯзи дар бозор буданаш писарбача дигар ҳеҷ гоҳ Урим ва Туммимро истифода набурд, зеро рафтан ба Миср барои ӯ орзуи амалинашаванда гардид, мисли сафари Макка барои тоҷир. Ба ҳар ҳол, писарбача аз кори худ хушнуд буд ва ҳама вақт дар бораи он рӯзе фикр мекард, ки ҳамчун одами ғолиб ба Тарифа баргардад.

"Шумо ҳамеша бояд донед, ки чӣ мехоҳед," - гуфта буд подшоҳи пир. Писарбача инро хуб медонист ва ҳоло аз рӯи он кор мекард. Шояд ганҷаш ин буд, ки вай ба сарзамини бегона омада, бо дузде вохӯрд ва як дирам сарф накарда, соҳиби маблағи рамаи дукаратаи гӯсфанд гардид.

Ӯ аз худ ифтихор мекард. Вай баъзе чизҳои муҳим, ба монанди кор бо зарфҳои булӯрӣ, бидуни калима ёд гирифтани забон ва нишонаҳоро омӯхта буд...

Яке аз рӯзҳо писарбача дар болои теппа шахсеро дид, ки аз набудани ҷойи муносиб барои нӯшидани об шикоят кард. Писарбача, ки ба шинохтани нишонаҳо одат карда буд, бо тоҷир дар ин бора сухан гуфт.

"Биёед ба одамоне, ки ба теппа мебароянд, чой дам карда, фурӯшем."

“Дар ин ҷо дар бисёр ҷой чой мефурӯшанд,” - гуфт тоҷир.

“Аммо мо метавонем чойро дар зарфҳои булӯрӣ фурӯшем. Мардум аз чой лаззат мебаранд ва ҳамзамон, хоҳиши харидани зарфҳои булӯриро мекунанд. Ба шуниди ман - зебоӣ ин ҷалбкунандаи бузурги мардон аст”.

Тоҷир ҷавоб надод, аммо баъд аз намози пешин дӯконро баста, писарбачаро барои кашидани дуди қалён, ки арабҳо онро тавассути найчаи аҷибе мекашиданд, даъват кард.

“Шумо аслан чӣ мехоҳед?” - пурсид тоҷир.

“Ман аллакай ба шумо гуфтам. Ман бояд рамаи гӯсфандонамро барқарор намоям, аз ин рӯ, бояд ман пул кор кунам”.

Тоҷир ба қалён чанд ангишти нав андохт ва нафаси амиқ кашид.

“Ман сӣ сол боз ин дӯконро дорам. Банда булӯри хубро аз булӯри бад ба хубӣ фарқ мекунам ва ҳама чизро дар бораи булӯр медонам. Ман андоза ва хосияташонро медонам. Агар мо чойро дар зарфи булӯрӣ ба мардум фурӯшем, пас мо бояд дӯконро васеъ кунем. Он гоҳ ман бояд тарзи зиндагии худро тағйир диҳам.

“Бале, ин магар хуб нест?”

“Ман аллакай ба ин тарзи зиндагӣ одат кардаам. Пеш аз он ки шумо ба ин ҷо биёед, дар бораи он фикр мекардам, ки чӣ қадар вақтро дар ҳамин як ҷо беҳуда сарф кардаам, дар ҳоле ки

дӯстонам рафту омад мекарданд, муфлис мешуданд ва ё аз пешина дида бойтар мегардиданд. Бо як рӯҳафтодагӣ ба ин менигаристам. Ҳоло мебинам, ки андозаи дӯконам бароям айни муддаост. Ҳеҷ чизро тағйир додан намехоҳам, зеро намедонам, ки чӣ гуна бо ин дигаргуниҳо мубориза барам. Ман беҳад ба ҳамин тарзи ҳаёт одат кардаам".

Писарбача намедонист, ки чӣ гӯяд. Тоҷир гуфт:

"Худо шуморо бароям фиристод. Ман имрӯз чизеро медонам, ки қаблан онро намефаҳмидам: ҳар неъмате, ки шукргузорӣ намешавад, ба лаънати Худо мубаддал мегардад. Ман аз зиндагӣ дигар чизе намехоҳам. Аммо шумо маро маҷбур мекунед, ки ба молу сарват ва уфуқҳое, ки ман онҳоро ҳеҷ гоҳ намедонистам, назар кунам. Ҳамаи онҳоро дида, акнун эҳсос мекунам, ки имкониятҳоям хеле зиёданд ва акнун худро аз пештара дида, бадтар ҳис мекунам. Зеро медонам, бояд корҳоеро анҷом диҳам, ки ба ман дигар лозим нестанд".

"Хуб аст, ки ман аз гуфтани чизе ба нонпаз дар Тарифа худдорӣ карда будам," - худ ба худ фикр кард писарбача.

Онҳо то ғуруби офтоб як муддате қалёнкаширо идома доданд. Онҳо бо забони арабӣ суҳбат мекарданд ва писарбача аз он ифтихор мекард, ки бо ин забон гап зада метавонад. Замоне фикр мекард, ки гӯсфандонаш қодиранд ба ӯ ҳама чизро таълим диҳанд. Аммо онҳо ҳеҷ гоҳ наметавонистанд ба вай забони арабиро омӯзонанд.

“Эҳтимол дар ҷаҳон чизҳои дигаре низ ҳастанд, ки онҳоро гӯсфандон ба ман таълим дода наметавонистанд,” - фикр кард писарбача ба тоҷир назар афканда. Ҳама коре, ки гӯсфандон мекарданд, аслан ҷустуҷӯи ғизо ва об буд. Шояд онҳо ба ман чизе таълим намедоданд, балки ман аз онҳо меомӯхтам.

“Мактуб[24],” - дар ниҳоят гуфт тоҷир.

“Ин чӣ маънӣ дорад?”

“Барои фаҳмидани ин, шумо бояд араб таваллуд мешудед,” - гуфт ӯ. “Аммо ба забони шумо ин чизе ба монанди “Ҳар чӣ дар насиб аст” мебошад.”

Ҳангоме ки ӯ ангиштҳоро дар қалён хомӯш кард, ба писарбача гуфт, ки метавонад ба фурӯши чой дар дӯкон оғоз кунад. Баъзан ягон роҳи бастани маҷрои дарё вуҷуд надорад.

***

Мардҳо ба болои теппа баромаданд ва бисёр хаста шуданд. Дар болои теппа онҳо дӯкони зарфҳои булӯриро диданд, ки дар он ҷо чойи тароватбахши наъної[25] пешниҳод мекарданд. Онҳо бо зарфҳои булӯрӣ чойнӯшӣ карданд.

“Завҷаи ман ҳеҷ гоҳ дар ин бора фикр накардааст,” - гуфт яке аз онҳо ва чанд зарфи булӯрӣ

[24]Дар ин ҷо ба маънои “насиб” меояд
[25] Пудина

харидорӣ намуд. Вай ҳамон шаб меҳмононро хеле шод кард ва онҳо аз зебоии зарфҳои булӯрӣ ба ваҷд омаданд. Марди дигар қайд кард, ки зарфи булӯрӣ бӯй ва таъми чойро ҳамеша дар худ нигоҳ медорад. Сеюмӣ гуфт, ки дар Шарқ барои нӯшидани чой одамон аз зарфҳои булӯрӣ истифода мебаранд, зеро он қувваи сеҳрнок дорад.

Дере нагузашта, ин хабар ба ҳама ҷо паҳн шуд ва мардуми зиёде ба болои теппа баромадан гирифтанд, то дӯконеро бо чашмони худ бубинанд, ки аз ҳунарҳои хеле қадимӣ чизи наверо истифода мекунанд. Дӯконҳои дигаре кушода шуданд, ки чойро дар зарфҳои булӯрӣ пешниҳод мекарданд, ин гуна дӯконҳо дар болои теппа набуданд ва тиҷорати хурде доштанд.

Дар ниҳоят, тоҷир маҷбур шуд, ки боз ду нафари дигарро ба кор қабул намояд. Вай ба воридоти миқдори зиёди чой ва зарфҳои булӯрӣ оғоз кард ва мағозаи ӯро одамон барои дарёфти чизҳои нав ҷустуҷӯ мекарданд.

Ҳамин тавр моҳҳо гузаштанд.

***

Писарбача пеш аз дамидани субҳ аз хобаш бедор шуд. Аз рӯзе, ки бори аввал ба қитъаи Африка қадам гузошт, ёздаҳ моҳу нуҳ рӯз гузашта буд.

Вай либоси арабии худро, ки аз матои сафед, махсусан барои ин рӯз харида буд, пӯшид. Ӯ рӯймоли

сафедашро ба сар карда, ҳалқаи аз пӯсти шутур сохташударо аз болояш мустаҳкам гузошт. Пойафзоли навро пӯшида, аз зинаҳо хомӯшона ба поён фаромад.

Шаҳр ҳанӯз дар хоб буд. Ӯ барои худ сандвич омода кард ва аз зарфи булӯрӣ чойи гарм нӯшид. Сипас дар ҳавлии аз офтоб пурнуршуда нишаста, қалён кашид.

Вай дар бораи чизе фикр намекард ва танҳо ба садои шамол, ки бӯи биёбонро меовард, гӯш медод. Баъд ба яке аз кисаҳояш дасташро андохта, чизеро гирифт ва чанд лаҳза нишаста, ба он таваҷҷуҳ кард.

Ин як бастаи пул буд. Он барои харидани як саду бист гӯсфанд, чиптаи бозгашт ба Испания ва барои гирифтани иҷозатнома оид ба воридоти маҳсулот аз Африқо ба кишвари худ басандагӣ мекард.

Ӯ сабр карда, интизор шуд, ки тоҷир аз хоб бедор шаваду дӯконро боз кунад. Баъдан ҳар дуяшон чой нӯшанд.

"Имрӯз меравам," - гуфт писарбача. "Ман акнун маблағ барои харидорӣ намудани гӯсфандонро дорам. Шумо ҳам барои рафтан ба Макка маблағи кофӣ доред".

Тоҷир чизе нагуфт.

"Шумо барои ман дуои хайр медиҳед?" - пурсид писарбача. "Шумо аз ҳад зиёд барои ман кӯмак кардаед."

Тоҷир чизе нагуфта, ба омода кардани чойяш идома дод. Сипас ба писарбача рӯй овард.

“Ман бо ту ифтихор мекунам,” - гуфт ӯ. “Шумо ба дӯкони зарфҳои булӯрини ман эҳсоси нав ворид кардед. Аммо медонед, ки ман ба Макка рафтанӣ нестам. Шумо низ нағз медонед, ки худатон ҳам гӯсфанд хариданӣ нестед”.

“Кӣ инро ба шумо гуфт?” - пурсид писарбача ҳайрон шуда.

“Мактуб,” - гуфт тоҷир ва ба писарбача дуои хайр дод.

***

Писарбача ба утоқи худ рафта, анҷомҳояшро ҷамъ кард. Се халта пур шуд. Ҳангоми баромадан дар кунҷи утоқаш халтаи чӯпонии кӯҳнаи худро дид. Даҳони халта баста буд ва дер боз дар бораи он фикр намекард. Ҳангоме ки камзулашро аз халта баровард, фикр кард, ки онро дар куча ба касе ҳадя хоҳад кард, ду санг низ ба замин афтоданд. Инҳо Урим ва Туммим буданд.

Ин сангҳо подшоҳи пир, Мелчизодакро ба ёди писарбача оварданд ва ӯро дар шигифт гузоштанд, ки чанд вақт боз дар бораи подшоҳи пир фикр накардааст. Тақрибан як сол барои пайдо кардани маблағи кофӣ беист кор мекард, то ин ки бо ифтихор ба Испания баргардад.

“Ҳеҷ гоҳ орзу карданро бас накунед,” - гуфта буд подшоҳи пир. “Нишонаҳоро пайравӣ намоед.”

Писарбача Урим ва Туммимро аз халта баровард ва бори дигар эҳсоси аҷибе ӯро фаро гирифт, гӯё ки подшоҳи пир дар паҳлуяш аст. Вай як сол сахт меҳнат кард ва ин нишонаи он буд, ки вақти рафтанаш расидааст.

“Ман ба коре, ки қаблан карда будам, бармегардам,” - фикр кард писарбача. Ҳарчанд гӯсфандон ба ман забони арабиро ёд надодаанд.

Аммо гӯсфандон чизи аз ин ҳам муҳимтарро ба ӯ нишон дода буданд: дар ҷаҳон як забоне мавҷуд буд, ки ҳама онро мефаҳмиданд, ин ҳам забоне буд, ки писарбача дар тӯли фаъолияташ дар дӯкон аз он истифода мебурд, ки барои беҳтар кардани кор дар дӯкон ёрӣ мерасонд. Ин забони шавқу завқ, чизҳое, ки бо муҳаббату дилгармӣ ва ҳадафмандона иҷро мешуданд, инчунин забони ҷустуҷӯи чизе, ки ба он боварӣ ва хоҳиш  карда шуда буд. Танҷиер барои ӯ дигар шаҳри аҷибе набуд ва ҳис мекард, ки ҳамон тавре ки ин маконро кашф карда буд, метавонад ҷаҳонро фатҳ намояд.

“Вақте ки чизе мехоҳед, тамоми олам ба шумо кӯмак мекунад, то ба он ноил шавед,” - гуфта буд подшоҳи пир.

Аммо подшоҳи пир дар он вақт дар бораи ғорат шудани писарбача, доир ба биёбонҳои беохир ва ё роҷеъ ба одамоне, ки орзу доранд, аммо намехоҳанд онро амалӣ намоянд, чизе нагуфта буд.

Ҳамчунин, подшоҳи пир дар бораи Пирамидаҳо, ки танҳо як тӯдаи санганд ё касе метавонад онро дар саҳни ҳавлии худ бино кунад, ҳеҷ маълумоте манзур накард. Инчунин, дар бораи харидорӣ намудани як рамаи калонтар дар вақти доштани маблағи кофӣ низ ҳеҷ чизе нагуфта буд.

Писарбача халтаи худро бардошта ҳамроҳ бо чизҳои дигараш гузошт. Ӯ аз зина поён фаромад ва он тоҷирро дид, ки ду нафар хориҷиро интизор аст, дар ҳоле ки ду муштарии дигар дар атрофи мағоза гашта, аз зарфҳои булӯрӣ чой менӯшиданд. Нисбат ба рӯзҳои дигар дар ин вақти саҳар одамон фаъолтар буданд. Аз ҷое, ки ӯ истода буд, аввалин бор дид, ки мӯйи сари тоҷир ба мӯйи сари подшоҳи пир хеле монандӣ дорад. Инчунин, вай табассуми фурӯшандаи дӯкони қаннодиро дар бозор - дар рӯзи аввали дар Танҷиер буданаш ба ёд овард. Замоне, ки чизе барои хӯрдан ва ҷойи рафтан надошт, ин табассум низ мисли табассуми подшоҳи пир буд.

Чунин ба назар мерасид, ки гӯё вай дар ин ҷо иззи худро гузоштааст, фикр кард ӯ. Аммо, ҳеҷ кадоме аз ин одамон то ҳол бо подшоҳи пир вохӯрӣ накардаанд. Аз тарафи дигар ӯ зоҳиран ба онҳое кӯмак мекунад, ки Достони шахсии худро пайравӣ ва амалӣ кардан мехоҳанд.

Вай бо тоҷири зарфҳои булӯрӣ видоъ накарда рафт. Вай намехост якҷоя бо одамони дар он ҷо буда, гиря кунад. Вай ба Танҷиер ва ба ҳама чизҳои хуби омӯхтааш пазмон хоҳад шуд. Бо вуҷуди ин, ба худ

эътимоди бештар дошт ва ҳис мекард, ки гӯё метавонад ҷаҳонро мағлуб кунад.

“Аммо ман ба саҳроҳое бармегардам, ки дубора рамаи худро нигоҳубин кунам”. Вай инро ба худ бо боварии комил гуфт, аммо аз қарори қабул кардаи худ он қадар розӣ набуд. Вай тамоми сол барои амалӣ кардани ин орзу кор мекард ва акнун ин орзу дақиқа ба дақиқа аҳамияти худро дар назди ӯ гум мекард. Шояд аз он сабаб бошад, ки ин дар асл он орзуи ҳақиқӣ набуд.

Кӣ медонад ... шояд беҳтар аст, ки монанди тоҷири зарфҳои булӯрӣ  бошӣ: ҳеҷ гоҳ ба Макка наравӣ ва зиндагиро ҳамин хел якранг аз сар гузаронӣ, ӯ фикр мекард ва боз худро бовар кунонидан мехост. Аммо вақте ки Урим ва Туммимро дар дасташ нигоҳ медошт, онҳо ба ӯ қувват ва иродаи подшоҳи пирро интиқол медоданд. Тасодуф бошад ва ё шояд ин як нишонае буд, ки вай ба қаҳвахонае, ки рӯзи аввал омада буд, баргашта  даромад. Дузд дар он ҷо набуд ва соҳиби қаҳвахона ба ӯ як пиёла чой овард.

“Ман ҳамеша метавонам ба чӯпонӣ баргардам,” - фикр кард писарбача. Ман нигоҳубини гӯсфандонро омӯхтаам ва онро ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳам кард. Шояд ман ҳеҷ гоҳ дигар имкони рафтан ба Пирамидаҳои Мисрро надошта бошам. Пирамард нишони сарисинагии тиллоӣ дошт ва аз гузаштаи ман бохабар буд. Ӯ дар ҳақиқат подшоҳи хирадманде буд.

Теппаҳои Андалус ҳамагӣ дар масофаи ду соат аз ин ҷо дур буданд, аммо байни ӯ ва Пирамидаҳо бошад як биёбони беканор мавҷуд буд. Писарбача фаҳмид, ки мешавад инро дигар хел тасаввур кард: баръакс масофа то ганҷи пинҳон ба андозаи ду соат наздик шуд, ҳол он ки тай кардани ин фосила як сол тӯл кашид.

“Ман медонам, ки чаро мехоҳам ба назди рамаи гӯсфандон баргардам,” - фикр кард ӯ. Барои он ки ман гӯсфандонро медонам, онҳоро дӯст медорам ва маро ташвиши зиёд намедиҳанд. Аз тарафи дигар, ман намедонам, ки оё бо биёбон дӯст шуда метавонам? Чунки маҳз биёбон ганҷи маро пинҳон кардааст. Агар онро наёбам, ҳамеша метавонам ба хона баргардам. Ман дар ниҳоят маблағи кофӣ барои харҷ кардан дорам. Барои чӣ не?

Ӯ ногаҳон худро хеле хушбахт ҳис кард. Вай ҳамеша метавонист ба чӯпонӣ баргардад ва ё як фурӯшандаи дукони зарфҳои булӯрӣ шавад. Шояд ҷаҳон боз ганҷҳои дигари пинҳон дошта бошад, аммо ӯ орзу дошт ва бо подшоҳе мулоқот карда буд. Ин на ба ҳар кас муяссар мегардад!

Ӯ ҳангоми баромадан аз қаҳвахона нақша кашид. Вай дар ёд дошт, ки яке аз таъминкунандагони бори тоҷири зарфҳои булӯрӣ маҳсулотро тавассути корвонҳо аз биёбон гузаронида, ба он ҷо интиқол медод. Ӯ Урим ва Туммимро дар даст дошт ва барои он ду санг бори

дигар барои пайдо намудани ганҷи худ ба роҳ баромад.

“Ман ҳамеша дар паҳлуи касоне ҳастам, ки мехоҳанд Достони шахсии худро амалӣ кунанд,” - гуфта буд подшоҳи пир.

“Гузаштан ба анбор барои фаҳмидани масофа то Пирамидаҳо чӣ қадар арзиш дошта бошад?” - гуфт писарбача.

***

Марди англис дар болои хараке нишаста буд, ки аз он бӯйи бади ҳайвонҳо, араќи бадан ва хок меомад. Як қисми бино анбор ва қисми дигараш оғилхона буд. Ман ҳеҷ гоҳ фикр намекардам, ки дар чунин ҷой хоҳам истод, фикр кард, марди англис ҳангоми саҳифа задани маҷаллаи кимиёгарӣ. Даҳ сол дар донишгоҳ таҳсил кардаму имрӯз дар оғилхона қарор дорам.

Аммо ӯ бояд ба пеш ҳаракат намуда, ба нишонаҳо пайравӣ намояд. Тамоми ҳаёташ ва ҳамаи таҳсилоти кардааш барои дарёфти як Забони ҳақиқии Ҷаҳонӣ нигаронида шуда буд. Аввал вай забони Эсперанто[26], баъдан динҳои ҷаҳониро омӯхта, ҳоло шавқи омӯзиши кимиёгариро дорад. Вай бо забони Эсперанто озодона ҳарф мезад, ҳама динҳои асосиро хуб медонист, аммо ҳанӯз ҳам кимиёгар набуд. Ӯ албатта баъзе асрори муҳимро кашф карда буд ва

[26] Як навъи забони сунъӣ

ҳоло бошад дар гузаронидани тадқиқотҳояш умуман пешравие надошт. Вай барои барқарор кардани робита бо кимиёгар кӯшишҳои зиёде намуд. Аммо кимиёгарон одамони аҷиб буданд, ки танҳо дар бораи худ фикр мекарданд ва ҳамеша аз гирифтани кӯмак саркашӣ менамуданд. Кӣ медонад, шояд онҳо сирри Кори Устод - Санги Фалсафаро кашф карда натавонистанд ва аз ҳамин сабаб онҳо дониши худро дар худ нигоҳ медоштанд?

Марди англис аллакай қисми зиёди мероси аз падараш боқӣ мондаро дар ҷустуҷӯи бенатиҷаи Санги Фалсафа сарф карда буд. Ӯ вақти зиёди худро дар китобхонаҳои бузурги ҷаҳон гузаронида, ҳама ҷилдҳои нодиртарин ва муҳимтарини кимиёгариро харидорӣ кард. Дар яке аз китобҳо хонда буд, ки чандин сол пеш як кимиёгари машҳури араб ба Аврупо сафар намуд. Гуфта мешуд, ки ӯ беш аз дусадсол умр дошт, Санги Фалсафа ва Оби Ҳаётро кашф кардааст. Марди англис аз шунидани ин ҳикоя сахт ҳайразада шуда буд. Агар дӯсташ, ки навакак аз экспедитсияи археологӣ, аз биёбон баргашта буд, дар бораи он чизе намегуфт, ҳамаи ин барои марди англис ҳамчун як афсона боқӣ мемонд.

“Ин араб дар минтақаи Ал-Файюм зиндагӣ мекунад,”- гуфт дӯсташ. “Одамон мегӯянд, ки вай дусадсола аст ва ҳар намуд фулузро[27] ба тилло мубаддал мегардонад”.

[27] Ҷисми маъданӣ, оҳан (металл)

Марди англисро ҳаяҷон фаро гирифт. Ӯ ҳамаи барномаву вохӯриҳояшро бекор карда, китобҳои асосияшро ҷамъ овард ва ҳоло бошад, дар ин ҷо, дар дохили ниманбору нимоғилхонаи пур аз чангу ғубор нишаста аст. Дар беруни анбор корвони азиме барои убури Сахара тайёрӣ медид ва мебоист тавассути Ал-Файюм гузарад.

“Ман мехоҳам он Кимиёгари лаъинро ёбам,” - фикр кард марди англис. Акнун бӯйи бади ҳайвонот як каме таҳаммулпазир гардида буд.

Ҷавони арабмонанд - писарбача, ки борашро низ ба корвон бор кардани буд, вориди он анбор шуда, ба марди англис салом дод.

“Шумо ба куҷо бор бастаед?” - пурсид ҷавони арабмонанд.

“Ман ба биёбон меравам,” - ҷавоб дод марди англис ва ба хондани китоб идома дод. Вай намехост дар ин лаҳзаҳо суҳбат кунад. Ӯ ҳама чизҳои дар тӯли солҳо омӯхтаашро аз нав бояд такрор мекард, зеро ба Кимиёгар албатта имтиҳон хоҳад супурд.

Ҷавони арабмонанд - писарбача китобе бароварда ба хондан шурӯъ кард. Китоб бо забони испанӣ навишта шуда буд. Ин хуб аст, фикр кард марди англис. Вай бо забони испанӣ беҳтар аз арабӣ ҳарф мезад ва агар ин писарбача ба Ал-Файюм равад, он гоҳ марди англис метавонист дар вақтҳои холӣ бо ӯ суҳбат кунад.

***

“Ин аҷиб аст,” - гуфт писарбача, бори дигар кӯшиш кард, ки маросими дафнро, ки дар оғози китоб омадааст, аз нав хонад. “Ман ду сол боз кӯшиш кардам, ки ин китобро хонам ва ҳеҷ гоҳ аз ин чанд саҳифаи аввал зиёд хонда натавонистам”. Гарчанде дар наздаш подшоҳи пир – Мелчизодак набуд, ки хонданро қатъ кунад, вале ҳанӯз ҳам наметавонист фикрашро дар хондани китоб тамаркуз намояд.

Ӯ то ҳанӯз дар бораи қарори қабулкардааш шубҳа дошт. Аммо тавонист як чизро ба хубӣ фаҳмад, ки қабули қарор танҳо оғози корҳо аст.

Вақте ки касе барои иҷрои коре тасмим мегирад, вай воқеан ба ҷараёни[28] сахт худро меандозад ва ин ҷараён ӯро ба ҷойҳое мебарад, ки ҳатто шахс дар бораи он орзу ва фикр ҳам карда наметавонад.

Вақте ман қарор додам, ки ганҷи пинҳони худро ҷустуҷӯ кунам, ҳеҷ гоҳ тасаввур намекардам, ки дар дӯкони зарфҳои булӯрӣ кор хоҳам кард, фикр кард писарбача. Шояд шомил шудан ба ин корвон тасмими ман бошад, аммо ба куҷо рафтани он як сирре мебошад, ки бароям ноаён боқӣ хоҳад монд.

Дар паҳлуяш он марди англис китоб мехонд. Рафтори марди англис барояш дӯстона ба назар намерасид ва ҳангоми ворид шудани писарбача ба

[28] ҷорӣ шудан, равон шудан, мисол ҷараёни об

анбор ӯ хашмгин менамуд. Онҳо шояд дӯст ҳам шуда буданд, аммо марди инглис суҳбатро қатъ карда буд.

Писарбача китобашро пӯшид. Ӯ намехост коре кунад, ки ба марди англис монанд намояд. Вай Урим ва Туммимро аз кисааш гирифта, бо онҳо бозӣ кардан гирифт.

Марди англис фарёд зад:

“Урим ва Туммим!!!”

Ҳамон лаҳза писарбача онҳоро боз ба ҷайбаш гузошт.

“Ин сангҳо барои фурӯш нестанд,” - гуфт писарбача.

“Онҳо чандон арзиш ҳам надоранд,” - ҷавоб дод марди англис. “Онҳо танҳо аз санг сохта шудаанд ва дар рӯи замин миллионҳо намуди санг мавҷуд аст. Онҳое, ки ин чизҳоро медонанд, мефаҳманд, онҳо Урим ва Туммиманд. Ман намедонистам, ки ин сангҳо дар ин қисмати ҷаҳон ҳам вуҷуд доранд”.

“Инҳоро подшоҳ ба ман туҳфа кардааст,” - гуфт писарбача.

Марди англис ҷавоб надод, баръакс, дасташро ба кисааш андохт ва ду санги ба онҳо монандро баровард.

“Оё шумо подшоҳ гуфтед?” - пурсид марди англис.

“Фикр мекунам, шумо бовар намекунед, ки подшоҳ бо шахсе мисли ман - чӯпон суҳбат кунад,” - гуфт писарбача ва хост ба суҳбат хотима бахшад.

“На, ин тавр нест,” - гуфт марди англис. “Маҳз чӯпонон аввалин шуда, подшоҳеро эътироф карданд,

ки боқимондаи ҷаҳон онро эътироф накарда буд. Барои ҳамин ҷойи тааҷҷубаш нест, агар подшоҳон бо чӯпонҳо суҳбат кунанд”.

Аз тарси он ки писарбача нафаҳмад ӯ чиро дар назар дорад, идома дод: “Ин дар Китоби Муқаддас[29] омада аст. Ҳамон китобе, ки маро дар бораи Урим ва Туммим таълим дода буд. Ин сангҳо ягона намуди фолбиние мебошанд, ки Китоби Муқаддас онро иҷозат додааст. Рӯҳониҳо (кашишҳо) онҳоро дар нишони тиллоии рӯисинагӣ мегардонданд”.

Писарбача ногаҳон аз он ки ба анбор омада буд, хурсанд шуд.

“Шояд ин як нишонаест,” - гуфт марди англис, мисле ки фикрашро бо овоз ифода кард.

“Кӣ ба шумо дар бораи нишонаҳо гуфт?” - таваҷҷуҳи писарбача лаҳзае афзуд.

“Ҳама чиз дар ҳаёт нишона аст,” - гуфт марди англис маҷаллаашро пӯшида истода. “Як Забони Ҷаҳонӣ вуҷуд дошт, ки онро ҳама мефаҳмиданд, аммо он аллакай фаромӯш шудааст. Ман дар ҷустуҷӯи он Забони Ҷаҳонӣ ва дигар чизҳо мебошам. Барои ҳамин дар ин ҷо ҳастам. Ман бояд одамеро ёбам, ки Забони Ҷаҳониро медонад. Он одам Кимиёгар мебошад”.

Суҳбати онҳоро соҳиби анбор катъ намуд.

---

[29] Китоби масеҳиён, ки ба ду бахш: Аҳди қадим ва Аҳди ҷадид тақсим мешавад.

“Барои ҳардуи шумо хушбахтӣ мехоҳам,” - гуфт араби фарбеҳ. “Имрӯз корвон ба Ал-Файюм раҳсипор мегардад”.

“Ман ба Миср меравам,” - гуфт писарбача.

“Ал-Файюм дар Миср аст,” - гуфт араб ва илова намуд, “Шумо чӣ гуна араб ҳастед?”

“Ин як нишонаи хушбахтӣ аст,” - гуфт марди англис пас аз рафтани араби фарбеҳ. “Агар ман метавонистам, танҳо дар бораи калимаҳои “бахт” ва “тасодуф” як энсиклопедияи бузург менавиштам. Маҳз бо ҳамин калимаҳо Забони Ҷаҳонӣ навишта шудааст.”

Вай ба писарбача гуфт, ки тасодуфан нест, ки ӯро бо Урим ва Туммим дар даст вохӯрдааст. Марди англис аз писарбача пурсид, ки оё ӯ низ дар ҷустуҷӯи Кимиёгар аст?

“Ман ганҷи пинҳонро меҷӯям,” - гуфт писарбача ва дарҳол аз гуфтааш пушаймон шуд. Аммо зоҳиран марди англис ба он аҳамият надод.

“Аз як ҷиҳат ман ҳам ҳамин тавр,” - гуфт марди англис.

“Ман ҳатто намедонам, Кимиёгар кист?” – гуфт писарбача вақте соҳиби анбор онҳоро ба берун даъват кард.

***

“Ман Корвонсолор[30] ҳастам,” - гуфт марди ришдоре. “Банда ҳаёт ва мамоти шахсонеро, ки бо худ мебарам, ба уҳда мегирам. Биёбон ба мисли як бонуи инҷиқ аст, баъзан вай мардонро девона мекунад”.

Дар он ҷо қариб дусад нафар одам ва чорсад ҳайвон, аз қабили шутур, асп, хачир ва парандаҳо ҷамъ шуда буданд. Дар миёни ин ҷамъият занону кӯдакон ва теъдоди муайяне аз мардони шамшердор ва силоҳдор низ буданд. Марди англис якчанд ҷомадонҳои пур аз китоб бо худ дошт. Садои ғавғо баланд шуд ва Корвонсолор маҷбур шуд, ки чанд маротиба такрор ба такрор ба мардум фаҳмонад.

“Дар ин ҷо одамони гуногун ҷамъ омадаед ва ҳар яки шумо дини худро доред. Аммо ягона Худое, ки ман ба он бовар дорам, ин Аллоҳи бузург аст ва ба номи он Худо қасам мехӯрам, ки барои ғалаба кардан бар биёбон ҳама кори аз дастам меомадаро мекунам. Аммо ман мехоҳам, ки ҳар яки шумо ба худоҳое, ки ба он бовар мекунед, қасам хӯред, ки фармонҳои маро бечунучаро иҷро хоҳед кард. Дар биёбон беитоатӣ маънои маргро дорад”.

Садои ғулғула баромад. Ҳар яке оромона ба Худои худ қасам ёд мекард. Писарбача ба номи Исои Масеҳ қасам хӯрд. Марди англис чизе нагуфт. Ғулғула назар ба ёд кардани қасами оддӣ дарозтар

[30] Сардори мусофирону савдогарони бо корвон сафаркунанда, сардори қофила.

тӯл кашид. Мардум инчунин ба осмон рӯ оварда, барои муҳофизат дуо мекарданд.

Садои табл баланд шуд ва ҳама аз ҷой бархостанд. Писарбача ва марди англис шутур харида буданд ва бидуни боварӣ ба онҳо савор шуданд. Писарбачаро ба шутури марди англис раҳмаш омад, чунки дар болои он чанд сандуқи китоб бор карда шуда буд.

"Тасодуф вуҷуд надорад," - гуфт марди англис ва ба суҳбате, ки дар анбор қатъ шуда буд, баргаршт. "Ман дар ин ҷо ҳастам, зеро як дӯсти ман дар бораи арабе шунид, ки..."

Аммо корвон ба ҳаракат даромад ва шунидани он чизе, ки марди англис мегуфт, ғайриимкон буд. Писарбача чӣ гуфтани ӯро медонист: ҳалқаҳои занҷири пурасрор - як чизро бо чизи дигар мепайвандад - ҳамон занҷире, ки ӯро ба чӯпон шудан водор карду хоббинии такроршаванда боиси рафтан ба шаҳри наздики Африка гардид, пайдо шудани подшоҳи пир ва ғорат шудани писарбача ва кор кардан барои тоҷири зарфҳои булӯрӣ ва...

Писарбача фикр мекард, ки ҳар қадар шахс ба Достони шахсии худ наздиктар шавад, ҳамон қадар Достони шахсӣ сабаби аслии зинда буданаш мегардад.

Корвон ба самти шарқ ҳаракат кард. Корвон субҳ роҳ тай мекарду вақте ки ҳаво гарм мешуд, бозмеистод ва баъд аз нисфирӯзӣ дубора ба роҳ рафтан оғоз мекард. Писарбача бо марди англис, ки

бештари вақти худро бо китобҳояш мегузаронд, хеле кам суҳбат мекард.

Писарбача хомӯшона раванди рафтани ҳайвонот ва одамонро дар саросари биёбон мушоҳида мекард. Ҳоло ҳама чиз аз он рӯзе, ки онҳо ба роҳ баромада буданд, комилан фарқ мекард: он вақт ҳама бетартибу бенизом буд ва доду фарёд, ғавғои кӯдакон ва садои ҳайвонот бо фармонҳои асабонии роҳбаладон ва тоҷирон бо ҳам омехта шуда буданд.

Аммо дар биёбон танҳо садои боди доимӣ ва садои суми пойи ҳайвонот шунида мешуду халос. Ҳатто роҳбаладон бо якдигар хеле кам сухан мегуфтанд.

"Ман борҳо тавассути ин биёбонҳо гузаштаам," - гуфт яке аз шутурбонон[31]. "Аммо биёбонҳо он қадар бузург ва уфуқҳо хеле дуранд, ки инсон дар назди онҳо худро хеле хурд ҳис мекунад ва гӯё ӯ бояд хомӯш бошад."

Гарчанде писарбача пеш аз ин ба биёбон пой нанихода буд, маънои онро ба таври интуитивӣ фаҳмид. Ҳар гоҳе ки ӯ баҳр ё оташеро медид, хомӯш меистод ва аз қувваи онҳо мутаассир мешуд.

"Ман баъзе чизҳоро аз гӯсфандон ва баъзеи дигарашро аз зарфҳои булӯрӣ омӯхтам," - фикр мекард ӯ. "Аз биёбон низ чизе метавонам омӯхт. Ин кори қадима ва оқилона аст."

---

[31] Ронандаи шутур, сорбон

Вазидани бод ҳеҷ гоҳ қатъ намешуд ва писарбача он рӯзеро, ки дар қалъаи Тарифа нишаста буд ва ҳамон шамоле, ки дар рӯяш мевазид, ба ёд овард. Он ба писарбача пашми гӯсфандонашро хотиррасон кард ... гӯсфандони ӯ чун ҳарвақта дар саҳроҳои Андалус ғизо ва об меҷустанд.

"Онҳо дигар гӯсфандони ман нестанд," - ҳасрат нахӯрда, гуфт ӯ худ ба худ. "Онҳо бояд ба чӯпони нави худ одат карда, шояд аллакай маро фаромӯш карда бошанд. Ин хуб аст. Махлуқот ба монанди гӯсфандоне, ки ба сафар одат кардаанд, фақат ҳаракат карданро медонанд".

Вай дар бораи духтари тоҷир фикр кард ва мутмаин буд, ки эҳтимол вай издивоҷ кардааст. Шояд ба ягон нонпаз ва ё дигар чӯпоне, ки хонданро метавонист ва ҳикояҳои ҳаяҷонбахш ба ӯ нақл мекард ба шавҳар баромада бошад - дар ниҳоят, шояд он чӯпон ва нонпаз ягона хостгор ҳам набуданд. Аммо аз фаҳмиши интуитивии худ оид ба шарҳи шутурбон ба ҳаяҷон омад: шояд вай Забони Ҷаҳониро низ омӯхта буд, ки бо ҳаёти гузашта ва имрӯзаи одамон сарукор дошт. Инро "пешбинӣ" меномид модари ӯ. Писарбача дарк кард, ки интуитсия воқеан ғарқшавии рӯҳ ба ҷараёни умумиҷаҳонии ҳаёт аст, ки дар он таърихи ҳама одамон бо ҳам алоқаманд аст ва мо метавонем ҳама чизро донем, зеро ҳама чиз дар он ҷо навишта шудааст.

"Мактуб," - гуфт писарбача тоҷири зарфҳои булӯриро ба ёд овард.

Баъзе қитъаҳои биёбон регзор ва баъзе ҷойҳои дигараш санглох буданд. Вақте ки корвон ба санглохе мерасид, маҷбур буд, ки онро давр занад ва агар майдони санглох калон мебуд ва ё аз кӯҳу теппаи сангӣ иборат мебуд, онро бояд тавассути як роҳи дуру дарози инҳирофӣ[32] тай мекарданд. Агар қум барои суми пойи ҳайвонот хеле нозук мебуд, он гоҳ онҳо роҳеро меҷӯстанд, ки зичии қумаш бештар бошад. Баъзе ҷойҳоро намаки кӯлҳои хушкшуда фаро гирифта буд. Дар чунин ҷойҳо ҳайвонҳо дигар роҳ намерафтанд ва шутурбонон маҷбур мешуданд, ки аз ҷонварон фуруд оянд ва бори худро фароранд. Шутурбонҳо борҳоро бардошта, аз он ҷойҳо мегузарониданд ва баъдан баргашта ба шутурҳо аз нав бор мекарданд. Агар роҳбалад бемор мешуд ва ё мемурд, шутурбонҳо тариқи қуръапартоӣ роҳбалади навро интихоб мекарданд.

Новобаста аз он ки чанд маротиба роҳи гардишу даврзанӣ иваз мешуд, корвон ҳамоно ба сӯи нуқтаи муайяншуда ҳаракат мекард. Пас аз бартараф кардани монеаҳо, ҳамин ки корвон ба самти муқаррарии худ бармегашт, онҳо аз рӯи ситораҳо минтақаро муайян мекарданд. Вақте ки одамон дар субҳ ба ситораи дурахшон менигаристанд, онҳо медонистанд, ки ба самти дуруст ба сӯи об, дарахтони хурмо, паноҳгоҳҳо ва одамони дигар равонаанд. Танҳо марди англис аз ҳамаи ин бехабар

[32] Бинобар сабаби вайронии роҳ аз бари он убур кардан

буд, чунки вақти зиёдро ғарқи мутолиаи китобҳояш мекард.

Писарбача ҳам китоби худро дошт ва дар тӯли чанд рӯзи аввали сафар кӯшиш карда буд, ки онро бихонад. Аммо ба ӯ мушоҳида кардани корвон ва гӯш додан ба бод хеле ҷолибтар буд. Ҳамин ки писарбача шутурашро беҳтар омӯхту бо ӯ робита барқарор кард, китобро партофт. Новобаста аз он ки писарбача хурофотеро таҳия карда буд ва ҳар дафъае, ки китобро мекушод, чизи муҳимеро меомӯхт, вай қарор дод, ки ин китоб як бори нолозим аст.

Ӯ бо шутурбоне, ки ҳамроҳаш сафар мекард, дӯст шуд. Шабона, вақте ки онҳо дар гирди оташ менишастанд, писарбача ба шутурбон саргузаштҳои чӯпониашро нақл мекард.

Дар яке аз ин сухбатҳо шутурбон аз зиндагии худ нақл кард.

"Замоне ман дар наздикии Ал - Қаирум зиндагӣ мекардам," - гуфт ӯ. "Ман боғ, фарзанд ва як зиндагии хуб доштам, ки фикр мекардам то дами марг он тамоман тағйир намеёбад. Як замоне, вақте ки аз замин ҳосили хуб гирифтам, ҳамаамон - оилавӣ ба Макка рафтем ва ман охирон фарзи ҳаётамро иҷро кардам. Акнун метавонистам ҳамчун одами хушбахт бимирам ва ман аз ҳама чиз розӣ будам".

"Як рӯз замин ҷунбид ва дарёи Нил аз соҳилҳояш баромада, обхезӣ ба вуҷуд омад. Ман фикр мекардам, ки чунин воқеот танҳо бо дигарон

рӯй дода метавонаду бо ман ҳеҷ гоҳ не. Ҳамсояҳои ман метарсиданд, ки ҳама дарахтони зайтунашонро об вайрон мекунад ва завҷаам бошад аз он метарсид, ки мо фарзандони худро аз даст медиҳем. Фикр мекардам, ки ҳама чизи ман ба нестӣ меравад. Замин вайрон шуд ва маҷбур шудам, ки роҳи дигари даромадро барои зиндагӣ пайдо кунам. Ҳамин тавр, ҳоло шутурбон ҳастам. Аммо он фоҷеа ба ман нишон дод, ки маънии суханони Аллоҳро фаҳмам: "Одамон набояд аз номаълумӣ тарсанд, барои он ки ҳар кас лаёқати дарёфти чизи ниёздошта ва хостаашро дорад".

"Мо барои аз даст додани ҷону танамон, молу мулкамон ва дигар чизҳоямон метарсем. Аммо вақте мефаҳмем, ки такдири мо ва таърихи ҷаҳон бо як даст навишта шудааст, ин тарс аз байн меравад".

Баъзан корвони онҳо бо дигар корвонҳо вомехӯрд. Яке ҳамеша чизе дошт, ки ба дигаре лозим буд, гӯё ҳама чиз дар ҳақиқат бо як даст навишта шудааст. Дар гирди оташ нишаста, шутурбонҳо дар бораи биёбон ва тӯфону шамолҳо қиссаҳо мегуфтанд.

Баъзан мардони пурасрори кулоҳдор пайдо мешуданд. Ин мардон одамони бадавӣ[33] буданд, ки масири корвонҳоро назорат мекарданд. Онҳо дар бораи дуздон ва перомуни қабилаҳои барбарӣ (барбарҳо)[34] ба корвонҳо хабар медоданд. Бадавиён хомӯшона меомаданд ва бо ҳамон роҳи омадаашон

[33] саҳронишин, бодиянишин, биёбонӣ

[34] Қабилаҳои ҷоҳил, ки нисбат ба юнониҳо ва румиён дағалӣ мекарданд

баргашта мерафтанд. Онҳо дар тан либоси сиёҳ дошта, танҳо чашмонашон аён буд. Шабе як шутурбон ба назди оташе омад, ки марди англис ва писарбача дар он ҷо нишаста буданд.

“Овозаҳо дар бораи ҷангҳои қабилавӣ расида истодааст,” - гуфт ба онҳо.

Ҳар се  хомӯш шуданд. Писарбача қайд кард, ки дар фазо ҳисси тарс вуҷуд дорад, гарчанде ки касе дар ин бора чизе нагуфтааст. Вай бори дигар ҳис кард, ки Забони Ҷаҳониро бидуни калима мефаҳмад....

Марди англис пурсид, ки оё онҳо дар хатар ҳастанд.

“Вақте ки шумо ба биёбон ворид мешавед, дигар роҳи бозгашт вуҷуд надорад,” - гуфт шутурбон. “Модоме ки баргашта наметавонед, беҳтарин роҳ ин ба пеш ҳаракат кардан аст. Боқимонда ҳама чиз дар дасти Худованд аст, аз ҷумла хатар”.

Ӯ бо гуфтани калимаи пурасрори худ хулоса кард: “Мактуб.”

“Шумо бояд ба корвон диққати бештар диҳед,” - гуфт писарбача пас аз рафтани шутурбон ба марди англис. “Мо ба ин тарафу он тараф гардишҳои зиёдеро анҷом медиҳем, аммо ҳамеша ба ҳамон як самт равонаем”.

“Бештар дар бораи олам китоб хонед,” - ҷавоб дод марди англис. “Китобҳо аз ҳамин ҷиҳат ба корвонҳо монандӣ доранд”.

Роҳбаладон одамон ва ҳайвонҳоро зудтар ҷамъ карда, ба сафар идома бахшиданд. Рӯзҳо ҳама хомӯш буданд, ҳоло бошад, ҳатто шабҳо - вақте ки мусофирон ба гуфтугӯ кардан дар атрофи оташ одат карда буданд, низ хомӯш шуданд. Рӯзе Корвонсолор тасмим гирифт, ки дигар оташ набояд фурӯзон карда шавад, то таваҷҷуҳи душманон ба корвон ҷалб нагардад.

Мусофирон шабона дар як давра ҷамъ намудани ҳайвонҳо ва дар маркази он якҷоя хобиданро ҳамчун муҳофизат аз сардиҳои шаб қабул карданд. Корвонсолор посбонони мусаллаҳро барои муҳофизати корвон ташкил намуд.

Марди англисро як шаб хоб набурд. Вай писарбачаро даъват кард ва онҳо дар болои теппаҳои реги гирду атрофи корвон сайру гашт карданд. Моҳи пурра бо шиддат равшанӣ мекард ва писарбача дар бораи зиндагии худ ба марди англис нақл кард.

Марди англис аз қисса дар бораи пешрафти тиҷорат дар дӯкони зарфҳои булӯрӣ баъд аз ба кор даромадани писарбача ба он ҷо, дар ҳайрат монд.

"Ин принсипест, ки ҳама оламро идора мекунад," - гуфт марди англис. "Инро дар кимиёгарӣ Ҷони Олам меноманд. Вақте ки инсон сидқан чизеро мехоҳад, ҳамон замон ба Ҷони Олам хеле наздик аст. Он ҳамеша як нерӯи мусбӣ дорад".

Вай инчунин гуфт, ки ин на танҳо туҳфа барои инсон аст, балки ҳама чиз дар рӯи замин ҷон дорад,

аз ҷумла маъданҳо, сабзавот, ҳайвонот ва ё як фикри оддӣ.

“Ҳама чиз дар рӯи замин пайваста тағйир меёбад, зеро замин зинда аст ... ва ҷон дорад. Мо як ҷузъи ин ҷон ҳастем ва намефаҳмем, ки он барои мо кор мекунад. Эҳтимол дар дӯкони зарфҳои булӯрӣ фаҳмидед, ки ҳатто зарфҳо барои муваффақияти шумо бо ту ҳамкорӣ мекарданд”.

Писарбача муддате дар бораи ин гуфтаҳо фикр карда, ба моҳ ва регҳои сафедранг нигарист.

“Ман корвонро ҳангоми гузаштанаш аз биёбон тамошо кардам, Корвон ва биёбон бо як забон ҳарф мезананд ва биёбон барои убур кардан корвонро иҷозат медод. Он ҳар як қадами корвонро месанҷид, то бубинад, ки оё он сари вақтӣ аст ва он агар дар асл саривақтӣ бошад, мо дар вақташ ба Воҳа[35] мерасем”.

“Агар яке аз мо ин забонро надониста, танҳо дар асоси далерии худ ба ин корвон ҳамроҳ мешудем, ин сафар барои мо хеле душвор мешуд”.

Онҳо дар он ҷо истода, ба моҳ нигаристанд.

“Ин сеҳри нишонаҳост,” - гуфт писарбача. “Ман мушоҳида кардам, ки чӣ гуна роҳбаладон нишонаҳои биёбонро мехонданд ва медидам, ки чӣ тавр ҷони корвон бо ҷони биёбон суҳбат мекард”.

Марди англис гуфт: “Хуб мешавад, ки ман ба корвон бештар таваҷҷуҳ кунам”.

“Ман беҳтараш китобҳои шуморо мехонам,”- гуфт писарбача.

---

[35] ободӣ ва қитъаи замини сабз дар миёни дашту биёбон (оазис)

***

Инҳо китобҳои аҷоиб буданд. Дар онҳо сухан дар бораи Сайёраи Аторуд, намак, аждаҳорон ва подшоҳон сухан мерафт ва ӯ ҳеҷ чизро намефаҳмид. Аммо як ғояе (идея) буд, ки гӯё дар тамоми китобҳо такрор ба такрор гуфта мешуд: аз ҳама чиз танҳо як чиз пайдо мешавад.

Дар яке аз китобҳо писарбача фаҳмид, ки асоситарин матн дар адабиёти кимиёгарӣ ҳамагӣ чанд сатр аст ва он ҳам дар рӯи зумуррад навишта шудааст.

“Ин Лавҳаи Зумуррад аст,” - гуфт марди англис ва ифтихор аз он кард, ки метавонад ба писарбача чизеро таълим диҳад.

“Хуб, пас ин ҳама китобҳо барои чӣ лозиманд?” пурсид писарбача.

“Баъди мутолиаи ҳамаи ин китобҳо мо метавонем маънои ин чанд сатрро фаҳмем,” - ҷавоб дод марди англис.

Китобе, ки писарбача бештар ба он таваҷҷуҳ дошт, ин ҳикояҳо дар бораи кимиёгарони машҳур буданд. Онҳо одамоне буданд, ки тамоми умри худро барои об кардани фулузҳо (металҳо) дар озмоишгоҳҳои худ бахшида буданд ва боварӣ доштанд, ки агар фулуз дар тӯли солҳои зиёд гарм карда шавад, он гоҳ ҳама хосиятҳои инфиродии худро гум мекунад ва аз он чизе ба монанди Ҷони Олам боқӣ мемонад. Ин Ҷони Олам ба онҳо имкон

медиҳад, ки ҳама чизро дар рӯи замин фаҳманд, зеро ин забон аст, ки ҳама тавассути он муошират мекунанд. Онҳо ин бозёфтро Кори Устод номиданд - як қисмаш моеъ ва қисми дигараш ҷисми сахт буд.

“Оё шумо метавонед танҳо бо мушоҳида кардани одамон ва нишонаҳо забони онҳоро фаҳмед?” - пурсид писарбача.

“Шумо барои содда кардани ҳама чиз одат кардаед,” - хашмгин шуда ҷавоб дод марди англис. “Кимиёгарӣ як фанни ҷиддӣ аст. Ҳар як қадами он бояд мутобиқи омӯзиши устодон ба роҳ монда шавад”.

Писарбача фаҳмид, ки қисми моеъи Кори Устод – Оби ҳаёт номида мешавад ва он ба ҳама бемориҳо шифо бахшида, кимиёгарро намегузорад, ки пир шавад. Ҷисми сахташро Санги Фалсафа меномиданд.

“Ҷустуҷӯи Санги Фалсафа кори осон нест,” - гуфт марди англис. “Кимиёгарон солҳои дароз дар озмоишгоҳҳои худ, дар назди оташ нишаста, об кардани фулузотро мушоҳида мекарданд. Онҳо он қадар вақти зиёди худро дар назди оташ мегузарониданд, ки тадриҷан аз корҳои беҳудаи дунявӣ даст мекашиданд. Дар ниҳоят мефаҳмиданд, ки об кардани фулузот боиси рӯҳан тоза гардидани худи онҳо гардидааст”.

Писарбача дар бораи тоҷири зарфҳои булӯрӣ фикр кард. Ӯ гуфта буд, ки тоза кардани зарфҳои булӯрӣ барои писарбача кори хуб аст, то худро аз

фикрҳои манфӣ пок созад. Писарбача торафт боварӣ ҳосил мекард, ки кимиёгариро метавон аз ҳаёти ҳаррӯзаи худ омӯхт.

"Инчунин," - гуфт марди англис. "Санги Фалсафа як хосияти ҷолиб дорад. Як пораи хурди санг, ба андозаи мӯйи сар метавонад миқдори зиёди фулузро ба тилло табдил диҳад".

Инро шунида, писарбача бештар ба кимиёгарӣ шавқу завқ пайдо кард. Вай фикр кард, ки бо каме сабр метавонад ҳама чизро ба тилло табдил диҳад. Ӯ ҳаёти одамони гуногунеро, ки дар ин кор муваффақ шуда буданд, аз қабили Ҳелветиус, Элиас, Фулканелли ва Геберро хонда буд. Онҳо достонҳои аҷибе дошта, ҳар яке аз онҳо Достони шахсии худро то охир пайравӣ намуда буданд. Онҳо сайру саёҳат мекарданд, бо хирадмандон гуфтугӯ менамуданд, муъҷизаҳои худро барои ононе, ки боварӣ надоштанд, нишон медоданд ва соҳиби Санги Фалсафа ва Оби ҳаёт буданд.

Аммо вақте ки писарбача мехост, ки Кори Устодро тавассути китобҳо омӯзад, вай комилан раҳгум зад. Дар он ҷо танҳо тасвирҳо[36], дастурҳои рамзӣ ва матнҳои нофаҳмо буданд.

***

"Чаро кимиёгарон ҳама чизро мушкил месозанд?" - шабе пурсид аз марди англис.

[36] сурат, расм, шакл

Писарбача пай бурд, ки марди англис асабонӣ аст ва китобҳояшро пазмон шудааст.

“Онҳое, ки сабр доранд, метавонанд онро бифаҳманд,”- гуфт ӯ. “Тасаввур кунед, ки агар ҳама дар гирду атроф фулуз ва ё сурбро ба тилло табдил диҳанд. Тилло арзиши худро гум мекунад. Танҳо онҳое сабр карда метавонанд ва мехоҳанд чизҳои амиқро омӯзанд, он гоҳ ба Кори Устод ноил мешаванд. Барои ҳамин дар ин ҷо - дар миёни биёбон ҳастам. Ман як кимиёгари ҳақиқиро меҷӯям, ки ба ман барои рамзкушоӣ кӯмак кунад”.

“Ин китобҳо кай навишта шудаанд?” - пурсид писарбача.

“Чанд аср пеш”.

“Он замонҳо нашриёт барои чопи китобҳо вуҷуд надошт,” - ҷавоб дод писарбача. “Ҳеҷ шароите барои омӯзиши кимиёгарӣ мавҷуд набуд. Чаро онҳо ин қадар забони аҷиброро бо ин қадар расмҳо истифода мебурданд?”

Марди англис ба ӯ фавран ҷавоб надод. Вай гуфт, ки дар тӯли чанд рӯзи охир танҳо ба тарзи рафтани корвон диққат медод ва чизи наве наомӯхтааст. Ягона чизе, ки ӯ пайхас кард, ин буд, ки гуфтугӯ дар бораи ҷанг рӯз то рӯз бештар мешавад.

***

Баъд аз як рӯз писарбача китобҳоро ба марди англис баргардонд. “Оё шумо аз инҳо чизе омӯхтед?”

- пурсид марди англис бо иштиёқ. Марди англис ба касе ниёз дошт, ки бо ӯ суҳбат кунад, то фикраш аз эҳтимолияти ҷанг тоза гардад.

“Ман фаҳмидам, ки олам ҷон дорад ва ҳар кӣ ин ҷонро дарк мекунад, метавонад забони тамоми чизро низ фаҳмад. Инчунин фаҳмидам, ки бисёр кимиёгарон Достонҳои шахсии худро пайравӣ карда, Ҷони Олам, Санги Фалсафа ва Оби Ҳаётро кашф кардаанд. Аз ҳама асосӣ ман фаҳмидам, ки ин чизҳо хеле соддаанд, ки онҳоро метавон дар рӯи санги зумуррад навишт”.

Марди англис ноумед шуд. Солҳои дарози тадқиқот, рамзкушоӣ, калимаҳои нофаҳмо ва таҷҳизоти озмоишгоҳ... ҳеҷ яке аз ин ба писарбача таассурот набахшид. Ӯ фикр мекард, ки фаҳмиши писарбача барои дарки ин чизҳо ҳанӯз хеле заиф аст.

Китобҳояшро бозпас гирифта ба халтааш андохт.

“Ба омӯзиши корвон баргардед,” - гуфт ӯ. “Ман ҳам аз ин китобҳо чизеро омӯхта натавонистам”.

Писарбача хомӯшии биёбон ва он регҳоеро, ки аз пайи пойи ҳайвонот бармехест тамошо мекард. “Ҳар кас тарзу услуби фаҳмиши худро дорад,” - гуфт ӯ худ ба худ. “Роҳи марди англис на ба мисли роҳи ман аст ва на роҳи ман мисли роҳи ӯ. Аммо мо ҳарду пайрави Достони шахсии худ ҳастем, аз ин рӯ, ба ӯ эҳтиром мегузорам”.

***

Корвон рӯзу шаб роҳ тай мекард. Бадавиҳои кулоҳдор зуд - зуд пайдо мешуданд ва шутурбон, ки дӯсти хуби писарбача шуда буд, тавзеҳ дод, ки ҷанг байни қабилаҳо аллакай оғоз гардидааст. Хеле хуб мешуд, агар корвон зуд ба Воҳа мерасид.

Ҳайвонҳо хаста шуда буданд ва мардон байни худ ками дар кам сухбат мекарданд. Шабона нолиши баланди шутурҳо - қаблан он қадар баланд набуданд - ҳамаро метарсонд, зеро садои онҳо дар бораи ҷанг хабар медод.

Шутурбон аз таҳдиди ҷанг чандон нигарон набуд.

Вақте ки онҳо дар торикӣ бидуни оташ ва равшанӣ хушаи хурмо мехӯрданд, ба писарбача гуфт:

“Ман зиндаам. Вақте ки ман хӯрок мехӯрам, танҳо дар бораи хӯрокхӯрӣ фикр мекунам. Агар дар роҳ қадам занам, таваҷҷуҳамро ба қадамзанӣ равона месозам. Агар ман дар ҷанг бошам, он рӯз мисли рӯзҳои дигар барои мурдан он рӯзро беҳтарин меҳисобам”.

“Барои он ки ман на дар замони гузашта ва на дар замони оянда зиндагӣ мекунам. Ман танҳо ба замони ҳозира таваҷҷуҳ дорам. Агар тавонед ҳамеша ба замони ҳозира тамаркуз кунед ва шумо яке аз мардони хушбахт хоҳед буд. Эҳсос кардед, ки дар биёбон низ ҳаёт вуҷуд дорад, ситораҳо дар осмон ҳастанд ва қабилаҳо байни худ мубориза мебаранд,

барои он ки онҳо ҷузъи насли инсонӣ мебошанд. Ҳаёт ин як неъмати бузург аст, он мисли як ҷашни бошукӯҳ мемонад, зеро ҳаёт лаҳзаест, ки мо айни ҳол дар он зиндагӣ мекунем".

Баъд аз ду шаб, вақте ки барои хоб рафтан омодагӣ мегирифтанд, писарбача ситораеро ҷустуҷӯ кард, ки ҳар шаб ба тарафи он мерафтанд. Ӯ фикр кард, ки хати уфуқ пасттар шуда аст, зеро чунин ба назар мерасид, ки ситораҳоро аз болои биёбон гирифтаанд.

"Ин Воҳа аст," - гуфт шутурбон.

"Пас, чаро мо ҳоло ба он ҷо намеравем?" - пурсид писарбача.

"Барои он ки вақти хоб аст."

***

Писарбача вақти тулуъи офтоб аз хобаш бедор шуд. Дар он ҷое, ки шаби гузашта ситораҳо намоён буданд, як қатори беканори дарахтони хурмо ба назар мерасид, ки дар тамоми биёбон доман паҳн карда буданд.

"Мо ин корро кардем!" - гуфт марди англис, ки навакак аз хобаш бедор шуда буд.

Аммо писарбача чизе нагуфт. Вай ин хомӯширо аз биёбон омӯхта буд, барояш танҳо ба дарахтон нигоҳ кардан кайфият медод. Ӯ ҳанӯз то расидан ба Пирамидаҳо роҳи дуру дарозеро бояд тай менамуд ва ин саҳар барои вай танҳо як хотира барин хоҳад монд. Аммо ин лаҳзаи замони ҳозира

неъматест, ки дар борааш шутурбон зикр карда буд ва мехост ҳамон тавре ки аз дарсҳои гузашта ва орзуҳои ояндаи худ хулоса карда бошад, зиндагӣ намояд. Гарчанде ки тамошои дарахтони хурмо рӯзе чун як хотира ба ёд хоҳад монд, айни замон онҳо соя, об ва паноҳгоҳ аз ҷангро ифода мекарданд. Дирӯз агар нолиши шутурҳо аз хатар хабар медод, имрӯз бошад, як қатор дарахтони хурмо аз муъҷиза мужда медоданд.

Олам бо забонҳои зиёде ҳарф мезанад, фикр кард писарбача.

***

"Вақт зуд мегузарад ва корвонҳо низ," - ба худ андешид Кимиёгар зимни ба Воҳа расидани садҳо одамон ва ҳайвонот. Мардум аз расидани Корвон ғавғо мекарданд, чангу ғубор офтобро парда барин пушонида, бачаҳои Воҳа аз дидани одамони бегона аз ҳаяҷон аз ҷой мепариданд. Кимиёгар дид, ки пешвоёни қабилаҳо Корвонсолорро пешвоз гирифтанд ва бо ӯ дуру дароз суҳбат карданд.

Аммо ин чизҳо барои Кимиёгар аҳамияте надошт. Ӯ чандин одамону корвонҳоро дида буд, ки мерафтанду меомаданд ва биёбон мисли пештара чӣ тавре буд ҳамон тавр боқӣ монда, тағйир намеёфт. Вай сайру сафари подшоҳон ва гадоёнро дар регҳои биёбон зиёд дидааст. Теппаҳои регӣ бо вазидани бод пайваста иваз мешуданд, аммо регҳо ҳамон регҳое

буданд, ки аз кӯдакӣ онҳоро медонист. Ӯ ҳамеша аз дидани хурсандии мусофирон, ки баъд аз чанд ҳафтаи убури реги зардранг ва осмони кабуд бори аввал сабзии дарахтони хурморо медиданд, лаззат мебурд. Кимиёгар фикр мекард, ки шояд Худо биёбонро барои инсон ҷиҳати донистани қадри дарахти хурмо офарида бошад.

Вай дар назди худ мақсад гузошт, ки бештар ба масъалаҳои амалӣ таваҷҷуҳ кунад. Кимиёгар медонист, ки дар корвон марде ҳаст ва бояд баъзе сирру асрори худро ба ӯ омӯзонад. Нишонаҳо ба ӯ чунин гуфта буданд. Вай ин одамро ҳанӯз намешинохт, аммо чашми таҷрибадори Кимиёгар зимни пайдо шуданаш ӯро бояд муайян мекард. Ӯ умедвор буд, ки ин шахс ба мисли шогирди пешинааш қобилиятнок аст.

“Ман намедонам, ки чаро ин омӯзишҳо бояд ба таври шифоҳӣ аз даҳон ба даҳон гузаранд,” - фикр кард Кимиёгар. “Инҳо сирре ҳам нестанд. Худованд сирҳои худро ба осонӣ ба тамоми махлуқоти худ ошкор кардааст”.

Вай барои ин далел танҳо як тавзеҳот дошт: ин чизҳо аз ҳаёти поку холис гирифта шудаанд ва бояд аз даҳон ба даҳон ба таври шифоҳӣ гузаранд, чунин ҳаёти поку холисро наметавон бо тасвирҳо, рамзҳо ва ё бо навиштаҷот интиқол дод.

Азбаски одамон дар ин кор тасвиру рамз ва навиштаҷотро истифода мебаранд, аз ҳамин хотир Забони Ҷаҳонро фаромӯш кардаанд.

***

Писарбача ба чизҳои дидааш бовар накард - Воҳа, чуноне ки дар китоби ҷуғрофӣ хонда буд - бояд аз як чоҳ ва якчанд дарахти хурмо иборат мебуд, аммо дар асл он аз бисёр шаҳрҳои Испания калонтар буд. Дар ин минтақа сесад чоҳ, панҷоҳ ҳазор дарахти хурмо ва хаймаҳои рангаи бешумор доман паҳн карда буданд.

“Ин ҷо ба монанди достони *“Ҳазору як шаб”* мемонад,” - гуфт марди англис, ки бе саброна мунтазири вохӯрӣ бо Кимиёгар буд.

Онҳо дар иҳотаи кӯдакон, ки бо диққат ба ҳайвонот ва одамони навомада менигаристанд, қарор доштанд. Мардони Воҳа мехостанд дар бораи ҷанг чизе фаҳманд, занон бошанд, барои дастрасӣ ба матоъ ва сангҳои қиматбаҳои аз ҷониби тоҷирон овардашуда бо ҳам рақобат мекарданд. Хомӯшии биёбонро акнун танҳо орзу метавон кард. Мусофирони корвон беист суҳбат мекарданд, механдиданд, ғавғо мебардоштанд, гӯё ки онҳо аз олами дигар баргашта, бори дигар худро дар олами одамон дидаанд. Онҳо осуда ва хушбахт буданд.

Онҳо дар биёбон чораҳои эҳтиётӣ меандешиданд, аммо дар Воҳа шутурбон ба писарбача фаҳмонд, ки воҳаҳо ҳамеша ҳудуди бетараф ҳисобида мешаванд, зеро аксари сокинонашон занону кӯдакон ҳастанд. Дар саросари

биёбон воҳаҳои зиёд мавҷуд буданд, аммо қабилаҳо дар биёбон меҷангиданд ва воҳаҳоро ҳамчун паноҳгоҳ истифода мебурданд.

Корвонсолор бо каме душворӣ тамоми мусофиронро ҷамъ кард ва ба онҳо дастур дод. Корвон бояд то он даме ки мунокишаи байни қабилаҳо хотима наёбад, дар ин Воҳа бимонад. Азбаски онҳо меҳмон буданд, бояд дар хонаҳои ононе, ки дар он ҷо зиндагӣ мекарданд, меҳмон мешуданд. Қонуни меҳмоннавозӣ чунин буд. Сипас ӯ хоҳиш кард, ки ҳама, аз ҷумла посбонони корвон силоҳҳои худро ба мардони таъинкардаи сардорони қабила супоранд.

"Ин қоидаи замони ҷанг аст," - шарҳ дод Корвонсолор. "Воҳаҳо макони паноҳёбии лашкарон ё сарбозон намебошад".

Писарбача ҳайрон монд, вақте ки марди англис аз халтааш тапончаи хромдорро баровард ва ба мардоне, ки силоҳ ҷамъ мекарданд, супурд.

"Барои чӣ аст ин тапонча?" - пурсид ӯ.

"Ин ба ман барои эътимод кардан ба одамон кӯмак мекард," - ҷавоб дод марди англис.

Дар ин миён писарбача дар бораи ганҷи пинҳон фикр мекард. Ҳар қадаре ки ӯ ба амалӣ шудани орзуяш наздик мешуд, ҳамон қадар корҳо душвортар мешуданд. Ба назар чунин мерасид, ки он чизе подшоҳи пир "навкорон одамони бобароранд" номида буд, дигар амал намекард. Барои расидан ба орзуҳояш доимо ба озмоиши сахти истодагарӣ ва

далерӣ дучор мешуд. Аз ин рӯ, наметавонист шитобкор бошад ва бетоқатӣ кунад. Агар ба таври ногаҳонӣ ба пеш ҳаракат мекард, нишонаҳои дар роҳи худ гузоштаи офаридагорро намедид.

“Худованд онҳоро дар масири роҳи ман қарор додааст” - бо ин фикр вай худро дар ҳайрат гузошт. То ин вақт нишонаҳоро ҳамчун чизи ин ҷаҳон ба мисли хӯрдану хобидан, ё мисоли пайдо кардани ишқу муҳаббат ва ё ҷустуҷӯи кор медонист. Вай ҳеҷ гоҳ дар бораи забоне, ки Худованд барои ӯ ҷиҳати чӣ кор карданаш нишон дода буд, фикр намекард.

“Бо сабр бошед,” - худ ба худ такрор кард. Ба монанди гуфтаи  шутурбон: “Вақти хӯрдан бояд бихӯред. Замони ҳаракат кардан бояд ҳаракат кард”.

Рӯзи аввал ҳама аз хастагӣ зуд хоб рафтанд, аз ҷумла марди англис. Писарбача дар ҷойи дуртар аз ӯ дар хаймае бо панҷ ҷавони тақрибан ҳам синну солаш ҷойгир карда шуда буд. Онҳо мардуми бодиянишин буданд ва хоҳиш карданд, ки дар бораи шаҳрҳои бузург нақл кунад.

Писарбача ба онҳо дар бораи ҳаёти чӯпонӣ нақл кард ва мехост ба онҳо аз таҷрибаи худ дар бораи дӯкони зарфҳои булӯрӣ нақл кунад, дар ин вақт марди англис ба хайма даромад.

“Ман аз саҳар боз туро ҷустуҷӯ дорам,” - гуфт ӯ вақте ки писарбачаро ба берун даъват кард. “Ман ба кӯмаки шумо барои пайдо кардани Кимиёгар ниёз дорам”.

Аввал онҳо кӯшиш карданд, ки ӯро мустақилона пайдо кунанд. Шояд тарзи зиндагии Кимиёгар аз ҳаёти дигар одамони Воҳа фарқ кунад ва эҳтимол дошт, ки дар оташдони хаймааш доимо оташ фурӯзон бошад.  Онҳо ҳама ҷойро кофтукоб карда, фаҳмиданд, ки Воҳа аз  тасаввуроти онҳо дида, хеле калонтар аст ва дар он ҷо садҳо хаймаҳо вуҷуд доштанд.

"Мо қариб тамоми рӯзро беҳуда сарф кардем," - гуфт марди англис ба писарбача дар назди яке аз чоҳҳо нишаста.

"Шояд беҳтараш аз касе бипурсем?" - пешниҳод кард писарбача.

Марди англис дар Воҳа намехост оид ба мақсадаш ба касе чизе нақл кунад ва ё ягон тасмими дигаре бигирад. Бинобар сабаби он ки писарбача аз ӯ дида, забони арабиро беҳтар медонист, дар ниҳоят розӣ шуд, ки ин корро барои вай анҷом диҳад. Писарбача ба зане наздик шуд, ки барои аз об пур кардани зарф ба назди чоҳ омада буд.

"Салом хонум. Мехостам фаҳмам, ки Кимиёгар дар куҷои ин Воҳа  зиндагӣ мекунад?"

Зан гуфт, ки дар бораи чунин шахс ҳеҷ гоҳ чизе нашунидааст ва шитобон аз он ҷо рафт. Аммо пеш аз рафтанаш ба писарбача маслиҳат дод, ки беҳтараш бо занони либоси сиёҳдор сухбат накунад, зеро онҳо занони шавҳардоранд. Ӯ бояд урфу одати онҳоро эҳтиром кунад.

Марди англис ноумед шуд. Ба назар чунин менамуд, ки роҳи дарозро беҳуда тай кардааст. Писарбача низ ғамгин шуд, чунки дӯсташ дар пайрави Достони шахсии худ буд. Вақте ки касе дар чунин ҳолат қарор дошта бошад, тамоми олам кӯшиш мекунад, ки ӯ муваффақ шавад, инро подшоҳи пир гуфта буд. Ӯ хато карда наметавонист.

"Ман ҳеҷ гоҳ дар бораи Кимиёгар чизе нашунида будам," - гуфт писарбача. "Шояд дар ин ҷо ягон Кимиёгар набошад?"

Чашмони марди англис калон кушода шуданд:

"Ана тамом! Шояд касе дар ин ҷо намедонад, ки Кимиёгар кист! Фаҳмед, ки мардуми беморро кӣ табобат мекунад!"

Чанд зане, ки либоси сиёҳ пӯшида буданд, барои об гирифтан ба назди чоҳ омаданд, аммо писарбача новобаста аз исрори марди англис бо ҳеҷ кадоме аз онҳо сухан нагуфт. Сипас марде наздик шуд.

"Оё шумо дар ин ҷо касеро мешиносед, ки одамони беморро табобат кунад?" - пурсид писарбача.

"Аллоҳ маризони моро шифо мебахшад," - ба назар чунин намуд, ки аз мардони ғарбӣ тарсид он мард. "Шояд шумо табибони ғайбдонро меҷӯед?" - ӯ якчанд оятро аз Қуръон хонда, аз онҳо дур рафт.

Марди дигаре пайдо шуд. Ӯ дар синусол бузургтар менамуд ва як зарфи хурде дар дасташ дошт. Писарбача саволи худро такрор кард.

“Чаро шумо мехоҳед ин гуна одамро пайдо кунед?” - пурсид марди араб.

“Дӯсти ман барои мулоқот бо ӯ чандин моҳ боз дар сафар аст,” - гуфт писарбача.

“Агар чунин мард дар Воҳа бошад, пас вай шахси хеле бо нуфуз аст,” - гуфт пирамард чанд лаҳзае фикр карда. “Ҳатто сардорони қабилаҳо наметавонанд ӯро ҳар вақте хоҳанд бубинанд. Танҳо бо розигии ӯ метавон вохӯрӣ кард. Мунтазир шавед, ки ҷанг ба охир расаду бо ҳамон корвони омадагиатон баргашта равед. Ба шумо лозим нест, ки ба ҳаёти Воҳа дахолат кунед,” - гуфт араб ва аз он ҷо рафт.

Марди англис хеле хурсанд шуд. Чунки онҳо дар роҳи дуруст буданд.

Ниҳоят як зани ҷавон, ки либоси сиёҳ надошт, наздик шуд. Вай дар китфаш зарфе дошт ва дар сараш рӯймоле дошту рӯяш кушода буд. Писарбача ба назди ӯ омад, то дар бораи Кимиёгар бипурсад.

Дар он лаҳза, гӯё вақт дар ҷойи худ истод ва Ҷони Олам дар ӯ туғён кард. Вақте ки ба чашмони сиёҳи духтар нигарист, дид, ки лабонаш дар байни табассум ва хомӯшӣ қарор доранд. Ин забоне буд, ки ҳама мавҷудоти рӯи замин дар қалбашон онро мефаҳманд. Ин забони ишқу муҳаббат аст. Забоне, ки аз инсоният ва ҳатто аз биёбон ҳам қадимтар аст. Ин худ аз худ вақте ки чашмони мард ва зан бо ҳам вомехӯранд, пайдо мешавад - ҳоло дар назди чоҳ ҳамин ҳолат ба вуҷуд омад. Духтар табассум кард ва

ин бешубҳа нишона буд – нишонае, ки писарбача худ надониста мунтазираш буд. Ин нишонае буд, ки онро дар гӯсфандонаш, китобҳояш, дар зарфҳои булӯрӣ ва дар хомӯшии биёбон пайдо кардан мехост.

Ин забони тозаю фаҳмо ба шарҳ додан ва ё тарҷума кардан ниёз надошт - ҳамон тавре ки ҷаҳон ба ҳеҷ чиз ниёз надорад ва дар коинот дар гирди меҳвари худ дар тӯли вақти беохир мечархад. Он чизе, ки писарбача дар он лаҳза эҳсос намуд, ин буд, ки ӯ дар ҳузури ягона зан - бидуни ниёз ба сухан ҳамон чизро ифода кард. Вай ба ин муҳаббат боварӣ дошт. Волидайн ва бобову бибиаш ба ӯ гуфта буданд, ки пеш аз ошиқ шудан одам бояд бо духтар шинос шавад, пул ҷамъ кунад ва он касро хеле хуб бояд омӯзад ва баъд издивоҷ кунад. Ҳар касе чунин маслиҳат медиҳад, Забони Ҷаҳониро намедонад, замоне одам вориди ин забон мешавад, мефаҳмад, ки нафаре хоҳ дар биёбон ва хоҳ дар ягон шаҳри бузург шуморо интизор аст. Ҳангоме ки чашмони чунин одамон бо ҳам вомехӯранд, барои онҳо дигар замони гузашта ва оянда аҳамияте надорад. Танҳо ҳамон лаҳза одам боварии комил ҳосил мекунад, ки ҳама чиз дар олам бо дасти офаридагор навишта шудааст. Ин дастест, ки муҳаббатро дар қалби инсон ба вуҷуд овардааст ва одамонро барои ҷуфт[37] шудан ба ҳам мепайвандад. Бидуни чунин муҳаббат, орзуи касе маъное нахоҳад дошт.

“Мактуб,” - фикр кард писарбача.

---

[37] ду дона аз як чиз, (пойафзол, зану шавҳар) ва ғ.

Марди англис писарбачаро такон дода гуфт: “Биё, аз ӯ бипурс!”

Писарбача ба духтар наздиктар шуд ва вақте ки вай табассум кард, духтар низ табассум намуд.

“Номи шумо чист?” - пурсид ӯ.

“Фотима,” - гуфт духтар чашмонашро ба замин дӯхта.

“Баъзе занон дар кишвари ман низ чунин ном доранд”.

“Ин номи духтари Паёмбар аст,” - гуфт Фотима. “Истилогарон ин номро ба ҳама ҷо бурдаанд”.

Духтари зебо дар бораи истилогарон бо ифтихор сухан мегуфт.

Марди англис писарбачаро тела дод, то дар бораи марде, ки беморонро табобат мекард, пурсад.

“Ин одамест, ки тамоми асрори дунёро медонад,” - гуфт ӯ. “Вай бо ҷинҳои биёбон муошират мекунад, ҷинҳо неку бад мешаванд”.

Духтар ба ҷануб ишора карда, нишон дод, ки дар он ҷо марди бегонае зиндагӣ мекунад. Сипас вай зарфи худро аз об пур карда рафт.

Марди англис низ барои ҷустуҷӯи Кимиёгар рафт. Писарбача дар он ҷо - дар назди чоҳ дуру дароз нишаст ва боди Шарқро, ки бӯйи ин духтарро ба машоми ӯ оварда буд, ёд кард ва қабл аз он ки духтарро бинад, аллакай ба ӯ ошиқ шуда буд. Писарбача медонист, ки дӯст доштани духтар имкон медиҳад, ки ҳама ганҷҳои дунёро пайдо намояд.

Рӯзи дигар писарбача ба умеди дидори духтар ба назди чоҳ рафт. Аҷибаш он буд, ки марди англис дар он ҷо истода, ба биёбон менигарист.

“Ман аз нисфирӯзӣ то ба шом Кимиёгарро интизор шудам,” - гуфт марди англис. “Вай бо пайдо шудани аввалин ситораҳои шом омад. Ман гуфтам, ки дунболи чӣ ҳастам. Вай бошад, аз ман чӣ тавр табдил додани сурб ба тиллоро пурсид. Ба Кимиёгар гуфтам, ки барои омӯхтани он ба ин ҷо омадаам. Кимиёгар гуфт, ки бояд ин корро иҷро кунам. Ҳамаи он чизе, ки ӯ гуфт *“бирав ва кӯшиш намо”* буд”.

Писарбача чизе нагуфт. Марди англиси бечора тамоми ин роҳро барои такрор кардани коре, ки чандин бор иҷро карда буд, омада аст.

“Пас, кӯшиш кунед,” - гуфт писарбача ба марди англис.

“Ман аз пайи ҳамин корам. Ҳозир оғоз мекунам”.

Ҳангоме ки марди англис рафт, Фотима расид ва зарфи худро аз об пур кард.

“Ман омадам, ки ба шумо танҳо як чизро бигӯям,” - гуфт писарбача. “Мехоҳам, ки ту зани ман бошӣ. Ман туро дӯст медорам”.

Зарф аз дасти духтар афтиду обаш ба замин рехт.

“Ман ҳар рӯз шуморо дар ин ҷо интизор мешавам. Барои пайдо кардани ганҷе, ки дар наздикии Пирамидаҳо воқеъ аст, биёбонро убур кардам ва бароям ҷанг як чизи бад ба назар мерасид.

Ҳоло бошад, ҷанг барои ман як неъмат аст, зеро он бандаро ба назди шумо овард," - гуфт писарбача.

"Ҷанг рӯзе ба охир мерасад," - гуфт духтар.

Писарбача ба хурмоҳои гирду атроф назар кард. Вай ба ёд овард, ки замоне чӯпон буд ва метавонад дубора чӯпон шавад. Фотима аз ганҷ дида, барояш қиматтар буд.

"Қабилаҳо ҳамеша дар ҷустуҷӯи ганҷанд," - гуфт духтар, гӯё ки фикри писарбачаро фаҳмида бошад. "Занони бодиянишин аз мардони қабилаҳои худ ифтихор мекунанд".

Вай зарфашро пур аз об карду рафт.

Писарбача ҳар рӯз назди чоҳ меомад, то бо Фотима вохӯрад. Писарбача дар бораи ҳаёти чӯпонӣ, подшоҳи пир ва дӯкони зарфҳои булӯрӣ ба духтар нақл кард. Онҳо дӯст шуданд ва ба истисноি понздаҳ дақиқа вақте ки писарбача бо духтар мегузаронид, боқимондаи рӯз барои вай хеле тӯлонӣ менамуд. Баъди қариб як моҳи дар Воҳа буданашон Корвонсолор ҳамаи мусофиронро даъват кард.

"Мо намедонем, ки ҷанг кай хотима меёбад, бинобар ин наметавонем сафари худро идома диҳем," - гуфт ӯ. "Ҷангҳо метавонанд тӯлонӣ бошанд ва шояд солҳо идома ёбанд. Ҳар ду ҷониб қуввaҳои пуриқтидор доранд ва ғалаба дар ҷанг барои ҳарду ҷабҳа хеле муҳим мебошад. Ин ҷанги некӣ бар зидди бадӣ нест, балки он байни нерӯҳое мебошад, ки барои тавозуни қувваҳо мубориза мебаранд ва вақте

ки ин навъи ҷанг оғоз мегардад, маъмулан тӯлонитар мешавад, зеро Худованд аз пушти ҳар ду ҷониб аст".

Мардум ба ҷои зисти худ баргаштанд ва писарбача баъд аз нисфирӯзӣ бо Фотима вохӯрд. Вай дар бораи вохӯрии саҳарӣ бо Корвонсолор нақл кард.

"Як рӯз баъд аз дидори авваламон," - гуфт Фотима, "шумо гуфтед, ки маро дӯст медоред. Сипас, ба ман Забони Ҷаҳонӣ ва Ҷони Оламро омӯзондед. Аз ин сабаб, ман як ҷузъи шумо шудам".

Писарбача ӯро гӯш карда, фикр кард, ки овози Фотима барояш аз садои боди дарахтони хурмо ҳам зеботар аст.

"Ман туро кайҳо боз дар ин Воҳа интизор будам. Ман гузаштаи худ, анъана ва тарзи рафтори духтарони бодиянишинро фаромӯш кардам. Аз кӯдакӣ орзу доштам, ки биёбон ба ман туҳфаи хубе меорад. Ҳоло туҳфаам расидааст - ин ту ҳастӣ".

Писарбача мехост дасти ӯро бигирад. Аммо Фотима дар дасташ зарфи об дошт.

"Ту ба ман дар бораи орзуҳои худ, дар бораи подшоҳи пир - Мелчизодак ва ганҷи пинҳон нақл кардӣ. Дар бораи нишонаҳо гуфтӣ. Акнун ман аз ҳеҷ чиз наметарсам, чунки маҳз ҳамин нишонаҳо туро ба назди ман оварданд. Чуноне ки гуфтед, ман як қисми орзуи ту - як қисми Достони шахсии шумо ҳастам".

"Аз ин хотир, ман мехоҳам, ки шумо барои расидан ба ҳадафи худ идома диҳед. Агар то ба охир расидани ҷанг интизор шудан хоҳед - интизор шавед. Агар ба пеш рафтан хоҳед - аз пайи амалигардии

орзӯи худ шавед. Бод теппаҳои регро тағйир медиҳад, аммо биёбон ҳеҷ гоҳ дигар намешавад. Муҳаббати мо байни якдигар ҳамин тавр хоҳад монд”.

“Мактуб,” - гуфт духтар. “Агар ман дар ҳақиқат як ҷузъи орзуҳоят бошам, пас рӯзе ҳатман бармегардӣ”.

Писарбача ғамгин шуда, ӯро тарк кард. Вай дар бораи ҳамаи ҷӯпонони оиладоре, ки мешинохт, фикр кард. Барои онҳо ба саҳроҳои дур рафтан ва аз зану фарзандҳояшон ҷудо шудан хеле мушкил буд. Ишқу муҳаббат онҳоро водор месохт, ки ҳамроҳ бо оилаҳои худ бимонанд.

Вай ба Фотима дар вохӯрии рӯзи дигар оид ба ҳамаи ин гуфт.

“Биёбон мардони моро ба худ мебарад ва онҳо на ҳамеша бармегарданд,” - гуфт ӯ. “Мо инро хуб медонем ва ба он одат кардаем. Касоне, ки барнамегарданд - онҳо ба қисме аз абр ё ба ҷузъе аз ҳайвоноте, ки дар дараҳо пинҳонанд ва ё ба обе, ки аз замин меояд - мубаддал мешаванд. Онҳо ҷузъи ҳама чиз мегарданд... онҳо Ҷони Олам мешаванд”.

“Баъзеҳо бошанд, бармегарданд. Он гоҳ дигар занҳо низ ба умеди он ки мардони онҳо низ метавонанд рӯзе баргарданд, хушбахт мешаванд. Ман ба он занҳо менигаристам ва ба бахти неки онҳо ҳасад мебурдам. Ҳоло ман низ яке аз он занонам, ки интизор мешавам”.

“Ман як зани бодиянишин ҳастам ва аз ин фахр мекунам. Ман мехоҳам, ки шавҳарам мисли

боде, ки теппаҳоро шакл медиҳад, озод бошад. Агар шавҳарам - ба қисме аз абр ё ба ҷузъе аз ҳайвонот ва ё ба обе, ки аз замин меояд – мубаддал гардад, инро аз тақдир мебинам".

Писарбача ба ҷустуҷӯи марди англис рафт. Ӯ мехост дар бораи Фотима ба ӯ нақл кунад. Вақте дид, ки марди англис дар назди хаймааш оташдон сохтааст, ҳайрон шуд. Сӯзишвории ин кӯраи аҷиб аз ҳезум буд ва дар болояш тобаи[38] шаффоф гузошта шуда буд. Ҳангоме ки марди англис ба биёбон менигарист, чашмонаш назар ба он вақте ки китоб мехонд, равшантар менамуданд.

"Ин марҳилаи аввали кор аст," - гуфт ӯ. "Ман бояд сулфурро ҷудо кунам. Барои бомуваффақият анҷом додани кор, ман набояд аз нокомӣ тарс дошта бошам. Тарсидан аз нокомӣ маро аз кӯшиши иҷрои Кори Устод дар аввал боздошта буд. Ҳоло бошад, ба коре, ки даҳ сол қабл бояд иҷро мекардам, акнун оғоз бахшидам. Ман ҳадди ақал хушбахтам - хушбахт аз онам, ки бист сол интизор нашудам".

Ӯ ба оташдон ҳезум андохт ва писарбача то дами нишасти офтоб он ҷо монд. Вай хоҳиши ба биёбон рафтанро эҳсос кард, то бубинад, ки оё хомӯшии биёбон ба саволҳояш посух медиҳад ё не.

Вай муддате сайру гашт карда, хурмоҳои Воҳаро тамошо кард. Ӯ садои шамолро мешунавид ва сангҳоро дар зери пояш эҳсос мекард. Дар ҷойе

[38] Зарфи фулузие, ки дар он гӯшт, моҳӣ ё тухмро бирён мекунанд

садаф[39] пайдо кард ва фаҳмид, ки биёбон дар замонҳои қадим баҳр будааст. Вай дар болои санг нишаста, ба уфуқ назари дуру дароз дӯхт. Кӯшиш кард, ки байни мафҳуми ишқ ва олами моддӣ фарқияте пайдо кунад, вале онҳоро аз ҳам ҷудо карда натавонист. Дар ин самт Фотима - як зани бодиянишин низ ба ӯ ёрӣ дода наметавонист. Ягона чизе, ки метавонист ӯро барои дарк намудани ишқ кӯмак кунад, ин ҳам биёбон буд.

Зимни дар он ҷо нишастанаш, баъзе ҳаракатҳоеро дар осмон ҳис кард. Ба боло нигоҳ карда, як ҷуфт шоҳинеро[40] дид, ки дар осмон баланд парвоз мекарданд.

Ӯ ба ҷуфти шоҳин нигоҳ кард, ки онҳо дар ҷараёни бод парешон парвоз доштанд. Гарчанде ки парвози онҳо мавзун набуд, аммо барои писарбача як навъ маъно дошт. Вай кӯшиш кард, то маънии онро дарк намояд. Ба парвози парандагон назар карда, кӯшиш кард, ки дар он чизеро бихонад. Шояд ин парандагони биёбон ба ӯ маънои ишқро фаҳмонанд.

Ногаҳон ӯро хобаш гирифт. Дар қалбаш мехост ҳушёр монад, аммо ҳамоно хобидан мехост. "Ман Забони Ҷаҳонро меомӯзаму ҳама чиз бароям маъно пайдо карда истодааст... ҳатто парвози шоҳинон," - гуфт ӯ худ ба худ. Бо чунин кайфият, аз ошиқ буданаш хурсанд буд. Вақте ки одам ошиқ

---

[39] Дар баҳр моддае, ки ба даруни садаф ворид мешавад батадриҷ ба гавҳар (марворид) мубаддал мегардад

[40] навъе аз парандагони роми шикорӣ

мешавад, дунё боз сермаънотар мегардад," - фикр кард ӯ.

Ногаҳон яке аз шоҳинҳо ба дигаре ҳамла кард. Якбора як тасвири ногаҳонӣ ва зудгузар ба тасаввуроти писарбача омад - лашкаре бо саворони шамшердор вориди Воҳа мешаванд - ин тасвир зуд аз хаёлаш нопадид гашта, ӯро ларзонд. Вай дар бораи сароб[41] бисёр шунида ва худаш ҳам чандин бор онро мушоҳида намуда буд. Сароб аз роҳи дур дар болои регҳои биёбон мисли об намоён мегардад ва дар асл бошад, дар он ҷо обе нест ва ин танҳо ба назар чунин менамояд. Ба ҳар ҳол, ӯ намехост, ки ягон лашкар ба Воҳа ҳамла кунад.

Вай мехост саҳнаи дидаашро фаромӯш кунад ва ба назорат кардани уфуқ ва дарахтони хурмо баргардад. Кӯшиш кард, ки бори дигар таваҷҷуҳашро ба рангҳои гулобии биёбон ва сангҳои он равона созад. Аммо кадом ташвише ӯро барои ин корро кардан монеъ шуда буд.

"Ҳамеша ба нишонаҳо таваҷҷуҳ кунед," - гуфта буд подшоҳи пир. Писарбача он саҳнаи дидаашро бори дигар ба ёд овард ва ҳис кард, ки чунин воқеа ҳатман рӯй хоҳад дод.

Ӯ аз ҷой бархост ва ба тарафи дарахтони хурмо равона гашт. Бори дигар чизҳои зиёдеро дар худ эҳсос карда фаҳмид, ки ин дафъа биёбон бехавф асту маҳз хатар дар Воҳа вуҷуд дорад.

---

[41] ҳодисаи оптикӣ, ки бо таъсири шуои офтоб дар биёбон шӯразори дур (ё дар роҳ аз дурӣ) баназари кас чун об менамояд, фиреби назар (мираж)

Шутурбон дар таги дарахти хурмо нишаста, ғуруби офтобро тамошо мекард. Ӯ дид, ки писарбача аз он тарафи теппаи рег пайдо шуд.

"Лашкар меояд," - гуфт писарбача. "Ман инро аз ғайб дидам".

"Биёбон дили одамонро пур аз хаёлот мекунад," - ҷавоб дод шутурбон.

Баъд писарбача дар бораи шоҳинҳо нақл карда гуфт, ки парвози онҳоро мушоҳида намуду ногаҳон ба Ҷони Олам пайваст.

Шутурбон суханони писарбачаро фаҳмид. Ӯ медонист, ки ҳар як чизи рӯи замин метавонад таърихи ҳама чизи дигарро ошкор кунад. Нафаре инро тариқи кушодани саҳифаи китоб мебинад ё ба кафи дасти одаме нигоҳ карда мефаҳмад, касе барои дидани пешомад қарта мекушояд ё парвози парандагонро тамошо мекунад... ҳар чизе, ки мушоҳида мешавад, метавонад бо таҷрибаи ӯ дар он лаҳза иртибот пайдо кунад. Дар асл ин мушоҳидаҳо худ аз худ умуман чизеро ошкор намекунанд, танҳо одамон ба он воқеоте, ки дар атрофашон рух медиҳанд, нигоҳ карда, тавассути онҳо ба Ҷони Олам мепайванданд.

Дар Воҳа одамони зиёде тавассути пайваст шудан ба Ҷони Олам рӯзии худро ба даст меоваранд. Онҳо ҳамчун одамони ғайбдон шинохта шуда, занону пиронсолон бо тарсу ҳарос ба онҳо нигоҳ мекунанд. Мардони қабилаҳо низ аз машварат кардан бо онҳо худдорӣ менамоянд, зеро касе агар

огаҳ шавад, ки дар муҳорибаҳо мемирад, дар он сурат дар набардҳо ғалаба кардан ғайриимкон мегардад. Умуман, мардони қабилаҳо чашидани лаззати маргро дар муҳориба беҳтар аз донистани оқибати он мешуморанд, тақдиру сарнавишти ҳар як шахс пешакӣ навишта шудааст ва он ҳамеша ба нафъи одамон аст. Бинобар ин, мардони қабила танҳо дар замони ҳозира зиндагӣ мекунанд, чунки он пур аз ҳаводиси ногаҳонӣ аст ва барои зинда мондан, онҳо бояд ба бисёр чизҳо, аз қабили шамшери душман дар куҷо аст, аспи душман куҷо шуд, чӣ гуна бояд зарба зад ва ғайра диққат диҳанд. Шутурбон марди ҷанговар набуд ва бо одамони ғайбдон машварат мекард. Бисёре аз гуфтаҳои онҳо дуруст мебаромад ва баъзеашон хато низ мекарданд. Рӯзе солхӯрдатарин ғайбдон (ҳама аз ӯ метарсиданд) пурсид, ки чаро шутурбон ба ояндаи худ таваҷҷуҳи зиёд дорад.

"Барои он ки дар оянда чӣ кор карданамро донам," - ҷавоб дод ӯ. "Шояд баъзе воқеаҳороее, ки намехоҳам бо ман рӯй диҳанд, тағйир диҳам".

"Он гоҳ онҳо ҷузъи ояндаи шумо нахоҳанд буд," - гуфт ғайбдон.

"Шояд танҳо ояндаро донистан мехоҳам, то худамро ба он омода созам".

"Агар чизҳои хуб дар пеш бошанд, бароятон ин як хабари хуб хоҳад буд," - гуфт ғайбдон. "Агар барои оянда ягон хабари нохуш пешгӯӣ карда шавад,

шумо онро аллакай пешакӣ медонед ва то ба вуқӯъ пайвастанаш ғами зиёде хоҳед хӯрд”.

“Ман мехоҳам дар бораи ояндаи худ маълумот дошта бошам, зеро ман мард ҳастам,” - гуфт шутурбон ба ғайбдон. “Ҳаёти мардон ҳамеша аз донистани ояндаи худ асос меёбад”.

Ғайбдон бо партофтани навдачаҳои дарахт ояндаро медид ва навдачаҳоро ба замин партофта, бар асоси ғелидани онҳо дар замин дар бораи оянда пешгӯӣ мекард. Он рӯз ғайбдон пешгӯӣ накард. Навдачаҳоро  ба як порча матоъ печонида, дубора онҳоро ба халтааш андохт.

“Ман рӯзгори худро бо пешгӯӣ кардан таъмин мекунам,” - гуфт ӯ. “Ман илм дар бораи навдачаҳо ва тарзи истифодаи онҳоро медонам. Тариқи навдачаҳо метавонам воқеоти гузаштаро бихонам, ояндаро пешгӯӣ кунам ва нишонаҳои ҳозираро бифаҳмам”.

“Вақте ки одамон дар бораи пешомади худ мепурсанд, ин маънои онро надорад, ки ояндаи онҳоро мебинам, ман онро танҳо тахмин мекунам. Ояндаро танҳо Худо медонад ва аҳёнан, дар ҳолатҳои фавқулода он то андозае ошкор мегардад. Ман ояндаро чӣ гуна тахмин мекунам? Дар асоси нишонаҳои ҳозира. Сирри он дар замони ҳозира аст. Агар шумо ба замони ҳозира диққат диҳед, он гоҳ онро такмилу тағйир дода метавонед ва замони ҳозираро агар такмил диҳед, пас ояндаро беҳтар хоҳед фаҳмид. Дар бораи оянда фикр накунед ва ҳар рӯз мувофиқи таълимоти шаръӣ зиндагӣ кунед ва

боварӣ дошта бошед, ки Худованд инсониятро дӯст медорад. Ҳар рӯз худ аз худ зарраи абадиятро меорад”.

Шутурбон пурсид, ки дар кадом шароит Худованд имкон медиҳад, ки ӯ ояндаро пешгӯӣ кунад.

“Танҳо худи шахс онро кашф мекунад. Худованд ояндаро хеле кам ошкор месозад. Ояндаеро ошкор месозад, ки онро метавон тағйир дод.

“Худованд ба писарбача аз ғайб як қисми ояндаро нишон дода будааст,” - аз дил гузаронд шутурбон. “Чаро Худованд писарбачаро барои ин кор интихоб кард?”

“Биравед ва бо сардорони қабилаҳо суҳбат кунед,” - гуфт шутурбон ба писарбача. “Ба онҳо дар бораи лашкарҳое, ки ба Воҳа наздик шуда истодаанд, хабар диҳед”.

“Онҳо ба ҳоли ман механданд”.

“Онҳо мардони бодиянишин ҳастанд ва ба нишонаҳо аҳамият медиҳанд”.

“Хуб, онҳо шояд аллакай донанд”.

“Айни ҳол, онҳо дар ин бора фикр намекунанд. Сардорони қабила ба ин боваранд, ки агар воқеоте рух додани бошад, касе дар ин бора чизе ҳатман ба онҳо хоҳад гуфт. Қаблан борҳо чунин шуда буд. Ин дафъа он шахс шумоед”.

Писарбача дар бораи Фотима фикр кард ва тасмим гирифт, ки барои дидани сардорони қабилаҳо меравад.

***

Писарбача ба назди посбони хаймаи калони сафед, ки дар маркази Воҳа ҷойгир буд, наздик шуд.

“Ман мехоҳам сардорони қабилаҳоро бинам. Ман аз биёбон нишонаҳо овардам”.

Бидуни посух посбон вориди хайма шуд ва муддате дар он ҷо монд. Ӯ бо як ҷавони араб, ки дар тан либоси сафеди тиллоиранг дошт, пайдо шуд. Писарбача он чиро дида буд, ба ӯ нақл кард ва ҷавони араб хоҳиш намуд, ки дар он ҷо интизор шавад. Вай баргашта ба хайма даромад.

Шаб фаро расид ва як қатор мардони ҷанговар ва тоҷирон вориди хайма шуда, баъди чанд вақт аз он ҷо баромаданд. Оташдонҳои хаймаҳо якояк хомӯш шуданд ва Воҳа мисли биёбон торик шуд. Танҳо чароғҳои хаймаи калон равшан монданд. Дар тӯли ин ҳама вақт писарбача дар бораи Фотима фикр мекард ва наметавонист охирин суҳбати худро бо ӯ ба ёд биёрад.

Дар ниҳоят, пас аз чанд соати интизорӣ посбон писарбачаро барои даромадан ба хайма даъват кард. Писарбача аз он чизе, ки дар дохили хайма дид, дар ҳайрат монд. Ҳеҷ гоҳ тасаввур карда наметавонист, ки дар байни биёбон чунин хайма вуҷуд дошта бошад. Рӯи фарши хайма қолинҳои қиматбаҳо андохта шуда буданд, ки писарбача то ҳол болои чунин қолинҳо пой нагузошта буд ва дар сақфи[42]

[42] шифти хона, таги пӯшиши болои хона

хайма бошад, шамъдонҳои тиллоӣ овезон карда шуда буданд, ки дар ҳар яки онҳо шамъҳо фурӯзон буданд. Сардорони қабилаҳо дар дохили хайма нимдоира нишаста, ба болиштҳои абрешимии гулдӯзӣ карда шуда, такя зада буданд. Хизматгорон бо табақҳои нуқрагии пур аз ғизо, адвияҷоту[43] чой меомаданду мерафтанд. Дигар хизматгорон ба қалёнҳо оташ мегузоштанд. Фазои хаймаро бӯи хуши дуд фаро гирифта буд.

Дар он ҷо ҳашт сардори қабила ҳузур доштанд, аммо писарбача  зуд фаҳмид - он арабе, ки дар тан либоси сафеди тиллоиранг пӯшида ва дар маркази нимдавра нишаста буд, марди асосӣ аст. Дар паҳлӯи сардори қабила бошад, он ҷавони арабе менишаст, ки қаблан бо писарбача суҳбат карда буд.

"Ин шахси бегона кист, ки дар бораи нишонаҳо сухан мекунад?" - пурсид яке аз сардорони қабила ба писарбача нигоҳ карда.

"Ин манам," - посух дод писарбача ва он чизеро, ки аз ғайб дида буд, нақл кард.

"Чаро биёбон чунин чизҳоро ба як шахси бегона ифшо мекунад, дар ҳоле ки мо насли бодиянишинонем?" - гуфт яке аз сардорони дигар.

"Чунки чашмонам ҳанӯз ба биёбон одат накардаанд," - гуфт писарбача. "Ман чизҳоеро мебинам, ки чашмони одамони бодиянишин намебинанд".

---

[43] хока ва донаҳои хушбӯй, аз қабили мурч, зира, зардчӯба, заъфарон, қаланфури кӯбидаи хушк, барги лавр ва ғ.

“Инчунин дар бораи Ҷони Олам медонам,”- худ ба худ гуфт ӯ.

“Воҳа ба ҳеҷ кас тааллуқ надорад ва он макони бетараф аст. Ягон кас ба Воҳа ҳамла намекунад,” - гуфт сардори сеюм.

“Ман танҳо он чиро ки дидам, ба шумо гуфтам. Агар ба ман бовар накунед, ҳеҷ айбе надорад”.

Мардон байни худ ба баҳсу мунозира даромаданд. Онҳо бо кадом як лаҳҷаи арабӣ ҳарф мезаданд, ки писарбача онро намефаҳмид, аммо вақте рафтанӣ шуд, посбон ба ӯ гуфт, ки он ҷо бимонад. Писарбача тарсид, чунки нишонаҳо дар бораи нодурустии чизе гуфтанд. Писарбача аз суҳбат кардан бо шутурбон дар бораи он чизе, ки дар биёбон дида буд, пушаймон шуд.

Ногаҳон, он марди асосӣ, ки дар маркази нимдавра нишаста буд, қариб ноаён табассум намуд ва писарбача каме худро оромтар ҳис кард. Он кас дар муҳокима иштирок накард ва дар асл, то он лаҳза чизе ҳам нагуфта буд. Аммо писарбача аллакай Забони Ҷаҳониро медонист ва фазои сулҳро дар тамоми хайма эҳсос кард. Акнун тасаввур кард, ки дуруст амал кардааст.

Баҳсу мунозира ба охир расид. Сардорони қабилаҳо чанд лаҳза хомӯш монданд ва суханони марди асосиро гӯш карданд. Сипас марди асосӣ ба

писарбача бо ахмои[44] гирифта ва чеҳраи сард рӯ овард.

"Ду ҳазор сол қабл, дар яке аз мамлакатҳо марде зиндагӣ мекард, ки ба хобҳо бовар дошт, ӯро ба чоҳ андохтанд, сипас ҳамчун ғулом фурӯхтанд," - гуфт марди асосӣ бо лаҳҷае, ки писарбача онро мефаҳмид. "Тоҷирони мо он одамро харида, ба Миср оварданд. Мо ҳама хуб медонем, ҳар касе, ки ба хобҳо боварӣ дорад, таъбири онҳоро низ медонад".

Марди асосӣ идома дод: "Вақте ки Фиръавн говҳои лоғар ва говҳои фарбеҳро дар хобаш дид, он марде, ки ман дар борааш сухан меронам, Мисрро аз гуруснагӣ наҷот дод. Номи ӯ Юсуф буд. Вай эҳтимол ҳамсину соли шумо буд ва дар як кишвари бегона дар ғарибӣ зиндагӣ мекард".

Ӯ таваққуф кард ва нигоҳаш ҳанӯз ҳам ҷиддӣ буд.

"Мо ҳамеша анъанаҳоямонро риоя мекунем. Анъана дар он рӯзҳо мардуми Мисрро аз гуруснагӣ наҷот дод ва мисриёнро ба яке аз сарватмандтарин мардуми дунё табдил дод. Анъана ба мардон тарзи убур кардани биёбон ва издивоҷи фарзандонро омӯзонд. Аз рӯи анъана, Воҳа ҳудуди бетараф аст, барои он ки ҳарду ҷониб ба он ниёз доранд ва чунин минтақаҳо маъмулан осебнопазир мебошанд".

Ҳеҷ кас чизе нагуфт ва марди асосӣ суханашро идома дод: "Инчунин, аз рӯи анъана мо бояд ба паём

[44] табъи хира, туршрӯёна

ва хабарҳои биёбон бовар кунем. Зеро он чизеро, ки медонем, биёбон ба мо омӯзондааст".

Пирамард ишора кард ва ҳама аз ҷой бархостанд. Вохӯрӣ ба анҷом расид. Қалёнҳоро хомӯш карданд ва посбонон рост истоданд. Писарбача омодаи рафтан шуд, аммо марди асосӣ боз сухан кард: "Фардо мо анъанаи дар бораи бо худ нагирифтани силоҳ дар Воҳаро мешиканем. Тамоми рӯз мо дар ҷустуҷӯи душманони худ хоҳем буд. Баъд аз ғуруби офтоб ҳамаи мардон бори дигар силоҳи худро ба ман месупоранд. Барои ҳар даҳ марди кушташудаи душман як тангаи тилло медиҳам. Онҳо агар ба ҷанг бароянд, мо бояд аз силоҳ истифода барем. Силоҳ мисли биёбон нозук аст ва агар онҳо истифода нашаванд, дафъаи дигар кор намедиҳанд. Фардо ҳадди ақал яке аз силоҳҳо то охири рӯз бояд истифода шавад, вагарна тири он ҳатман ба сӯи шумо равона хоҳад шуд.

Вақте ки писарбача аз хайма баромад, Воҳаро танҳо нури моҳи пурра равшанӣ медод. Аз он ҷо то ба хаймаи писарбача тақрибан бист дақиқа роҳ буд ва ӯ ба он тараф раҳсипор гашт.

Писарбача аз гуфтаҳои марди асосӣ дар ташвиш буд. Ӯ вориди Ҷони Олам гардид ва акнун қимати ин кор метавонад баробари арзиши ҳаёташ бошад. Ин хеле кори хатарнок аст. Аммо писарбача ба чунин бозиҳо аз рӯзи фурӯши ҳамаи гӯсфандони худ ва пайравӣ намудан ба Достони шахсияш оғоз карда буд. Тавре ки шутурбон гуфта буд, фардо ба

марг дучор мешавӣ ё рӯзи дигар, ин дар маҷмуъ фарқе надорад. Барои зиндагӣ кардан ва ё мурдан ҳама рӯз як аст. Тамоми чиз аз як калима вобаста аст: “Мактуб”.

Вай хомӯшона қадам мезад, аз ҳеҷ чиз пушаймонӣ надошт. Агар ӯ фардо мемурд, пас тақдираш чунин буд, ки Худо намехост онро тағйир диҳад. Вай метавонист вақти убури гулӯгоҳ, зимни кор кардан дар дӯкони зарфҳои булӯрӣ, замони убури биёбон ва ё дар назди чашмони Фотима бимирад. Аз он рӯзе, ки аз хона рафт, дигар вақти бекорӣ надошт. Агар фардо мемурд, вай аллакай бештар аз дигар чӯпонҳо дунёро гашта буд ва аз ин ифтихор мекард.

Ногаҳон садое шунида шуд ва ӯро шамоле ба замин афтонд, ки ҳеҷ гоҳ чунин ҳодисаро надида буд. Дар он ҷо чунон чангу ғубор хест, ки моҳро аз назар пинҳон кард. Дар наздаш аспи калони сафед пайдо шуд, ки шиҳаи даҳшатбор мекашид.

Вақте ки ғубори шамол каме паст шуд, писарбача аз чизи дидааш ба ларзидан даромад. Дар болои аспи сафед марди саворе комилан бо либоси сиёҳ нишаста буд ва дар китфи чапаш шоҳин дошт. Ӯ дар сараш салла ва тамоми чеҳрааш - ба истисной чашмонаш - бо рӯймоли сиёҳ пӯшонида шуда буд. Вай зоҳиран ба фиристодагони биёбон монандӣ дошт, аммо буданаш дар он ҷо хеле даҳшатовар менамуд.

Марди аспсавор аз болои зинаш шамшери каҷи калонеро баркашид. Дами теғи он аз нури моҳ медурахшид.

“Кӣ ҷуръати хондани маънии парвози шоҳинҳоро дорад?” - бо чунон садои баланд пурсид, ки фарёди ӯро панҷоҳ ҳазор дарахти хурмои Ал-Файюм ҳамовозӣ карданд.

“Ман ҷуръат кардам, ки ин корро кунам,” - гуфт писарбача. Ин мард тасвири Сантяго Матаморосро, ки савори аспи сафеди худ буд ва кофирон дар зери сумҳои пойи аспаш монда буданд, ба ёд овард. Он кас айнан ба ӯ монандӣ дошт, магар ин ки нақшҳояшон баръакс буданд.

“Ман чунин ҷуръат кардам,” - такрор кард писарбача ва сарашро хам намуд, то ба шамшер зарба занад. “Одамони зиёд наҷот хоҳанд ёфт, зеро ман тавонистам ба Ҷони Олам бипайвандам”.

Марди аспсавор бо шамшер ба гардани писарбача зарба назад. Баръакс, он мард шамшерро оҳиста поён кард ва онро ба пешонии писарбача расонд. Як қатра хун чакид.

Марди аспсавор мисли писарбача тамоман беҳаракат истода буд. Ҳатто фикри гурехтан ба сари писарбача намеомад. Қалбашро ҳиссиёти аҷибе фаро гирифта буд, чунки ӯ барои Достони шахсии худ бояд мемурд. Барои Фотима ҳам. Охир, ҳамаи нишонаҳо дуруст баромаданд. Дар ин ҷо бо душман рӯ ба рӯ шуда буд, аммо парвои мурдан надошт, зеро Ҷони Олам вуҷуд дорад ва бояд ба зудӣ як ҷузъи он мешуд.

Фардо, душманонаш низ як қисми Ҷони Олам хоҳад гардид.

Марди ношинос шамшерро дар пешонии писарбача нигоҳ дошта, идома дод: “Чаро шумо парвози парандагонро хондед?”

“Ман танҳо он чизеро хондам, ки парандагон гуфтан мехостанд. Онҳо хоҳиши наҷот додани Воҳаро доштанд. Фардо ҳамаатон хоҳед мурд, зеро мардони Воҳа нисбат ба одамонатон зиёдтаранд”.

Нуги шамшер ҳамоно дар пешонияш буд.

“Шумо кистед, ки он чиро Худо хостааст, мехоҳед тағйир диҳед?”

“Худо на танҳо лашкар, балки парандаҳоро низ офаридааст. Худованд забони парандагонро ба ман ёд дод. Ҳама чиз бо як даст – аз ҷониби офаридагор навишта шудааст,” - гуфт писарбача суханони шутурбонро ба ёд оварда.

Шахси ношинос шамшерро аз пешонии писарбача гирифт ва ӯ худро ниҳоят сабук ҳис кард. Аммо то ҳол имконияти гурехтанро надошт.

“Ба пешгӯиҳои худ эҳтиёт кунед,” - гуфт шахси ношинос. “Вақте ки чизе дар тақдир ва сарнавишти одам навишта шудааст, роҳи тағйир додани он вуҷуд надорад”.

“Он чизеро, ки дидам, фақат лашкар буд,” - гуфт писарбача. “Ман оқибати ҷангро надидам”.

Он мард аз ҷавоби писарбача қаноатманд менамуд. Аммо шамшерро ҳамоно дар дасташ нигоҳ медошт.

“Одами ғариб дар кишвари бегона чӣ кор мекунад?”

“Ман Достони шахсии худро пайравӣ мекунам. Ин чизест, ки шумо онро намефаҳмед”.

Марди ношинос шамшери худро ба ғилофаш андохт ва он гоҳ писарбача ором шуд.

“Ман далерии туро санҷидам,” - гуфт марди ношинос. “Далерӣ сифатест, ки барои фаҳмидани Забони Ҷаҳон кӯмак мекунад”.

Писарбача ҳайрон шуд. Марди аспсавор дар бораи чизҳое сухан мегуфт, ки кам одамон онро медонистанд”.

“Шумо набояд аз ин кор даст кашед, ҳатто пас аз тай кардани чунин масофаи роҳ,” - идома дод ӯ. “Биёбонро дӯст доред, аммо ҳеҷ гоҳ ба он пурра эътимод накунед. Зеро биёбон ҳама одамонро имтиҳон мекунад ва дар ҳар қадам мушкилот пеш меоварад ва ҳар одам, ки муқобили душворӣ истодагарӣ карда натавонад, биёбон ӯро мекушад”.

Чизе ки ӯ гуфт, писарбача аз даҳони подшоҳи пир - Мелчизодак шунида буд.

“Агар фардо ҷанговарон ба ин ҷо биёянд ва то ғуруби офтоб зинда монӣ, маро кофта пайдо намо,” - гуфт марди ношинос.

Акнун дар дасташ ба ҷойи шамшер тозиёна[45] дошт. Асп дав гирифта, аз зери сумҳои пояш чангу ғубор ба боло хест.

[45] он чи ки бо он чорпоёнро зада меронанд, қамчин

“Шумо дар куҷо зиндагӣ мекунед?” - дод зад писарбача баъди рафтани аспсавор.

Ӯ бо дастаи тозиёна ба тарафи ҷануб ишора кард.

Ҳамин тариқ, писарбача аввалин маротиба бо Кимиёгар вохӯрд.

***

Субҳи дигар ду ҳазор марди силоҳдор дар зери дарахтони хурмои Ал-Файюм камин гирифта буданд. Пеш аз он ки офтоб ба қиём расад, панҷсад марди қабилаҳои дигар дар уфуқ пайдо шуданд. Лашкари саворӣ аз тарафи шимол вориди Воҳа шуда, зоҳиран худро ҳамчун одамони осоишта вонамуд карда, силоҳҳояшонро дар зери либосҳои худ пинҳон карда буданд. Вақте ки ба хаймаи сафед дар маркази Ал-Файюм расиданд, шамшер ва силоҳҳои худро кашида, ба хаймаи холӣ ҳамла карданд.

Мардони Воҳа ҷанговарони аспсаворро аз тарафи биёбон иҳота карданд ва дар давоми ним соат ҳуҷумкунандагонро - ба истиснои яке аз онҳо - дигар ҳамаашонро куштанд. Барои он ки кӯдакон дар бораи ҷанг чизеро пай набаранд, онҳоро аз он тарафи дарахтони хурмо нигаҳ медоштанд. Занон дар хаймаҳои худ нишаста, барои ҳифзи шавҳаронашон дуо мехонданд ва онҳо низ чизеро пай набурданд. Агар ҷасадҳо дар рӯи замин хобида намебуданд, ба

назар чунин менамуд, ки дар Воҳа як рӯзи муқаррарӣ аст.

Ягона шахси зиндамонда ин яке аз фармондеҳони душманон буд. Нимаи дуюми рӯз ӯро ба назди сардорони қабилаҳо оварда, пурсиданд, ки чаро ин анъанаи суннатиро онҳо вайрон карданд. Фармондеҳ гуфт, ки одамонаш дар набардҳои пурдавом аз гуруснагию ташнагӣ дар азоб буданд ва тасмим гирифтанд, ки ба Воҳа ҳуҷум кунанд.

Сардори қабила гуфт, ки ба онҳо раҳмаш меояд, аммо риояи анъана муқаддас аст. Вай фармондеҳро одами бе номус хонду ӯро ба қатл маҳкум кард. Ба ҷои он ки вай бо шамшер ва ё тир кушта шавад, фармондеҳро ба дарахти хурмои хушке ба дор овехтанд ва боди биёбон ҷасадашро алвонҷ медод.

Сардори қабила писарбачаро даъват намуда, панҷоҳ тангаи тилло ҳадя кард. Вай ҳикояи худро дар бораи Юсуфи Миср такрор кард ва аз писарбача хоҳиш кард, ки мушовири ӯ дар Воҳа шавад.

***

Вақте офтоб ба ғуруб рафт ва ситораҳои аввал намудор шуданд, писарбача ба тарафи ҷануб рафтан гирифт. Ниҳоят дар он ҷо хаймаи ягонаеро дид ва як гурӯҳи арабҳо аз он ҷо мегузаштанд ва ба писарбача гуфтанд, ки ин макони ҷинҳо мебошад. Аммо писарбача нишаста, интизор шуд.

Баъд аз баланд шудани моҳ Кимиёгар пайдо шуд. Ӯ дар китфаш ду шоҳини кушташуда дошт.

“Ман дар ин ҷо ҳастам,” - гуфт писарбача.

“Шумо набояд дар ин ҷо бошед,” - ҷавоб дод Кимиёгар. “Ё Достони  шахсиатон шуморо ба ин ҷо овард?”

“Бинобар ҷанги байни қабилаҳо убур кардани биёбон ғайриимкон гашт. Пас ман ба ин ҷо омадам”.

Кимиёгар аз аспаш фаромад ва ишора кард, ки писарбача ба хайма дарояд. Ин хайма ба монанди дигар хаймаҳо дар Воҳа ҷойгир буд. Писарбача бо нигоҳаш оташдон ва дигар дастгоҳҳоеро, ки кимиёгарон истифода мекунанд, ҷустуҷӯ кард, аммо чунин чизро пайдо накард. Дар он ҷо якчанд китоб дар  болои тафдон, як оташдони хурд барои пухтупаз ва қолинҳои пур аз нақшу нигор буданд.

“Шинед. Мо ҳозир чизе менӯшему ин шоҳинҳоро пухта мехӯрем,” - гуфт Кимиёгар.

Писарбача гумон кард, ки онҳо ҳамон шоҳинҳое ҳастанд, ки як рӯз пеш онҳоро дида буд, аммо хомӯш истода, чизе нагуфт. Кимиёгар оташро фурӯзон кард ва дере нагузашта хайма пур аз бӯи хуш гардид. Ин аз бӯи қалёнҳо беҳтар буд.

“Барои чӣ маро дидан мехостӣ?” - пурсид писарбача.

“Бо мақсади нишонаҳо,” - ҷавоб дод Кимиёгар. “Шамол гуфт, ки шумо меоед ва ба кӯмак ниёз доред”.

“Шамол дар бораи ман нагуфт. Ин як хориҷии дигар аст – марди англис. Вай шуморо меҷӯяд”.

“Марди англис дигар вазифаҳо дорад. Аммо вай дар роҳи дуруст аст. Ӯ нав ба фаҳмидани биёбон шурӯъ кардааст”.

“Дар бораи ман чӣ?”

“Вақте ки одам сидқан чизе мехоҳад, тамоми олам ба ӯ кӯмак мекунад, то ба орзуяш расад,” - гуфт Кимиёгар ва суханони подшоҳи пир - Мелчизодакро такрор кард. Писарбача фаҳмид, ки ин шахс ӯро барои  расидан ба Достони шахсияш кӯмак хоҳад кард.

“Пас, ба ман ягон дастуре медиҳед?”

“Не. Шумо аллаккай ҳама чизи лозимиро медонед. Ман фақат ба  шумо роҳи пайдо намудани ганҷи пинҳонро нишон медиҳам”.

“Аммо ҷангҳои қабилавӣ идома доранд,” - боз такрор кард писарбача.

“Ман аз хабарҳои биёбон воқиф ҳастам”.

“Ман аллакай ганҷи пинҳонро ёфтаам. Ман соҳиби шутур, пул, ва панҷоҳ тангаи тилло мебошам. Бо ин доройӣ дар кишвари худ яке аз мардони сарватманде мебудам”.

“Вале дороии шумо ягонтоаш аз Пирамида нест,” - гуфт Кимиёгар.

“Инчунин Фотима ҳаст, ки аз ҳама ганҷҳо боарзиштар аст”.

“Вайро ҳам аз Пирамидаҳо пайдо накардаед”.

Онҳо хомӯшона хӯрок хӯрданд. Кимиёгар сарпӯши шишаро боз кард ва ба пиёлаи писарбача шароби сурх рехт. Ӯ чунин шароби беҳтаринро то ҳол ягон бор начашида буд.

"Оё нӯшидани шароб дар ин ҷо манъ карда нашудааст?" - пурсид писарбача.

"Он чизе, ки ба даҳони мардум ворид мешавад, гуноҳ надорад," - гуфт Кимиёгар. "Баръакс гуноҳ аз даҳон мебарояд".

Кимиёгар каме ғамгин менамуд, аммо писарбача аз нӯшидани шароб оромӣ пайдо кард. Пас аз хӯрок хӯрдан онҳо дар назди хайма зери моҳи дурахшон, ки аз рӯшноӣ ситораҳоро сафедранг месохт, нишастанд.

"Нӯшеду лаззат баред," - гуфт Кимиёгар ва пай бурд, ки писарбача худро хушбахт ҳис карда истодааст. "Имшаб хуб истироҳат кунед, гӯё ки ба ҷанг омодагӣ мегиред. Дар хотир нигаҳ доред, ки ҳар куҷое дилатон бошад - дар ҳамон ҷо ганҷи худро хоҳед ёфт. Барои он ки роҳи тайкардашуда, маъное пайдо кунад, бояд ганҷи пинҳонро ёбед".

"Фардо шутуратонро фурӯхта, асп харидорӣ намоед. Шутурҳо хиёнаткоранд. Онҳо зуд қадам зада, ба пеш мераванд ва ҳеҷ гоҳ хаста ҳам намешаванд, вале ногаҳон аз пой меафтанду мемиранд. Аммо аспҳо оҳиста - оҳиста хаста мешаванд. Шумо ҳамеша медонед, ки онҳо боз чӣ қадар нерӯ доранду кай мемиранд.

***

Шаби дигар писарбача бо аспи худ ба назди хаймаи Кимиёгар омад. Кимиёгар аллакай барои сафар кардан омода буд ва ба аспи худ савор шуда, шоҳинро ба китфи чапаш гузошт. Вай ба писарбача гуфт: “Ба ман нишон деҳ, ки дар куҷои биёбон ҳаёт ҳаст. Танҳо онҳое, ки нишонаи ҳаётро мебинанд, метавонанд ганҷро пайдо кунанд”.

Онҳо ба биёбон раҳсипор шуданд ва моҳтоб роҳро равшанӣ мекард. “Ман оё метавонам дар биёбон ягон ҳаёте пайдо кунам?” - фикр кард писарбача, чунки биёбонро он қадар хуб намедонист.

Ӯ мехост ба Кимиёгар ҳамин тавр гӯяд, аммо тарсид. Онҳо ба ҷойи санглох расиданд - ба ҷойе, ки писарбача дар осмон шоҳинҳоро дида буд - ҳоло бошад, дар он ҷо шамол мевазиду хомӯшӣ ҳукмфармо буд.

“Ман намедонам чӣ гуна дар биёбон ҳаётро ёфтан мумкин бошад,” - гуфт писарбача. “Мутмаинам, ки дар ин ҷо ҳаёт ҳаст, аммо намедонам дар куҷо онро ҷустуҷӯ кунам”.

“Ҳаёт ҳаётро ба худ ҷалб мекунад,” - ҷавоб дод Кимиёгар.

Писарбача суханони ӯро фаҳмид. Вай лаҷоми аспашро сар дод ва он аз болои сангу рег давидан гирифт. Аспи Кимиёгар ним соат аз қафои аспи писарбача давид. Онҳо дигар аз Воҳа хеле дур рафтанд - танҳо моҳи пурраи осмон бо нури худ ба

сангҳои биёбон равшанӣ медод. Ногаҳон, бидуни ягон сабаб, аспи писарбача суръаташро суст кардан гирифт.

“Дар ин ҷо ҳаёт ҳаст,” - гуфт писарбача ба Кимиёгар. “Ман, забони биёбонро намедонам, аммо асп забони ҳаётро медонад”.

Онҳо аз асп фаромаданд ва Кимиёгар чизе нагуфт. Оҳиста - оҳиста пеш рафта, дар байни сангҳо чизеро кофтанд. Кимиёгар якбора истод ва ба замин хам шуд. Он ҷо дар байни сангҳо сӯрохие мавҷуд буд. Кимиёгар дасташро ва баъд тамоми бозуяшро ба сӯрохӣ андохт. Дар он ҷо чизе ҳаракат мекард ва чашмони Кимиёгар, ки писарбача танҳо онҳоро медид, аз саъйяш нимпӯш шуда буданд. Ба назар чунин менамуд, ки дасти ӯ бо чизе дар сӯрохӣ занозанӣ мекунад. Сипас бо як ҳаракате, ки писарбачаро ба ҳайрат овард, дасташро кашиду аз ҷой бархост. Бо дасташ морро аз думаш кашида гирифт.

Писарбача тарсида, аз назди Кимиёгар ба дигар тараф ҷаҳид. Мор барои раҳо шудан сахт мубориза мебурд ва садои шӯридае мебаровард, ки хомӯшии биёбонро вайрон мекард. Ин мори афъӣ[46] буд, ки заҳри он метавонист одамро дар давоми чанд дақиқа кушад.

“Аз заҳри мор эҳтиёт кунед,” - гуфт писарбача. Аз он ки Кимиёгар дасташро ба сӯрох андохт, бешак мор ӯро газида буд, вале ӯ ором менамуд. “Кимиёгар

[46] мори заҳрдор

дусад сола аст," - гуфта буд марди англис. Вай чӣ гуна муносибат кардан бо морҳои биёбонро бояд донад.

Писарбача дид, ки Кимиёгар ба назди аспаш рафт ва ханҷарашро гирифт. Бо нӯги ханҷар дар рег давра кашид ва сипас морро ба дохили он гузошт. Мор дарҳол ором шуд.

"Бе парво бошед," - гуфт Кимиёгар. "Мор давраро тарк намекунад. Шумо дар биёбон ҳаётро пайдо кардед, ин нишона бароям лозим буд".

"То чӣ андоза ин муҳим аст?"

"Барои он ки Пирамидаҳоро биёбон иҳота кардааст".

Писарбача намехост дар бораи Пирамидаҳо суҳбат кунад. Дилаш ғамгин шуда, аз дишаб боз рӯҳафтода буд. Ҷустуҷӯи ганҷи пинҳон маънои аз даст додани Фотимаро дошт.

"Ман мехоҳам туро дар биёбон роҳнамоӣ кунам," - гуфт Кимиёгар.

"Ман бошам, мехоҳам дар Воҳа монам, - дар посух гуфт писарбача". "Ман Фотимаро ёфтам ва ин бароям аз ганҷ дида болотар меистад".

"Фотима зани бодиянишин аст," - гуфт Кимиёгар. "Вай медонад, ки мардон барои бозгаштан ба хона сафар мекунанд. Фотима ҳам аллакай ганҷи худро ёфтааст - ин ганҷ шумоед. Ҳоло вай мунтазир аст, ки ганҷи худро пайдо карда бармегардед".

"Хуб, ҳоло агар ман ин ҷо монам чӣ мешавад?"

“Иҷозат диҳед, то бигуям, ки оқибат чӣ мешавад. Шумо ба ҳайси мушовири Воҳа кор хоҳед кард. Гӯсфанд ва шутурҳои зиёд харидорӣ мекунед, барои ин тиллои кофӣ доред. Бо Фотима издивоҷ хоҳед кард ва як сол хушбахтона зиндагӣ мекунед. Дӯст доштани биёбонро меомӯзед ва ҳамаи панҷоҳ ҳазор хурморо хоҳед шинохт. Дарахтони хурморо ҳангоми афзоишашон назорат мекунед ва мефаҳмед, ки ҷаҳон ҳамеша тағйирёбанда аст. Нишонаҳоро беҳтар мебинед, чунки биёбон беҳтарин устод барои инсон аст”.

“Дар давоми соли дуюм шумо ганҷи пинҳонро гоҳ – гоҳ ёд хоҳед кард. Нишонаҳо ба таври қатъӣ дар бораи ганҷи пинҳон бо шумо сухан мекунанд, он гоҳ кӯшиш мекунед, ки онҳоро нодида гиред. Шумо дониш ва ақлу заковати худро барои беҳбудии ҳаёти Воҳа ва сокинони он истифода хоҳед бурд. Сардорони қабилаҳо коратонро қадр хоҳанд кард. Шутурҳоятон ба шумо сарват ва қудрат меоранд. Дар давоми соли сеюм ҳам нишонаҳо дар бораи ганҷи пинҳон ва Достони шахсӣ бо шумо муошират мекунанд. Шабҳо дар Воҳа гаштугузор мекунед ва Фотима эҳсос менамояд, ки маҳз ӯ садди роҳи шумо гардидааст ва аз ин ғамгин мешавад. Аммо шумо ҳамоно якдигарро дӯст хоҳед дошт. Дар хотир бояд дошта бошед, ки Фотима ҳеҷ гоҳ барои пайдо кардани ганҷи пинҳон садди роҳатон намешавад, зеро занони бодиянишин дар сурати рафтани мардон, онҳоро интизор мешаванд. Аз ҳамин хотир ӯро

айбдор кардан лозим нест. Бисёр вақтҳо дар болои регҳои биёбон қадам мезанед ва фикр мекунед, ки шояд ба Пирамидаҳо рафта метавонед... то ки ба муҳаббати Фотима бештар эътимод пайдо карда тавонед. Он чизе, ки шуморо дар Воҳа нигоҳ медорад, ин тарси худатон аз барнагаштан ба Воҳа мебошад. Он гоҳ нишонаҳо мегуянд, ки ганҷи пинҳонро то абад аз даст додаед.

Сипас, дар тӯли соли чорум нишонаҳо аз шумо дур мешаванд, зеро ба онҳо дигар аҳамият намедиҳед. Сардорони қабилаҳо инро мебинанд ва аз вазифаи мушовири қабила шуморо озод менамоянд. Вале, то он вақт шумо як тоҷири сарватманд – соҳиби шутурҳои бисёру молу мулки зиёде мегардед. Дар охири ҳаёти худ аз пайравӣ накардан ба Достони шахсии худ пушаймон мешавед.

“Шумо бояд дар хотир дошта бошед, ки ишқ ҳеҷ гоҳ одамро аз пайравӣ намудан ба Достони шахсии худ боз намедорад. Агар чунин набошад, пас он ишқ - ишқи ҳақиқӣ нест... ишқе, ки бо Забони Ҷаҳон ҳарф мезанад”.

Кимиёгар хати доираи дар рег кашидаашро тоза кард ва мор баромада дар байни сангҳо ғайб зад. Писарбача тоҷири зарфҳои булӯрӣ, ки ҳамеша мехост ба Макка равад ва марди англисро дар ҷустуҷӯи Кимиёгар буд, ба ёд овард. Вай дар бораи Фотима фикр кард, ки ба биёбон эътимод дошт ва писарбача ба биёбоне нигоҳ мекард, ки ӯро барои зани дӯстдоштааш оварда буд.

Онҳо ба аспҳои худ савор шуданд ва ин дафъа писарбача аз қафои  Кимиёгар ба Воҳа баргашт. Шамол садои Воҳаро ба онҳо расонд ва писарбача кӯшиш кард, ки овози Фотимаро бишнавад. Он рӯз бинобар сабаби ҷанг писарбача Фотимаро дар назди чоҳ надида буд.

Аммо он шаб писарбача ба мори афъӣ, ки ҷуръати вайрон кардани марзи давраро надошт, нигоҳ карда, суханони аспсавори аҷиброро - бо шоҳине дар китфаш - дар бораи ишқ ва ганҷ, занони бодияшин ва Достони шахсӣ гӯш кард.

“Ман ҳамроҳи шумо меравам,” - гуфт писарбача, ва дарҳол дар дилаш оромиро ҳис кард.

“Мо фардо пеш аз тулӯъи офтоб ба сафар мебароем,”- ҷавоб дод Кимиёгар.

***

Писарбачаро шаб хоб набурд. Ду соат пеш аз дамидани субҳ ҷавони арабро, ки дар хайма ҳамроҳаш мехобид, бедор кард ва  хоҳиш намуд, ки дар куҷо зиндагӣ кардани Фотимаро ба ӯ нишон диҳад. Онҳо назди хаймаи Фотима рафтанд ва писарбача барои хизмати ҷавонписарак як тангаи тиллоӣ дод, то гӯсфанд бихарад.

Сипас аз ҷавон хоҳиш кард, ки ба хаймаи Фотима дарояду бедораш кунад ва бигӯяд, ки писарбача ӯро дар берун интизор аст. Ҷавони араб мувофиқи хости писарбача амал кард ва боз барои

хизматаш як тангаи тилло гирифт, то ин ки боз як гӯсфанди дигар харад.

“Ҳоло моро танҳо гузоред,” - гуфт писарбача ба ҷавони араб. Араб ба хаймаи худ баргашт ва фахр кард, ки ба мушовири Воҳа кӯмак кардааст ва инчунин аз доштани маблағи кофӣ барои харидани гӯсфанд хушҳол буд.

Фотима дар пеши даромадгоҳи хайма пайдо шуд. Ҳарду қадамзанон ба сӯи дарахтони хурмо рафтанд. Писарбача медонист, ки анъанаи онҳоро вайрон кардааст, аммо ин ҳоло барояш дигар аҳамият надошт.

“Ман ба сафар меравам,” - гуфт ӯ. “Мехоҳам шумо донед, ки ман бармегардам. Ман туро дӯст медорам, зеро…”

“Дигар ҳеҷ чиз нагӯед,” - сухани ӯро бурида, гуфт Фотима. “Дӯст медоранд, барои он ки дӯст медоранд. Барои дӯст доштан ягон баҳона кофтан лозим нест”.

Аммо писарбача суханашро идома дода гуфт: “Ман дар хоб дидам, ки бо подшоҳе вохӯрдам. Дар дӯкони тоҷири зарфи булӯрӣ кор кардам, аз биёбонҳо гузаштам. Бинобар сабаби ҷанги қабилаҳо ба назди чоҳ омада, аз шумо дар бораи Кимиёгар пурсидам. Туро дӯст медорам, чунки олам ҷиҳати пайдо намудани ту ба ман кӯмак кард”.

Ҳарду якдигарро ба оғуш гирифтанд. Ин бори аввал буд, ки писарбача ба тани нафиси духтарона даст мерасонд.

“Ман бармегардам,” - гуфт писарбача.

“Ман пеш аз ин ҳам доимо ба биёбон бо орзу менигаристам,” - гуфт Фотима. “Акнун ба биёбон нигоҳ кардан барои ман бо як умеде мебошад. Падарам як рӯз ба биёбон сафар кард, баъд аз муддате ба назди модарам баргашт ва аз он вақт инҷониб ӯ ҳамеша бармегардад”.

Дигар чизе нагуфтанд. Онҳо каме дар байни дарахтони хурмо қадам заданд ва баъд писарбача бо ӯ дар даромадгоҳи хайма видоъ кард.

“Ман бармегардам, ҳамон тавре ки падарат ба назди модарат баргашта буд,” - гуфт ӯ.

Вай дид, ки чашмони Фотима пур аз ашк шуданд.

“Шумо гиря доред?”

“Ман як духтари бодиянишин ҳастам,” - гуфт рӯйяшро пӯшонида. “Аммо пеш аз ҳама зан ҳастам”.

Фотима ба хаймаи худ баргашт ва чун субҳ дамиду олам равшан шуд, ба корҳои маъмулии ҳаррӯзаи худ, ки солҳои тӯлонӣ анҷом медод, оғоз кард. Аммо акнун ҳама чиз тағйир ёфта буд. Писарбача дигар дар Воҳа набуд ва чизе ки дирӯз маъноe дошт, имрӯз дигар барояш аҳамияте надошт. Барои Фотима он дигар ҷое набуд, ки панҷоҳ ҳазор дарахти хурмо ва сесад чоҳ дошта бошад, ки ҳоҷиён дар охири сафарҳои тӯлонии худ он ҷо истироҳат кунанд. Аз он рӯз сар карда, Воҳа барои ӯ ҷойи холӣ буд.

Аз ҳамон рӯз инҷониб, биёбон барояш муҳимтар буд. Вай ҳар рӯз ба биёбон менигарист ва мекӯшид тахмин кунад, ки писарбача дар ҷустуҷӯи ганҷи худ кадом ситораро пайравӣ мекунад. Ӯ мехост бӯсаҳояшро тавассути шамол фиристад, умедвор буд, ки шамол ба рӯи писарбача мевазад ва мегуяд, ки ӯ зинда аст. Фотима духтаре буд,  мунтазири ҷавони далере, ки ба ҷустуҷӯи ганҷи худ рафта буд. Аз ҳамон рӯз биёбон барояш танҳо умеди бозгашти писарбачаро ифода мекарду халос.

***

“Коре, ки гузаштааст дар борааш дигар фикр накунед,” - гуфт Кимиёгар ба писарбача ҳангоми убур кардани биёбон. “Ҳама чиз дар Ҷони Олам навишта шудааст ва он то абад боқӣ хоҳад монд”.

“Мардон бештар дар бораи бозгаштан ба хонаҳои худ орзу мекунанд,” - гуфт писарбача.

“Он чизе, ки пайдо кардед, агар аз моддаи холис асос ёфта бошад, ҳеҷ гоҳ вайрон намешавад. Кас метавонад ҳамеша ба он баргардад. Вале агар ин модда холис набошад, ба монанди як лаҳза рӯшноӣ - ба монанди чашмак задани ситора – зуд мегузарад ва баъд аз баргаштан чизе нахоҳед ёфт.

Он мард бо забони кимиёгарӣ сухан меронд. Аммо писарбача  мефаҳмид, ки вай Фотимаро дар назар дорад.

Дар бораи Фотима фикр накардан барои писарбача душвор буд. Биёбон бо хомӯшӣ ва

якрангии беохираш ӯро ба орзуву ормон мебурд. Пеши назари писарбача дарахтони хурмо, чоҳҳо ва чеҳраи зани дӯстдоштааш ҳанӯз ҳам намоён буд. Ҳамчунин марди англисро, ки машғули гузаронидани таҷрибаҳои худ буд ва шутурбонро, ки худ хирадмандиашро намедонист, пеши назараш баръало медид. Шояд Кимиёгар ҳеҷ гоҳ ошиқ нашуда бошад, фикр кард писарбача.

Кимиёгар бо шоҳини дар китфаш буда, ба пеш ҳаракат мекард. Ин мурғи шикорӣ забони биёбонро хуб медонист ва ҳар гоҳ, ки онҳо меистоданд, шоҳин барои ҷустуҷӯи сайд парвоз мекард. Дар рӯзи аввал бо харгӯш ва рӯзи дигар бо ду паранда баргашт.

Шабона онҳо рахти хоби худро паҳн намуда, оташҳоро хомӯш мекарданд. Шабҳои биёбон сард буданд ва бо гузашти марҳилаи хурдшавии моҳ боз ҳам шабҳо ториктару ториктар мешуданд. Онҳо як ҳафта ба роҳ рафтан идома доданд ва танҳо дар бораи чораҳои эҳтиётӣ барои амал кардан дар замони ҷанги байни қабилаҳо сухан мекарданд. Ҷанг идома дошт ва баъзан шамол бӯйи хуни маҷруҳонро меовард. Ҷангҳо дар наздикиҳои онҳо мегузаштанд ва шамол ба писарбача нишон медод, ки забони нишонаҳо вуҷуд дорад ва ин нишонаҳо ҳамеша ба ӯ чизҳоеро нишон медоданд, ки чашмони писарбача аз онҳо ҳатто пай намебурданд.

Дар рӯзи ҳафтум Кимиёгар тасмим гирифт, ки барвақтар хайма занад. Шоҳин барои ёфтани сайд

парвоз кард ва Кимиёгар зарфи оби худро ба писарбача дароз кард.

“Шумо қариб сафарро ба охир расонидед,” - гуфт Кимиёгар. ”Ман шуморо барои пайравӣ кардан ба Достони шахсии худатон табрик мекунам”.

“Шумо дар роҳ ба ман чизе нагуфтед,” - гуфт писарбача. “Фикр кардам, ки баъзе чизҳоро ба ман меомӯзонед. Чанде пеш ман бо як марде, ки дар бораи кимиёгарӣ китобҳои зиёде дошт, дар биёбон ҳамсафар будам. Аммо натавонистам аз он китобҳо чизеро омӯзам”.

“Танҳо як роҳи омӯзиш вуҷуд дорад,” - ҷавоб дод Кимиёгар. “Ин ҳам бошад, танҳо тавассути амал метавон онро омӯхт. Ҳама чизи лозимиро дар тӯли сафари худ омӯхтед. Шумо бояд танҳо ба як чиз бештар аҳамият диҳед”.

Писарбача чӣ будани онро фаҳмидан мехост, аммо Кимиёгар дар биёбон шоҳинашро меҷуст.

“Чаро шуморо Кимиёгар меноманд?”

“Барои он ки чунин ҳастам”.

“Чаро дигар кимиёгарон фулузро ба тилло мубаддал карда натавонистанд, онҳо ба чӣ хатогӣ роҳ доданд?”

“Онҳо танҳо тилло меҷустанд,” - ҷавоб дод Кимиёгар. “Тиллоеро меҷустанд, ки дар дохили Достони шахсии онҳо пинҳон буд ва онро надида, дар гирди Достони шахсии худ мегаштанд”.

“Ман бояд боз чиро донам?” - пурсид писарбача.

Вале Кимиёгар ҳамоно ба уфуқ нигоҳ карданро идома дода, дид, ки шоҳин бо сайди кардааш баргашт. Онҳо сӯрохие канда, учоқчае сохтанд ва дар он оташ афрӯхтанд, то ин ки нури алангаи оташ дида нашавад.

“Ман Кимиёгар ҳастам - ҳамту Кимиёгар,” - гуфт ӯ ҳангоми омода кардани хӯрок. “Ман илмро аз бобоям омӯхтам, ки ӯ аз падараш омӯхта буд ва ба ҳамин зайл, то пайдо шудани насли одам. Дар он замонҳо, Кори Устодро танҳо дар Лавҳаи Зумуррад навиштан мумкин буд. Аммо одамон ин чизҳои оддиро рад карда, рисолаҳо, тафсирҳо ва таҳқиқоти фалсафӣ менавиштанд. Онҳо инчунин фикр мекарданд, ки нисбат ба дигарон роҳи осонтареро медонанд. Бо вуҷуди ин, Лавҳаи Зумуррад то имрӯз вуҷуд дорад.

“Дар Лавҳаи Зумуррад чӣ навишта шуда аст?” - писарбача хост фаҳмад.

Кимиёгар дар рег ба кашидани нақши чизе оғоз кард ва дар тӯли камтар аз панҷ дақиқа онро ба анҷом расонид. Ҳангоми кашидани нақш писарбача дар бораи подшоҳи пир – Мелчизодак ва майдоне, ки он рӯз онҳо вохӯрда буданд, фикр карда, чунин менамуд, ки гӯё чандин сол пеш ин рух дода буд.

“Ин ҳамон чизест, ки дар Лавҳаи Зумуррад навишта шудааст,” - гуфт Кимиёгар, пас аз ба итмом расонидани он.

Писарбача кӯшиш кард он чиро, ки дар рег навишта шудааст, бихонад.

“Ин рамз аст,” - гуфт писарбача каме ноумед шуда. “Чунин ба назар мерасад, ки ман чунин рамзҳоро дар китобҳои марди англис дидаам”.

“Не,” - ҷавоб дод Кимиёгар. “Ин ба мисли парвози он ду шоҳини дар осмонбуда аст. Инро бо ақлу хирад наметавон фаҳмид. Лавҳаи Зумуррад ин як паёми мустақими Ҷони Олам аст”.

“Одамони бохирад кайҳо медонанд, ки ин олами табиӣ - танҳо як намуд ва нусхаи биҳишт аст. Мавҷудияти ин олам - кафолати мавҷудияти олами дигари бакамолотрасида аст. Худои бузург ҷаҳонро барои он офарид, ки одамон тавассути объектҳои дидашавандаи он - таълимоти рӯҳонӣ ва муъҷизаҳои хиради онро дарк кунанд. Ин чизест, ки маънои амал карданро дорад”.

“Оё ба ман лозим аст, ки Лавҳаи Зумуррадро бифаҳмам?” - пурсид писарбача.

“Агар шумо дар озмоишгоҳи кимиёгарӣ мебудед, он вақти муносиб барои фаҳмидани Лавҳаи Зумуррад буд. Аммо шумо дар биёбон ҳастед. Пас худро ғарқи омӯзиши биёбон кунед. Дар биёбон шумо метавонед дунёро дарк кунед. Аслан, дар рӯи замин ҳама ин корро мекунанд. Ҳатто фаҳмидани биёбон лозим нест. Шумо танҳо ба як донаи оддии рег назар кунед, он гоҳ ҳамаи муъҷизоти офариниши оламро хоҳед дид”.

“Чӣ гуна ман биёбонро дарк кунам?”

“Ба қалбатон гӯш кунед. Вай ҳама чизро медонад, зеро он аз Ҷони Олам омадааст ва рӯзе ба он ҷо бармегардад”.

***

Онҳо боз ду рӯзи дигар дар биёбон хомӯшона роҳ тай карданд. Кимиёгар хеле эҳтиёткор буд, зеро онҳо ба минтақае расиданд, ки дар он ҷо набардҳои шадидтарин мерафтанд. Ҳангоме ки онҳо ҳаракат мекарданд, писарбача кӯшиш мекард, ба дили худ гӯш диҳад.

Ин кори осон набуд. Қаблан дили ӯ ҳамеша мехост дар бораи худ чизе нақл кунад, аммо вақтҳои охир хомӯш буд. Замоне буд, ки дилаш соатҳо дар бораи ғаму андӯҳи худ нақл мекард ва дар вақти дигар бошад, дар саҳро зимни тулӯи офтоб чунон ба эҳсосот дода мешуд, ки ашки худро дошта наметавонист. Ҳангоме ки сухан дар бораи ганҷ мерафт, дили ӯ тез – тез кор мекард ва замоне, ки ба уфуқҳои беохири биёбон менигарист дилаш оҳиста - оҳиста мезад. Ҳатто бо Кимиёгар ҳам дилаш ҳеҷ гоҳ ором набуд.

“Чаро мо бояд ба дили худ гӯш диҳем?” - пурсид писарбача, вақте ки онҳо хайма мезаданд.

“Зеро дар ҳар куҷое, ки дили шумо бошад, он ҷо ганҷи худро хоҳед ёфт”.

“Аммо дили ман меларзад,” - гуфт писарбача. “Ман ошиқи як духтари бодиянишинам. Вақте ки дар

бораи ӯ фикр мекунам, дилам аз ман чизе талаб мекунад ва шабҳои дароз маро хоб намебарад”.

“Бале, ин хуб аст. Мурғи дили шумо зинда аст. Ба он чизе, ки дилатон мегуяд, гӯш доданро идома диҳед”.

Давоми се рӯзи дигар, ҳардуяшон аз назди қабилаҳои мусаллаҳ гузашта, дигар қабилаҳои силоҳдорро дар уфуқ диданд. Писарбача дар вуҷуди худ тарсро эҳсос мекард. Ӯ ба нақл кардани ҳикояҳое, ки аз Ҷони Олам шунида буд, оғоз карда, дар бораи мардоне, ки ганҷи худро меҷӯстанд ва барои пайдо кардани он ҳеҷ гоҳ муваффақ намешуданд, ҳикоя мекард. Баъзан писарбача аз андешаи мурдан дар биёбон ва ё пайдо накардани ганҷ метарсид. Дар вақти дигар бошад, писарбача аз фикр кардан дар бораи муҳаббат ва аз дарёфти ганҷ қаноатманд мешуд.

“Дилам ба ман хиёнат мекунад,” - гуфт писарбача ба Кимиёгар вақте ки онҳо барои истироҳат кардани аспҳо таваққуф карданд.

“Дилам намехоҳад, ки пеш равам”.

“Ин маъное дорад,” - ҷавоб дод Кимиёгар. “Тарсидан ин табиист зеро ҳангоми амалӣ кардани орзуи худ шумо метавонед ҳама чизеро, ки доред, аз даст диҳед”.

“Хуб, пас чаро ман бояд ба дили худ гӯш кунам?”

“Зеро дилатон дигар ҳеҷ гоҳ наметавонад хомӯш истад. Ҳатто агар худро вонамуд кунед, ки

чизеро намешунавед, дилатон ҳамоно бо шумост ва он чиро, ки дар бораи ҳаёт ва ҷаҳон фикр мекунед, он ба шумо такрор мекунад".

"Яъне, дар назар доред, ки новобаста аз он ки хиёнаткорӣ мекунад, ба он бояд гӯш диҳам?"

"Хиёнаткорӣ ин як зарбаест, ки мунтазираш нестед. Агар шумо дили худро хуб донед, пас он ҳеҷ гоҳ хиёнаткорӣ намекунад. Зеро шумо хоҳишҳои онро хоҳед донист ва чӣ тавр мубориза бурданро хоҳед фаҳмид. Шумо ҳеҷ гоҳ аз дили худ гурехта наметавонед. Аз ин рӯ, беҳтар аст, ки он чизеро мегӯяд, ба он гӯш диҳед. Ҳамин тариқ, ҳеҷ гоҳ аз зарбаи ногаҳонӣ нахоҳед тарсид."

Писарбача ҳангоми гузаштан аз биёбон ба дили худ гӯш карданро идома дод. Ӯ омода буд, ки найрангҳои онро дарк кунад ва онро тавре ки ҳаст, қабул намояд. Ӯ дигар наметарсид ва хоҳиши бозгашт ба Воҳаро надошт, зеро дар нимаи дуюми рӯз дилаш ба ӯ гуфт, ки писарбача одами хушбахт аст. "Гарчанде ки ман баъзан шикоят мекунам," - гуфт дилаш ба писарбача, "ин аз он сабаб аст, ки дили инсон ҳастам ва дили одам ҳамин хусусиятро дорад. Одамон аз амалӣ сохтани орзуҳои худ метарсанд, онҳо фикр мекунанд, ки ба ин сазовор нестанд ва ё наметавонанд ба орзуҳои худ расанд. Мо аз фикр кардан дар бораи он ки наздиконамон рафтанд ва дигар барнамегарданд, ганҷ дар зери рег ноаён аст ва онро мо намеёбем ва дигар чизҳо сахт

метарсем. Агар дар асл чунин воқеа рӯй диҳад, мо азоб мекашем".

"Дили ман аз азоб кашидан метарсад," - гуфт писарбача шабе ба Кимиёгар зимни нигаристан ба осмони бе моҳ.

"Ба дили худ бигӯед, ки тарси азоб кашидан бадтар аз худи азоб аст. Ҳеҷ гоҳ дил дар ҷустуҷӯи орзуҳои неки худ азият намекашад, зеро ҳар сонияи ҷустуҷӯ ин як вохӯрӣ бо офаридагор ва абадият аст".

"Ҳар лаҳзаи ҷустуҷӯ ин дидор бо офаридагор аст," - гуфт писарбача ба дили худ. "Вақте ки ман дар ҳақиқат ганҷи худро меҷустам, ҳар рӯз бароям гуворо буд, зеро медонистам, ки ҳар соат ин як қисми иҷрошавии орзуям ҳаст. Ҳангоми ҷустуҷӯи ганҷи худ, дар роҳ бисёр чизҳоро кашф кардам, агар ҷуръат намедоштам, ғайр аз чӯпон будан дигар касе намешудам".

Ҳамин тавр, дили ӯ ором гашт. Он шаб писарбачаро сахт хоб бурд ва вақте ки аз хоб бедор шуд, дилаш ба ӯ аз Ҷони Олам нақл кард. Дилаш мегуфт, ки ҳамаи одамон хушбахту худододанд. Чуноне ки Кимиёгар гуфта буд, хушбахтиро метавон аз донаи реги биёбон пайдо кард. Зеро лаҳзаи офариниши донаи рег дар олам миллионҳо солро дар бар мегирад. "Ҳар як шахс дар рӯи замин ганҷе дорад, ки ӯро интизор аст," - гуфт дили ӯ. "Дили мо, одамон дар бораи ин ганҷҳо хеле кам мегӯянд, зеро одамон намехоҳанд ба ҷустуҷӯи онҳо раванд. Мо дар бораи онҳо танҳо ба кӯдакон мисли афсона нақл

мекунем. Баъдтар мо ҳаётро мегузорем, ки ба самти худ, аз рӯи сарнавишт пеш равад. Мутаассифона, шумораи ками одамон ба роҳи таъйингардидаи худ мераванд, ба роҳе, ки ба сӯи Достони шахсии худ ва хушбахтӣ мебарад. Аксар одамон ҷаҳонро ҳамчун як макони хатар мебинанд ва ҷаҳон дар асл барои онҳо макони таҳдидкунанда мегардад".

"Ҳамин тавр, мо бо дилҳои худ бештари вақтҳо хеле нармтар сухан мекунем. Мо ҳеҷ гоҳ хомӯш намеистем, вале фикр мекунем, ки суханонамон шунида намешаванд. Мо намехоҳем, ки одамон аз он ки ба дили худ пайравӣ намекунанд, дар азоб бошанд".

"Барои чӣ дил ҷиҳати расидан ба орзуи худ ба одамон чизе намегуяд?" - пурсид писарбача аз Кимиёгар.

"Барои он ки дил аз ин бештар азоб мекашад ва қалбҳо ранҷ кашиданро дӯст намедоранд".

Аз он вақт сар карда писарбача дили худро мефаҳмид ва аз дил хоҳиш кард, ки ҳеҷ гоҳ суҳбат карданро бас накунад. Аз дилаш хост, ки зимни дар хоби гарон буданаш агар хабаре бошад, ӯро фишор дода, ҳушдор диҳад. Писарбача савганд ёд кард, ки ҳар дафъае дилаш аз чизе ҳушдор диҳад, ҳатман ба паёми он гӯш ва таваҷҷуҳ хоҳад кард.

Он шаб ҳамаи инро ба Кимиёгар нақл кард ва фаҳмид, ки дили писарбача ба Ҷони Олам пайваст аст.

“Акнун чӣ кор бояд кунам?” - пурсид писарбача.

“Ба самти Пирамидаҳо рафтанро идома диҳед,” - гуфт Кимиёгар. “Инчунин, ба нишонаҳо диққат диҳед. Дилатон дар куҷо будани ганҷро ба шумо нишон медиҳад”.

“Ин фақат ягона чизест, ки бояд онро донам?”

“Ҳаргиз не,” - ҷавоб дод Кимиёгар. “Он чизеро ки бояд донед, пеш аз амалӣ шудани орзу Ҷони Олам ҳама чизи дар ин давом омӯхташударо тафтиш мекунад. Ин ба хотири он аст, ки мо на танҳо бояд орзуҳои худро амалӣ кунем, балки дарсҳои омӯхташударо дар ин самт бояд аз худ намоем. Ин лаҳзаи ҳасос аст, зеро аксари одамон дар ин марҳила корро қатъ мекунанд. Агар ба забони биёбон гӯем, “мурдан аз ташнагӣ зимни намоён шудани дарахтони хурмо дар уфуқ” мебошад”.

“Ҳар ҷустуҷӯ дар аввал осон аст ва дар охир аз озмоиши шадид мегузарад”.

Писарбача як зарбулмасали қадимаи кишвари худро ба ёд овард. Дар он гуфта мешуд, ки ториктарин соати шаб пеш аз дамидани субҳ фаро мерасад.

***

Рӯзи дигар нишонаи аввалини хатари ҷангро диданд. Се марди мусаллаҳ наздик омада, пурсиданд,

ки писарбача ва Кимиёгар дар он ҷо чӣ кор мекунанд.

“Ман бо шоҳини худ шикор мекунам,” - ҷавоб дод Кимиёгар.

“Мо бояд шуморо тафтиш кунем, ки оё силоҳ доред ё не,” - гуфт яке аз мардони қабила.

Кимиёгар ва писарбача оҳиста аз асп фаромаданд.

“Чаро шумо ҳамроҳи худ пул доред?” - пурсид марди силоҳдор, вақте ки халтаи писарбачаро кофт.

“Барои ба Пирамидҳо расидан ба ман пул лозим аст,” - гуфт ӯ.

Дигар марди қабила, ки чизҳои Кимиёгарро мекофт, як кӯзачаи булӯрии пур аз моеъ ва як тухми шишагии зардро, ки каме аз тухми мурғ калонтар буд, пайдо кард.

“Инҳо чӣ ҳастанд?” - пурсид ӯ.

“Инҳо Санги Фалсафа ва Оби Ҳаёт ҳастанд. Ин Кори Устоди кимиёгарон аст. Ҳар кӣ ин Оби Ҳаётро нӯшад, дигар ҳеҷ гоҳ бемор нахоҳад шуд ва порчае аз он санг ҳар фулузро ба тилло мубаддал мегардонад”.

Арабҳо хандиданд, Кимиёгар низ хандид. Онҳо фикр карданд, ки ҷавоби шӯхиомез аст ва онҳо ба писарбача ва Кимиёгар иҷозат доданд, то ки ба роҳи худ идома бахшанд.

“Шумо аз ақл бегона шудед магар?” - писарбача аз Кимиёгар пурсид, вақте ки онҳо дар роҳ

ба ҳаракат даромаданд. Ӯ идома дод: “Шумо барои чӣ ин корро кардед?”

“Барои намоиш додани яке аз дарсҳои соддаи ҳаёт,” - ҷавоб дод Кимиёгар. “Вақте ки одам дунёи бузурги ботини худро ба дигарон нишон медиҳад, ба он кам бовар мекунанд”.

Онҳо убур кардани биёбонро идома доданд. Рафта – рафта дили писарбача хомӯштар мешуд. Ӯ дигар намехост дар бораи гузашта ва оянда донад. Танҳо мулоҳиза кардан ва пайвастан бо Ҷони Олам бароят кифоя буд. Писарбача бо қалбаш дӯст шуда буд ва ҳоло дигар ҳеҷ кадоме аз онҳо ба як дигар хиёнат карда наметавонистанд.

Азбаски хомӯшии биёбон хастакунанда буд, сухан кардан бо дилаш ба писарбача қувват мебахшид. Дилаш ба писарбача аз хислатҳои қавитаринаш, ба монанди далерияш аз дасткашӣ кардан аз чӯпонӣ, пайравӣ намудан ба Достони шахсӣ ва дилгармона кор кардан дар дӯкони зарфҳои булӯрӣ мегуфт.

Баъд қалбаш чизи дигареро нақл кард, ки писарбача аз он ҳеҷ гоҳ пай набурда буд. Дилаш ба писарбача дар бораи хатарҳое, ки ӯро таҳдид карда буданд, нақл кард, аммо вай ҳеҷ гоҳ онҳоро дар хотир надошт. Дилаш дар бораи силоҳе, ки аз падараш гирифта, онро худаш дар куҷое пинҳон карда буд, нақл карда, гуфт, ки агар онро пинҳон намекард, писарбача эҳтимоли парондани худашро дошт. Қалбаш ба писарбача он рӯзро ба хотир овард,

ки ӯ дар саҳро бемор буд ва дилаш мешӯрид, баътар дар он ҷо сахт хобаш бурд. Дуртар аз он ҷо ду нафар дузд истода, қасд доштанд гӯсфандони писарбачаро рабуда, ӯро бикушанд. Бинобар он ки писарбача дигар роҳ нарафт, дуздон фикр карданд, ки вай масири роҳи худро тағйир додааст ва онҳо ноумед аз он ҷо рафтанд.

“Оё дили одам ҳамеша ба соҳибаш кӯмак мекунад?” - пурсид писарбача аз Кимиёгар.

“Аксаран одамоне, ки Достони шахсии худро пайравӣ кардан мехоҳанд, дилашон онҳоро кӯмак мекунад. Ҳамчунин дилҳои кӯдакон, бадмастон ва пиронсолон низ ба онҳо кӯмак мерасонанд”.

“Оё ин маънои онро дорад, ки ман ҳеҷ гоҳ ба хатар дучор нахоҳам шуд?”

“Ин танҳо маънои онро дорад, ки дил чизеро хоҳад онро иҷро мекунад,” - гуфт Кимиёгар.

Як бегоҳ онҳо аз назди хаймаи яке аз қабилаҳо гузаштанд. Дар ҳар бурҷи хайма арабҳо бо ҷомаҳои зебои сафеди дар тан дошта, бо силоҳҳояшон дар ҳолати омодабош қарор доштанд. Мардон қалёнҳои худро мекашиданд ва аз майдони набард қиссаҳо мекарданд. Ҳеҷ кас ба ин ду мусофир таваҷҷуҳ накард.

“Ҳеҷ хатаре вуҷуд надорад,” - гуфт писарбача, вақте ки онҳо аз назди хайма гузашта рафтанд.

Кимиёгар хашмгин шуд:

“Ба дили худ эътимод кунед, аммо ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунед, ки шумо дар биёбон ҳастед. Вақте

ки одамон бо якдигар ҷанг мекунанд, Ҷони Олам танҳо фарёди ҷангро мешунавад. Ҳеҷ кас оқибати ҳама корро дар зери чархи гардун наметавонад фаҳмид”.

“Ҳама чиз ҳамон як чиз аст,” - фикр кард писарбача. Он гоҳ гӯё биёбон мехост нишон диҳад, ки Кимиёгар ҳақ аст - аз паси мусофирон ду савора пайдо шуданд.

“Дигар ба пеш рафтан ҳақ надоред,” - гуфт яке аз онҳо. “Шумо дар минтақае ҳастед, ки қабилаҳо байни ҳам дар ҷанг ҳастанд”.

“Ман он қадар дур намеравам,” - посух дод Кимиёгар ва рост ба чашмони саворон нигарист. Онҳо лаҳзае хомӯш монданд ва сипас розӣ шуданд, ки писарбача ва Кимиёгар якҷоя ба пеш ҳаракат кунанд.

Писарбача гуфтугӯи онҳоро бо шавқ тамошо кард.

“Бо нигоҳ кардан онҳоро шумо мағлуб кардед,” - гуфт ӯ.

“Чашмони одам қуввати рӯҳи ӯро нишон медиҳанд,” - ҷавоб дод Кимиёгар.

“Ин дуруст аст,” - фикр кард писарбача. Вай пайхас кард, ки дар миёни мардони мусаллаҳи гирди хайма, нафаре буд, ки ба ин ду кас чашм дӯхта буд. Онҳо хеле дур рафта буданд ва чеҳраи он дигар намоён набуд. Аммо писарбача яқин дошт, ки он як нафар ба онҳо менигарист.

Ниҳоят, онҳо ба қаторкӯҳе, ки дароз тӯл мекашид, расиданд ва Кимиёгар гуфт, ки онҳо баъди ду рӯз ба Пирамидаҳо мерасанд.

“Агар мо ба зудӣ аз ҳам ҷудо шавем,” - гуфт писарбача, “пас ба ман кимиёгариро намеомӯзонед”.

“Шумо аллакай кимиёгариро медонед. Ин маънои онро дорад, ки шумо ба Ҷони Олам ворид шуда, ганҷи пинҳонро кашф хоҳед кард”.

“Не, ман дар бораи тарзи табдил додани фулуз ба тиллоро мегӯям”.

Кимиёгар ба мисли биёбон хомӯш монд ва ба писарбача танҳо пас аз хӯрок хӯрдан ҷавоб дод.

“Дар олам ҳама чиз рушд мекунад ва аз як шакл ба шакли дигар табдил меёбад,” - гуфт ӯ. “Барои хирадмандон, тилло фулузест, ки тағйирёбияш муддати тӯлониро талаб мекунад. Аз ман напурсед, ки барои чӣ. Ман намедонам чаро. Танҳо медонам, ки қонуни табиат ҳамеша дуруст аст. Мардум ҳеҷ гоҳ суханони оқилону хирадмандонро намефаҳмиданд. Ҳамин тариқ, тилло ба ҷойи он ки ҳамчун рамзи рушд ба назар гирифта шавад, баръакс асоси ҷангу низоъҳо гардид.

“Олам бо бисёр забонҳо ҳарф мезанад,” - гуфт писарбача. “Замоне буд, ки барои ман нолиши шутур ҷуз нолиш кардан чизи дигаре набуд. Баъд фаҳмидам, ки он бонги хатар низ мебошад”.

Баъд хомӯш шуда, фаҳмид, ки Кимиёгар бе ӯ ҳам ҳамаи инро медонад.

“Ман кимиёгарони ҳақиқиро мешиносам,” - идома дод Кимиёгар. “Баъзе аз онҳо худро побанди озмоишгоҳҳои худ намуда, кӯшиш карданд, ки ба мисли тилло рушд ёбанд. Ҳамин тавр, Санги Фалсафаро кашф карданд, зеро онҳо фаҳмиданд, ки вақте, ки чизе рушд меёбад, ҳама чиз дар атрофи он низ рушд хоҳад кард.

Баъзеи дигарон тасодуфан Санги Фалсафаро ёфтанд. Онҳо аллакай ин истеъдодро доштанд ва нисбат ба дигарон дар ин самт бартарӣ доштанд. Аммо онҳоро мо ба назар намегирем. Чунин одамон хеле камёбанд.

Баъзеи дигарашон танҳо тилло мехостанд. Онҳо ҳеҷ гоҳ сирри кимиёгариро наёфтанд. Онҳо фаромӯш кардаанд, ки сурб, мис ва фулуз Достонҳои шахсии худро пайравӣ мекунанд ва агар касе ба Достони шахсии дигар чиз дахолат кунад, ҳеҷ гоҳ Достони шахсии худро кашф карда наметавонад”.

Суханони Кимиёгар мисли гуфтаҳои нафриншудагон садо дод. Вай хам шуда, аз замин садаферо бардошт.

“Ин биёбон як вақтҳо баҳр буд,” - гуфт Кимиёгар.

“Ман инро пайхас кардам,” - ҷавоб дод писарбача.

Кимиёгар ба писарбача гуфт, ки садафро ба гӯши худ гузорад. Вай дар кӯдакӣ онро ба гӯшаш ниҳода, садои баҳрро мешунид.

“Баҳр дар дохили ин садаф зиндагӣ мекунад, зеро ин Достони шахсии ӯ мебошад. Ин садо ҳеҷ гоҳ қатъ намешавад, то даме ки биёбон бори дигар зери мавҷи об намонад”.

Онҳо ба аспҳои худ савор шуда, ба самти Пирамидаҳо рафтанро идома доданд.

***

Вақти ғуруби офтоб дили писарбача дар бораи хатаре хабар дод. Гирди онҳоро теппаҳои азими рег иҳота карда буданд ва писарбача ба Кимиёгар нигоҳ кард, то бифаҳмад, ки вай чизеро эҳсос мекунад ё не. Аммо ӯ зоҳиран ягон хатареро ҳис намекард. Пас аз панҷ дақиқа писарбача ду аспсавореро дид, ки дар наздашон истоданд. Пеш аз он ки ба Кимиёгар чизе бигӯяд, он ду савор даҳ нафар шуданд ва сипас сад нафари дигарро диданд. Баъдан онҳоро дар рӯи ҳама теппаҳо диданд.

Онҳо аз қабилае буданд, ки либоси кабуд дар бар карда буданд ва дар болои саллаҳояшон ҳалқаҳои гирди сиёҳ доштанд. Чеҳраҳояшон бо рӯймоли кабуд пинҳон карда шуда, танҳо чашмонашон намоён буд.

Ҳатто аз роҳи дур чашмонашон қувваи рӯҳи онҳоро мерасонд - чашмони онҳо аз марг сухан мекард.

***

Ин ду нафарро ба хаймаи урдугоҳ, ки дар наздикии он ҷо воқеъ буд, бурданд. Сарбозе писарбача ва Кимиёгарро ба дохили хайма тела дод, ки дар он ҷо сардор бо фармондеҳонаш ситод мегузаронид.

"Инҳо ҷосусонанд," - гуфт яке аз мардон.

"Мо фақат сайёҳ ҳастем," - ҷавоб дод Кимиёгар.

"Шуморо се рӯз пеш дар урдугоҳи душман дида буданд ва дар он ҷо шумо бо яке аз сарбозон суҳбат мекардед".

"Ман марде ҳастам, ки дар биёбон мегардам ва ситораҳоро мешиносам," - гуфт Кимиёгар. "Ман оид ба сарбозон ва ҳаракати қабилаҳо маълумоте надорам. Дар ин ҷо ба унвони роҳбаладӣ дӯстам амал мекунам".

"Дӯсти шумо кист?" - пурсид сардор.

"""Кимиёгар," - гуфт Кимиёгар. "Вай нерӯи табиатро мефаҳмад ва мехоҳад ба шумо қудрати фавқулодаи худро нишон диҳад".

Писарбача бо тарс вале оромона ба суханонашон гӯш медод.

"Ин хориҷӣ дар ин ҷо чӣ кор мекунад?" - пурсид дигаре аз онҳо.

"Вай пул овардааст, ки ба қабилаи шумо ҳадя кунад," - гуфт Кимиёгар. Пеш аз он ки писарбача чизе бигӯяд вай халтаи ӯро гирифта, тангаҳои тиллоро ба сардор дод.

Араб онҳоро бидуни ягон сухан қабул кард. Ин маблағ барои харидани силоҳи зиёд кофӣ буд.

"Кимиёгар кист?" - пурсид ӯ дар охир.

"Ин шахсест, ки табиат ва ҷаҳонро мефаҳмад. Агар хоҳад, бо қувваи шамол ин урдугоҳро метавонад хароб кунад".

Ҳама якбора хандиданд. Онҳо ба харобиҳои ҷанг одат карда буданд ва медонистанд, ки шамол наметавонад ба онҳо зарбаи марговар расонад. Бо вуҷуди ин ҳамаи ҳис карданд, ки дилашон каме тезтар мезанад. Онҳо мардони бодиянишин буданд ва аз ғайбдонон метарсиданд.

"Ман мехоҳам бубинам, ки ин корро карда метавонад ё не," - гуфт сардор.

"Барояш се рӯз лозим аст, ки худро ба бод табдил диҳад," - ҷавоб дод Кимиёгар. "Агар ин корро карда натавонад, мо ҷони худро барои ифтихори қабилаи шумо хоҳем дод".

"Ҷони шумо моли ман аст, наметавонед онро дубора пешниҳод кунед," - бо ғурур гуфт сардор. "Новобаста аз ин, се рӯз вақт медиҳам".

Вақте ки Кимиёгар писарбачаро аз хайма берун овард, ӯ аз тарс меларзид.

"Ба онҳо тарсиданатонро нишон надиҳед," - гуфт Кимиёгар. "Онҳо мардони далеранд ва одамони тарсончакро бад мебинанд".

Писарбача аз тарс ҳатто сухан карда наметавонист. Танҳо пас аз гузаштани маркази урдугоҳ писарбача ба гап даромад. Онҳоро зиндон

накарданд, танҳо аспҳои онҳоро мусодира карда гирифтанд. Ҳамин тавр, ҷаҳон бори дигар бисёрзабонии худро нишон  дод. Чанд лаҳза пеш биёбон беохир ва озод буд ва ҳоло он девори касногузареро мемонд.

“Ҳамаи дороиямро, ки дар тӯли ҳаётам ҷамъ карда будам, ба онҳо додед!” - гуфт писарбача.

“Агар мемурдед, дигар ба шумо ҳамаи ин чӣ фоида дошт?” - ҷавоб дод Кимиёгар. “Пули шумо дар давоми се рӯз моро аз марг наҷот дод. Аксар вақт пул ҳам ҳаёти одамро наҷот дода наметавонад”.

Писарбача ҳанӯз аз тарс меларзид, то ин ки суханони хирадмандонаи Кимиёгарро фаҳмад. Ӯ дар бораи чӣ тавр табдил додани худ ба бодро ҳатто тасаввур карда наметавонист, чунки вай Кимиёгар набуд!

Кимиёгар аз сарбозе як пиёла чой хост ва каме аз онро ба банди дасти писарбача рехт. Мавҷи сабукӣ писарбачаро фаро гирифт ва Кимиёгар баъзе калимаҳоеро, ки писарбача намефаҳмид, бо овози паст хонд.

“Ба тарс дода нашавед”,- гуфт Кимиёгар бо овози нарм. “Агар чунин кунед, бо дили худ суҳбат кардан наметавонед”.

“Ман намедонам, ки чӣ тавр худро ба бод табдил диҳам”.

“Агар шахс Достони шахсии худро пайравӣ кунад, он чизеро, ки намедонад, дар охир онро хоҳад

фаҳмид. Тарс одамро ба нокомӣ мебарад ва амалӣ шудани орзуи худро ғайриимкон месозад”.

“Ман аз ноком шудан ҳарос надорам. Чӣ гуна ба бод табдил додани худро намедонам”.

“Хуб, инро бояд омӯзед, чунки ҳаёти шумо аз он вобастагӣ дорад”.

“Агар натавонам чӣ?”

“Вагарна зимни пайравӣ кардан аз Достони шахсии худ мемиред. Ин беҳтар аз марги миллионҳо одамони дигар аст, ки дар бораи Достони шахсии худ чизеро намедонанд”.

“Шумо хавотир нашавед,” - идома дод Кимиёгар. “Маъмулан таҳдиди марг одамонро маҷбур месозад, ки ҳаёти худро бештар дӯст доранд”.

***

Рӯзи аввал сипарӣ шуд. Дар наздикии он ҷо як набарди бузург ба вуҷуд омад ва чанде аз захмиёнро ба хайма оварданд. Сарбозон кушташудагонро иваз карда, ба ҷояшон дигаронро мефиристоданд ва зиндагӣ бошад, идома дошт. “Марг чизеро иваз намекунад,” - аз дил гузаронд писарбача.

“Ту метавонистӣ баъдтар бимирӣ,” - гуфт сарбоз ба ҷасади беҷони яке аз ҳамяроқаш. “Баъд аз эълон шудани сулҳ метавонисти бимирӣ. Ба ҳар сурат, аз марг ҷойи гурез нест”.

Бегоҳи писарбача ба ҷустуҷӯи Кимиёгар рафт, ки шоҳини худро барои шикор ба биёбон бурда буд.

“Ман то ҳол тасаввуроте надорам, ки чӣ тавр худро ба бод табдил диҳам,” - такрор кард писарбача.

“Олам танҳо моли Худо аст, чунин гуфта будам, дар хотир доред?” - Он кореро, ки ман анҷом медиҳам, ин танҳо камолоти маънавиро бо нақшаи моддӣ иртибот додан аст.

“Шумо чӣ кор карда истодаед?”

“Шоҳинамро ғизо медиҳам.”

“Агар ман худамро ба бод табдил дода натавонам, пас мо мемирем?” - гуфт писарбача. “Чаро шоҳини худро ғизо медиҳед?”

“Танҳо худатон метавонед бимиред,” - гуфт Кимиёгар. “Ман худамро ба бод табдил дода метавонам”.

***

Рӯзи дуюм писарбача ба сари ғоре, ки дар назди урдугоҳ воқеъ буд, омад. Посбонон ба рафтани ӯ ба он ҷо иҷозат доданд. Онҳо аллакай дар бораи ғайбдоне, ки метавонад худро ба бод табдил диҳад, шунида буданд ва намехостанд ба вай наздик шаванд. Ба ҳар ҳол, биёбон ҷойи гурез надорад.

Вай тамоми рӯз ба биёбон нигоҳ мекарду ба дили худ гӯш медод. Писарбача медонист, ки биёбон тарси ӯро ҳис мекунад.

Ҳардуи онҳо бо як забон ҳарф мезаданд.

***

Рӯзи сеюм сардор бо фармондеҳонаш вохӯрӣ гузаронид. Кимиёгарро низ ба маҷлис даъват карду гуфт: “Биёед писарбачаро бубинем, ки худро ба бод табдил дод ё не”.

“Биёед,” - дар ҷавоб гуфт Кимиёгар.

Писарбача онҳоро ба сари ғор бурд ва ба ҳама гуфт, ки нишинанд.

“Ин кор як каме вақтро талаб мекунад,” - гуфт писарбача.

“Мо шитоб надорем,” - ҷавоб дод сардор. “Мо мардони бодиянишинем”.

Писарбача ба уфуқ нигарист. Аз дурӣ кӯҳҳо намудор буданд ва регу сангу растаниҳо аз он шаҳодат медоданд, ки дар он ҷо зиндагӣ кардан ва ё зинда мондан ғайриимкон аст. Чанд моҳ ӯ дар биёбон саргардон буд ва бо вуҷуди ин танҳо як қисми ками онро медонист. Дар ин қисми хурди биёбон ӯ бо марди англис, корвонҳо, ҷангҳои қабилавӣ ва як Воҳа, ки дорои панҷоҳ ҳазор дарахти хурмо ва сесад чоҳ буд, шинос шуд.

“Имрӯз дар ин ҷо чӣ мехоҳед?” - пурсид биёбон аз ӯ. “Оё шумо дирӯз ба ман ба қадри кофӣ нанигаристед?”

“Дар биёбон маконе вуҷуд дорад, ки шахси дӯстдоштаам он ҷост, гуфт писарбача”. “Ҳар вақте ки ман ба регҳои ту менигарам гӯё, ки ӯро низ мебинам. Ман мехоҳам ба наздаш баргардам ва аз ҳамин лиҳоз

ба кӯмаки шумо ниёз дорам, то худамро ба бод табдил диҳам".

"Ишқ чист?" - пурсид биёбон аз ӯ.

"Ишқ ин парвози шоҳин аз болои регҳои биёбон аст. Биёбон барои он як майдони сабз мебошад, ки аз он ҷо ҳамеша бо сайд бармегардад. Ӯ сангу регҳо ва кӯҳҳоро хуб медонад, шумо нисбати он хеле саховатманд мебошед".

"Нӯли шоҳин зарраи ҷисми маро бо худ мебарад" - гуфт биёбон. "Солҳост, ки барои дарёфти сайд ба ӯ кӯмак мекунам ва онро бо оби андаке, ки дорам, менӯшонам, ғизо медиҳам ва баъд нишон медиҳам, ки сайд дар куҷост. Сайдаш рӯзе дар болои ман калон мешавад ва шоҳин аз осмон фуруд омада, он чизи офаридашударо бо худ мебарад ва аз ин лаззат мебарам".

"Аввал сайд пайдо шудааст," - гуфт писарбача. "Аз он ғизо гирифта, худ ва одамонро мехӯронад. Дар ниҳоят, одам ба регҳои биёбон ғизо медиҳад, ки дар он сайд аз нав бузург мешавад. Ҳаёт дар ҷаҳон чунин аст".

"Пас, ишқ ҳамин аст?"

"Бале, ишқ ҳамин аст. Маҳз ишқу муҳаббат водор месозад, ки сайд ба шоҳин расад, шоҳин онро ба одам диҳад ва одам дар навбати худ онро ба биёбон баргардонад. Ана ҳамин боиси мубаддал шудани сурб ба тилло мебошад ва дар ниҳояти кор тилло ба замин бармегардад".

“Ман намефаҳмам, ки чӣ мегӯед,” - гуфт биёбон.

“Шумо ҳадди ақал медонед, ки дар рӯи регҳоят зане маро интизор аст. Аз ин рӯ, ман мехоҳам худро ба бод табдил диҳам”.

Биёбон чанд лаҳза ҷавоб надод.

Сипас гуфт: “Ман ба шумо регҳои худро медиҳам, то онҳоро ба бод диҳед, аммо ба танҳоӣ ҳеҷ кор карда наметавонам. Аз шамол низ кӯмак пурсед”.

Бод вазидан гирифт. Мардони қабила аз дур ӯро мушоҳида мекарданд ва писарбача бо забони ба онҳо нофаҳмо суҳбат мекард.

Кимиёгар табассум кард.

Шамол ба писарбача наздик шуда, ба рӯяш даст расонд. Бод аз гуфтугӯи писарбача бо биёбон бохабар буд, зеро шамол ҳама чизро медонад. Онҳо дар саросари ҷаҳон бидуни зодгоҳ ва бидуни ҷойи дафн мевазанд.

“Ба ман кӯмак кунед,” - гуфт писарбача. “Як рӯз овози Фотимаро ба ман расонида будед”.

“Кӣ ба шумо бо забонҳои биёбон ва шамол сухан гуфтанро омӯхтааст?”

“Дилам,” - ҷавоб дод писарбача.

Шамол номҳои зиёде дорад. Дар он қисмати ҷаҳон, ки аз уқёнусҳо ба шарқ боронгарӣ меоваранд, онро Сирокко меноманд. Дар он сарзамини дурдаст, ки писарбача аз он ҷо омадааст, мардум онро Левон мегӯянд, зеро мардум ба ин бовар буданд, ки он бо

худ регҳои биёбон ва доду фиғони  чангҳои Мавррo бо худ овардааст. Шояд дар ҷойҳои берун аз чарогоҳҳое, ки гӯсфандонаш парвариш меёфтанд, одамон фикр мекарданд, ки шамол аз Андалус меояд. Дар асл шамол аз ҳеҷ куҷо наомадааст ва ба ҷое намеравад. Барои ҳамин, он аз биёбон қавитар аст. Ҳар кас дар биёбон дарахт мешинонад ва гӯсфанд парвариш мекунад, аммо ҳеҷ касе шамолро ба итоати худ даровардa наметавонад.

“Шумо ба бод табдил ёфта наметавонед,” - гуфт шамол. “Мо ду чизи хеле гуногун ҳастем”.

“Ин дуруст нест,” - гуфт писарбача. “Ман ҳангоми сафар сирри Кимиёгариро омӯхтам. Дар дилам шамол, биёбонҳо, уқёнусҳо, ситораҳо ва ҳама чизеро, ки дар олам офарида шудааст, дорам. Мо ҳама бо як даст офарида шудаем ва рӯҳи якхела дорем. Ман мехоҳам мисли шумо бошам, ки ба ҳама гӯшаҳои ҷаҳон расам, аз баҳрҳо гузарам, регҳои рӯи ганҷи пинҳонро тоза кунам ва овози зани дӯстдоштаамро шунавам”.

“Рӯзе бо Кимиёгар дар бораи чӣ гуфтанатонро шунидам,” - гуфт шамол. “Он кас гуфт, ки ҳама чиз Достони шахсии худро дорад. Аммо одамон наметавонанд худро ба бод табдил диҳанд”.

“Маро омӯзонед, ки чанд лаҳза ба бод табдил ёбам,” - гуфт писарбача. “Баъдан мо метавонем дар бораи имкониятҳои бепоёни одамон ва бодҳо суҳбат кунем”.

Ҳисси кунҷковии бод пайдо шуд, чунки қаблан чунин корро накарда буд. Дар ин масъала шамол метавонист баҳс кунад, аммо дар ҳақиқат намедонист, ки чӣ тавр одамро ба бод табдил диҳад, дар ҳоле, ки шамол бисёр корҳоро карда метавонад. Он теппаҳои биёбонро тағйир медиҳад, киштиҳои рӯи баҳрро ғарқ месозад, ҷангалҳоро хароб мекунад ва шаҳрҳоро пур аз садои мусиқӣ ва овозҳои аҷиб мекунад. Шамол эҳсос мекард, ки ҳеҷ маҳдудияте надорад, аммо дар ин ҷо як писарбача мегуфт - дигар чизҳое вуҷуд доранд, ки барои иҷрои онҳо шамол бояд қодир бошад.

"Ин аст он чизе, ки ишқу муҳаббат ном дорад," - гуфт писарбача ва дид, ки шамол ба иҷро кардани хоҳиши он розӣ шуданист. "Агар касеро дӯст дорӣ ба хотири он ҳама корро мекунед. Вақте ки шуморо дӯст медоранд, зарурати фаҳмидани оқибати кор вуҷуд надорад, зеро ҳама чиз дар дохили одам рух медиҳад ва ҳатто мардон метавонанд худро ба бод табдил диҳанд. Албатта, агар бод кӯмак кунад".

Бинобар он ки шамол худро як мавҷудияти хос меномид, аз суханони писарбача дар ғазаб шуд. Шамол ба вазидани сахт ва баланд бардоштани регҳои биёбон оғоз кард. Бояд эътироф кард, ки шамол одамро ба бод табдил дода наметавонад ва оид ба ишқу муҳаббат чизеро ҳам намефаҳмад.

"Ҳангоми вазидани худ - дар саросари ҷаҳон, бисёр вақт одамонро медидам, ки вақти аз муҳаббат чизе мегуфтанд, онҳо ба осмон менигаристанд," -

гуфт шамол аз маҳдудиятҳои худ ба хашм омада. “Шояд беҳтар он аст, ки ба осмон рӯй оваред?”

“Хуб, пас дар ин кор ба ман кӯмак кунед,” - гуфт писарбача. “Дар ин ҷой тӯфони регӣ барангезед, ки осмон ғубор гираду офтоб дида нашавад. Он гоҳ ба осмон нигарам, офтоб ба чашмонам намезанад”.

Ҳамин тавр, шамол бо тамоми қувваташ ба вазидан даромад ва осмонро пур аз чангу ғубор кард. Офтоб чун ҳалқаи тиллоӣ менамуд.

Аз хаймаҳо чизеро дидан душвор буд. Мардуми бодиянишин аллакай бо он шамол ошно буданд. Онро Симум меномиданд ва он бадтар аз тӯфони баҳр буд. Аспҳои онҳо шиҳа мекашиданд ва ҳамаи аслиҳаашон зери рег монд.

Дар баландӣ яке аз фармондеҳон ба сардор рӯ оварда гуфт:

“Шояд мо ба ин хотима мебахшем!”

Писарбача базӯр намоён буд. Рӯи онҳо бо рӯймоли кабуд пӯшонида шуда, дар чашмонашон тарс эҳсос мешуд.

“Биёед ин корро бас кунем,” - гуфт фармондеҳи дигар.

“Ман мехоҳам бузургии қудрати Худоро бинам,” - гуфт сардор бо эҳтиром. “Бароям аҷиб аст, ки чӣ гуна одам худро ба бод табдил медиҳад”.

Сардор номи ин ду нафареро, ки тарсиданд, дар қоғаз навишта кард. Ҳамин ки шамол қатъ шуд, онҳоро аз вазифаашон озод кард, чунки мардони ҳақиқии бодияшишин бояд нотарс бошанд.

“Шамол ба ман гуфт, ки офтоб дар бораи ишқу муҳаббат огаҳӣ доред,” - гуфт писарбача ба офтоб. “Агар дар бораи муҳаббат чизеро донед, бояд дар бораи рӯҳи одам низ маълумот дошта бошед, зеро асоси он аз ишқу муҳаббат иборат аст”.

“Аз ҷойе, ки ман қарор дорам,” - гуфт офтоб, “Ҷони Оламро мебинам. Он бо ҷони ман муоширaт мекунад ва мо дар якҷоягӣ боиси нашъунамои растаниҳо мешавем ва гӯсфандон аз сояи онҳо истифода мебаранд. Дар он ҷойе ки ман қарор дорам - аз замин хеле дурам - дӯст доштанро омӯхтаам. Ман медонам, ки агар андаке ба замин наздик шавам, ҳама чиз дар он ҷо мемирад ва Ҷони Олам дигар вуҷуд нахоҳад дошт. Ҳамин тавр, мо дар бораи якдигар мулоҳиза мекунем ва мехоҳем ҳамдигарро биҷӯем ва ман ба ҳаёти заминӣ - гармӣ медиҳам ва он ба ман маънии мавҷудияти маро медиҳад”.

“Пас чӣ будани ишқу муҳаббатро медонед?” - гуфт писарбача.

“Ман Ҷони Оламро мешиносам, зеро мо дар ин сафари беохири коинот бо якдигар хеле суҳбат кардаем. Ҷони Олам ба ман мегӯяд, ки бузургтарин мушкилот дар он аст, ки то имрӯз танҳо маъданҳо ва сабзавот дарк мекунанд, ки ҳама чизҳо яканд. Шарт нест, ки фулуз ба мис монанд бошад ё мис ба тилло. Ҳар як чиз вазифаи дақиқи худро дар олами ягона дорад ва агар дасте, ки ҳамаи инро навиштааст, дар рӯзи панҷуми офариниши олам навиштанро қатъ

мекард, он гоҳ ҳамаи мавҷудот дар ҷаҳон ягона мебуданд".

"Аммо рӯзи шашум вуҷуд дошт," - офтоб идома дод.

"Шумо бохирад ҳастед, зеро ҳама чизро аз дур мушоҳида мекунед," - гуфт писарбача. "Аммо дар бораи ишқу муҳаббат чизеро намедонед. Агар рӯзи шашум намебуд, одам вуҷуд намедошт, он гоҳ мис ҳамеша мис мемонд ва сурб танҳо сурб. Дуруст аст, ки ҳама чиз Достони шахсии худро дорад, вале рӯзе ин Достони шахсӣ амалӣ шуда мегузарад. Аз ин рӯ, ҳар чиз бояд худро ба чизи беҳтару хубтаре табдил дода, Достони нави шахсии худро ба вуҷуд оварад ва ҳамин тавр то он замоне, ки дар асл Ҷони Олам як чизи ягона нашавад".

Офтоб дар ин бора фикр кард ва қарор дод, ки дурахшонтар нурафшонӣ кунад. Шамол, ки аз суҳбати онҳо лаззат мебурд, бо қувваи тамом мевазид, то офтоб чашми писарбачаро кӯр накунад.

"Аз ҳамин сабаб кимиёгарӣ вуҷуд дорад," - гуфт писарбача. "Ҳамин тавр, ҳама ганҷи худро ҷустуҷӯ мекунанд, мeёбанд ва сипас мехоҳанд, ки зиндагиашон аз пештара дида, беҳтар шавад. Сурб нақши худро иҷро мекунад, то даме ки ҷаҳон ба сурб ниёз дорад ва он гоҳ сурб бояд худро ба тилло табдил диҳад".

"Ин ҳамон корест, ки кимиёгарон иҷро мекунанд. Вақте ки мо кӯшиш мекунем хубтар

бошем, он гоҳ ҳама чиз дар атрофи мо низ беҳтар мешавад”.

“Хуб, чаро шумо гуфтед, ки ман дар бораи ишқу муҳаббат чизеро намедонам?” - пурсид офтоб аз писарбача.

“Барои он ки ишқу муҳаббат мисли биёбон пойбарҷо нест ва монанди бод сар то сари ҷаҳон давр намезанад. Мисли офтоб аз дур истода, нигоҳ кардан ин ҳам ишқу муҳаббат нест. Ишқу муҳаббат қуввaест, ки Ҷони Оламро тағйир  ва такмил медиҳад. Вақте ки ман бори аввал вориди он шудам, фикр кардам, ки Ҷони Олам мукамалшуда аст. Аммо баъдтар фаҳмидам, ки ишқу муҳаббат мисли ҷанбаҳои дигари офариниш аз орзую умед ва мушкилот иборат аст. Мо ва ҷаҳоне, ки дар он зиндагӣ мекунем, ба Ҷони Олам ғизо медиҳем. Хуб мешавад ё бад - аз хубӣ ва ё бадии мо вобастагӣ дорад. Ана дар ҳамин ҷо қудрати ишқу муҳаббат пайдо мешавад. Зеро вақте ки мо касеро дӯст медорем, ҳамеша саъю кӯшиш мекунем, ки аз ҳама беҳтару хубтар бошем.

“Пас аз ман чӣ мехоҳед?” - пурсид офтоб.

“Ман мехоҳам, ки ба ман кӯмак намоед, ки худамро ба бод табдил диҳам,” - посух дод писарбача.

“Табиат маро ҳамчун донотарин мавҷудоти офариниш медонад,” - гуфт офтоб. “Аммо ман намедонам, ки чӣ тавр шуморо ба бод табдил диҳам”.

“Пас, ман бояд аз кӣ пурсам?”

Офтоб лаҳзае хомӯш монд. Шамол бодиққат гуфугӯи онҳоро гӯш мекард ва мехост ба тамоми ҷаҳон бигӯяд, ки офтоб низ маҳдудиятҳои худро дорад. Зеро он натавонист ба писарбачае, ки Забони Ҷаҳонро медонад, коре кунад.

"Ба офаридагор – ба дасте, ки ҳамаи ин чизро навиштааст, муроҷиат кунед," - гуфт офтоб.

Шамол аз шодӣ фарёд зад ва аз пештара дида, сахттар вазид. Хаймаҳо аз ҷояшон канда шуда, ҳайвонот бошад, аз бандҳо озод шуданд. Мардон дар болои харсангҳо, барои ҷилавгирӣ аз паридан ба ҳаво ба ҳамдигар сахт часпиданд.

Писарбача дастонашро бардошта, ба сӯйи осмон рӯ овард. Ҳис кард, ки коинот хомӯш аст ва тасмим гирифт, ки сухане нагӯяд.

Ҷараёни ишқу муҳаббат аз қалби ӯ ҷорӣ шуд ва писарбача ба дуо кардан оғоз кард. Ин дуое буд, ки қаблан нагуфта буд – дуо бидуни калима ва зорию илтиҷо. Писарбача барои гӯсфандонаш, фурӯши зарфҳои булӯрӣ ва барои духтаре, ки мунтазираш буд, дуо накард. Дар хомӯшӣ писарбача фаҳмид: биёбон, шамол ва офтоб низ мекӯшанд нишонаҳои офаридаи Худоро, ки дар зумуррад навишта шудаанд, бифаҳманд ва пайравӣ кунанд. Вай дид, ки нишонаҳо дар саросари замин ва дар коинот парешон ва парокандаанд, дар пайдоиши онҳо ягон сабаб ё аҳамияте вуҷуд надорад. Писарбача дид, ки биёбон, боду офтоб ва одамон барои чӣ офарида шудани худро намедонанд. Аммо ҳамаи ин барои

офаридагор сабабе дорад ва танҳо Худованд метавонад муъҷизаҳо нишон диҳад ё баҳрро ба биёбон мубаддал гардонад... ё одамро ба бод табдил диҳад. Танҳо Худованд ин тарҳи (лоиҳаи) бузургро медонад, ки дар шаш рӯзи офариниш оламро ба Кори Устод табдил дод.

Писарбача ба Ҷони Олам дастрасӣ пайдо кард ва дид, ки он як қисми рӯҳи ҷонофарин (Худованд) аст ва рӯҳи он ҷони худи ӯст. Писарбача метавонад акнун муъҷизаҳо нишон диҳад.

***

Боди Симум ҳамоно мевазид, ҳамчуноне ки ҳеҷ гоҳ ин қадар сахт ва дуру дароз навазида буд. Насли ояндаи арабҳо достони писарбачаеро, ки тавонист худро ба бод табдил диҳад ва қариб як урдугоҳи ҳарбиро хароб намудаву ба сардори пурқудраттарини арабҳо муқовимат кунад, ба ҳамдигар нақл хоҳанд кард.

Вақте ки боди Симум аз вазидан монд, ҳама ба он ҷое, ки писарбача истода буд, нигоҳ карданд. Аммо писарбача дар канори посбон қариб зери рег монда, дар як кунҷи дури урдугоҳ қарор дошт.

Одамон аз карамоти писарбача сахт тарсиданд. Кимиёгар аз шогирди ҳақиқии худ фахр менамуд, сардорони қабилаи арабҳо барои фаҳмиши писарбача аз қувваи бузургии Худованд хушҳол буданд.

Рӯзи дигар сардор бо писарбача ва Кимиёгар видоъ карда, ба онҳо як гурӯҳи муҳофизатии ҳамроҳикунанда дод, то ин ки онҳоро то ҷойи лозимӣ бурда расонанд.

***

Онҳо тамоми рӯз роҳ рафтанд. Нимаи дуюми рӯз онҳо ба дайри[47] Коптик расиданд. Кимиёгар аз асп фаромад ва ба гурӯҳи ҳамроҳикунанда гуфт, ки онҳо ба урдугоҳ баргарданд.

"Аз ин ҷо ба он тараф шумо танҳо хоҳед буд," - гуфт Кимиёгар. "То Пирамидаҳо се соат роҳ ҳаст".

"Ташаккур," - гуфт писарбача. "Шумо ба ман Забони Ҷаҳониро омӯзонидед".

"Ман он чизеро, ки шумо медонистед, фақат ба ёдатон овардам".

Кимиёгар дарвозаи дайрро кӯфт. Роҳибе[48] бо либоси сиёҳ ба назди дарвоза омад. Онҳо чанд дақиқа бо забони коптӣ ҳарф заданд ва баъдан Кимиёгар писарбачаро даъват кард.

"Ман хоҳиш кардам, ки муддате дар ошхонаи дайр дам гирем," - бо табассум гуфт Кимиёгар.

Онҳо ба ошхона, ки дар пушти дайр қарор дошт, рафтанд. Кимиёгар оташро фурӯзон кард ва роҳиб каме сурб овард ва Кимиёгар онро дар тобаи оҳанин гузошт. Вақте ки сурб моеъ гашт, Кимиёгар

[47] ҷои иқомат ва ибодати роҳибон, ибодатгоҳи оташпарастон ва насрониён, савмаа

[48] рӯҳонии дайрнишини масеҳиён, ки тарки дунё кардааст

аз халтаи худ тухми аҷиби зардро баровард. Вай аз он ба андозаи як мӯйи борик канда, ба мум печонд ва ба тобае, ки дар он сурб гудохта мешуд, илова намуд.

Омехта дар тоба сурхчатоб гашта, қариб ранги хунро гирифт. Кимиёгар тобаро аз оташ берун кард ва онро барои сард намудан ба ҷойи дигар гузошт. Кимиёгар бо роҳиб дар бораи ҷангҳои қабилавӣ суҳбат карданд.

“Фикр мекунам, ки ҷанг дуру дароз идома меёбад,” - гуфт ӯ ба роҳиб.

Роҳиб аз ин суханон нороҳат шуд. Зеро корвонҳо муддате дар Ал-Ҷизза боздошта шуда, интизори анҷоми ҷангҳо буданд.

“Ҳар чӣ Худованд хоҳад ҳамон мешавад,” - гуфт роҳиб.

“Оре,”- ҷавоб дод Кимиёгар.

Вақте ки тоба сард шуд, роҳиб ва писарбача ба он нигоҳ карда, дар ҳайрат монданд. Сурб шакли тобаро гирифта, ба тилло табдил ёфта буд.

“Оё ман ин корро рӯзе ёд мегирам?” - пурсид писарбача.

“Ин Достони шахсии ман аст, на аз они шумо,” - ҷавоб дод Кимиёгар. “Аммо зид нестам, ки онро ба шумо нишон диҳам - ин имконпазир аст”.

Онҳо ба дарвозаи дайр баргаштанд. Дар он ҷо Кимиёгар тангаи тиллоро ба чор қисм ҷудо намуд.

“Ин барои саховатмандии шумо нисбат ба зоирон[49] аст,” - гуфт Кимиёгар ва яке аз қисмҳои онро ба роҳиб дароз кард.

“Ин аз саховати кардаи ман зиёдтар аст,” - ҷавоб дод роҳиб.

“Ин тавр нагӯед. Ҳаёт метавонад инро шунавад ва дафъаи дигар ба шумо рӯзии камтар диҳад”.

Кимиёгар ба писарбача рӯ овард:

“Ин барои шумо - барои ҷуброн кардани он чизе, ки ба фармондеҳ додед”.

Писарбача ба Кимиёгар гуфтанӣ буд, ки ин назар ба он чӣ ки ба фармондеҳ дода буд, хеле зиёд аст. Аммо ӯ хомӯш монд, зеро чӣ гуфтани Кимиёгарро медонист.

“Инаш барои ман аст,” - гуфт Кимиёгар, яке аз қисмҳоро бо худ нигоҳ дошта. “Ман бояд ба биёбон баргардам ва дар он ҷо ҷангҳои қабилавӣ зиёд ҳастанд”.

Кимиёгар қисми доруми онро гирифта, ба роҳиб супурд.

“Инро барои писарбача ба шумо амонат мегузорам. Шояд ба ӯ ягон вақт лозим мешавад”.

“Ман худ ба ҷустуҷӯи ганҷи пинҳон меравам,” - гуфт писарбача. “Ман акнун ба он хеле наздикам”.

“Ман боварӣ дорам, ки шумо онро хоҳед ёфт,” - гуфт Кимиёгар.

“Пас барои чӣ ин лозим аст?”

---

[49] зиёраткунандагон

“Шумо аллакай пасандозҳои худро ду маротиба аз даст додед. Як бор ба дузд ва бори дигар ба фармондеҳ. Ман як араби пири хурофотпараст ҳастам ва ба масалҳо бовар дорам. Шахсе мегӯяд: “Ҳар чизе, ки як бор рух медиҳад, дигар такрор намешавад. Аммо ҳар чизе, ки ду бор рух дод, ҳатман бори сеюм рух медиҳад”. Онҳо ба аспҳои худ савор шуданд.

***

“Ман мехоҳам як ҳикояро дар бораи хобҳо нақл кунам,” - гуфт Кимиёгар.

Писарбача аспашро наздиктар ронд.

“Дар Руми Қадим, дар замони император Тиберий, як марди хубе зиндагӣ мекард, ки ду писар дошт. Яке дар артиш хизмат мекард ва ӯ ба минтақаи дурдасти империя фиристода шуда буд. Писари дигараш шоир буд, бо шеърҳои зебои худ дили тамоми мардуми Румро мафтун гардонида буд. Як шаб падарашон хоб дид, ки фариштае ба наздаш зоҳир[50] шуда, ба ӯ гуфт, ки суханони яке аз писаронаш дар тамоми ҷаҳон омӯхта ва такрор карда мешаванд. Падар аз хобаш шукргӯёну гирякунон бедор шуд, зеро зиндагӣ барояш пурсаховат буд ва чизеро ошкор кард, ки ҳар падар аз фаҳмидани он фахр мекард.

[50] намоён, падидор шудан, намуди берунӣ

Чанде пас, падар ҳангоми наҷот додани кӯдаке, ки зери чархи ароба монда буд, фавтид. Азбаски тамоми умрашро ба таври дуруст ва одилона ба роҳ монда буд, ӯ ҷаннатӣ шуд ва дар он ҷо бо фариштае вохӯрд, ки дар хобаш пайдо шуда буд.

"Шумо ҳамеша як инсони хуб будед," - гуфт фаришта. "Ҳаёти худро бо муҳаббат гузаронидед ва бо шаъну шараф фавтидед. Ҳоло ман омодаам ҳар хоҳиши дилхоҳатонро иҷро кунам".

"Зиндагиям хуб буд," - гуфт падар. "Вақте ки шумо дар хоби ман зоҳир шудед, ҳис кардам, ки ба ҳама кӯшишҳои ман подош дода шуд, зеро шеърҳои писарамро насли оянда мехонанд. Ман барои худ чизе намехоҳам. Аммо ҳар падар аз шуҳрати фарзандаш, ки ӯро аз кӯдакӣ ба воя расонидааст, ифтихор мекунад. Ягон вақт - дарояндаи дур мехостам суханони писарамро шунавам".

Фаришта ба китфи он мард даст расонд ва ҳардуи онҳо баояндаи дур равона шуданд. Онҳо дар муҳити бениҳоят бузург - дар иҳотаи ҳазорон одамон, ки бо забони ношинос сухан меронданд, қарор гирифтанд.

Мард аз хурсандӣ гиря кард.

"Ман медонистам, ки шеърҳои писарам ҷовидонаанд," - гуфт бо чашмони пур аз ашк ба фаришта. "Метавонед бигӯед, ки ин ашхос кадом байтҳои шеърҳои писари маро такрор мекунанд?"

Фаришта ба он мард наздиктар омад ва бо меҳрубонӣ ӯро ба назди дастархоне бурда, он ҷо нишастанд.

“Шеърҳои писари шумо дар Рум хеле машҳур буданд,” - гуфт фаришта. “Ҳамаи одамон шеърҳои ӯро дӯст медоштанд ва аз онҳо лаззат мебурданд. Аммо вақте ки ҳукмронии Тиберий ба охир расид, шеърҳояш фаромӯш шуданд. Шеърҳое, ки ҳоло мешунавед, шеърҳои писари артишии шумо мебошанд”.

Он мард бо тааҷҷуб ба фаришта нигоҳ кард.

“Писаратон ба ҷойи дур рафта, хизмат кард ва фармондеҳ шуд. Ӯ марди одил ва хуб буд. Рӯзе яке аз хизматгоронаш бемор шуд ва маълум гардид, ки ӯ мемирад. Писари шумо дар бораи табибе шунида буд, ки метавонист беморонро табобат кунад ва писаратон рӯзу шаб дар ҷустуҷӯи он табиб мегашт. Дар аснои роҳ фаҳмид, ки он табиб Исои Масеҳ мебошад. Писаратон бо одамони дигаре, ки он мард онҳоро табобат карда буд, вохӯрд ва онҳо ба писари шумо таълимоти ин одамро нишон доданд. Ҳамин тавр, сарфи назар аз он ки писаратон як фармондеҳи румӣ буд, вай ба дини онҳо эътиқод пайдо кард ва дере нагузашта, ба макони марди табиб расид. Вай ба он табиб гуфт, ки яке аз хизматгоронаш сахт бемор аст ва табиб омодагии худро барои рафтан ба хонаи вай изҳор кард. Писари шумо марди бо имон буд ва ба чашмони табиб нигоҳ карда, фаҳмид, ки дар ҳузури Исои Масеҳ аст.

“Ин аст он чизе, ки писари шумо гуфт,” - иброз кард фаришта ба он мард. “Инҳо суханоне ҳастанд, ки писари шумо дар назди табиб дар он лаҳза гуфта буд ва ин гуфтаҳо ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳанд шуд.”

“Ман лоиқи он нестам, ки шумо ба хонаи ман биёед. Танҳо як дуо кунед ва хизматгорам шифо хоҳад ёфт”.

Кимиёгар гуфт:

“Новобаста аз он ки одам дар рӯи замин чӣ коре накунад,  ҳар яки он дар таърихи ҷаҳон нақши асосиро иҷро мекунад. Худаш бошад, инро пайхас наменамояд”.

Писарбача табассум кард. Вай ҳатто тасаввур намекард, ки ҳаёт барои як чӯпон он қадар аҳамият дошта бошад.

“Худо ҳофиз,” - гуфт Кимиёгар.

“Хайр,” - гуфт писарбача.

***

Писарбача як чанд соат дар масири биёбон роҳ тай кард ва ба суханони дилаш гӯш медод. Танҳо дилаш дар куҷо будани ганҷро  метавонист нишон диҳад.

“Дар куҷое, ки ганҷи шумост, дилатон низ дар он ҷост,” - гуфта буд Кимиёгар ба ӯ.

Аммо дилаш дар бораи чизҳои дигар мегуфт. Қалбаш бо ифтихор дар бораи як чӯпоне, ки як намуд хобро ду маротиба дида ва барои амалӣ шудани ин

хоб рамаи гӯсфандонашро фурӯхта буд, нақл мекард. Дилаш дар иртибот ба Достони шахсӣ ва дар бораи дигар мардони сершуморе, ки дар ҷустуҷӯи сарзаминҳои дурдаст ё занони зебо саргардон шуда буданд, сухан мегуфт. Он дар бораи сафарҳо, кашфиётҳо, китобҳо ва дигар тағйиротҳо нақл мекард.

Ҳангоме ки ӯ ба болои як теппаи реги дигар баромаданӣ шуд, дилаш пичиррос зад: "Огоҳ бошед, ки ашки шумо мерезад. Дар ин ҷо ман ва ганҷи шумо якҷоем". - гуфт дилаш.

"Ҳар куҷое, ки ашкат чакид – он ҷо манам ва ганҷи шумо низ онҷост".

Писарбача оҳиста - оҳиста ба болои теппаи регӣ баромад. Дар осмони пурситора боз як моҳи пурра бархост. Аз Воҳа рафтани ӯро расо як моҳ шуда буд. Нури моҳтоб ба теппаи регҳо соя андохта, намуди баҳри пурғалаёнро ба вуҷуд оварда буд. Писарбача рӯзи бо Кимиёгар шинос шудан ва харидани аспашро ба ёд овард. Моҳ ба хомӯшии биёбон рӯшноӣ медод ва писарбача бошад, дар ҷустуҷӯи ганҷ буд.

Вақте, ки ба болои теппа расид, дилаш аз ҷояш парид. Пирамидаҳои боҳашамати Миср, ки равшании моҳ онҳоро мунаввар сохта буд, намоён гардиданд.

Писарбача ба зону афтода гиря кард ва ба Худо шукргузорӣ карда, гуфт, ки агар ба Достони шахсии худ бовар намекард, ӯ подшоҳи пир -

Мелчизодак, тоҷири зарфҳои булӯрӣ, марди англис, Кимиёгарро намедид ва аз ҳама асосӣ, бо як зани бодиянишин, ки гуфта буд - ишқу муҳаббат мардро барои иҷрои Достони шахсии худ аз ҳам ҳеҷ гоҳ ҷудо намесозад - во намехӯрд.

Агар мехост, акнун метавонист ба Воҳа ба назди Фотима баргардад ва зиндагии худро ҳамчун чӯпони оддӣ гузаронад. Охир, Кимиёгар зиндагии худро дар биёбон мегузаронд – гарчанде, ки ӯ Забони Ҷаҳон ва чӣ тавр табдил додани сурб ба тиллоро медонист. Дигар лозим набуд, ки илм ва санъати худро ба касе нишон диҳад. Писарбача ба худ гуфт, ки зимни татбиқи Достони шахсияш ҳама чизҳои лозимиро ёд гирифт ва ҳама чизеро, ки орзу мекард, ба орзуяш расид.

Ӯ дар ин ҷо дар лаҳзаи дарёфти ганҷи пинҳон буд ва ба худаш ёдрас намуд, ки ҳеҷ як тарҳ ва ё лоиҳа то ба ҳадафи худ нарасад, онро наметавон анҷомёфта ҳисобид. Писарбача ба регҳои гирду атрофаш нигариста, дид, ки дар он ҷойи ашкҳои рехтааш як гамбӯск дар байни регҳо ғелида истода аст. Ҳангоми дар биёбон буданаш, фаҳмида буд, ки дар Миср гамбӯск рамзи нек аст.

Боз як нишонаи дигар! Писарбача ба кандани теппа оғоз кард. Ҳангоми ин кор, дар бораи тоҷири зарфҳои булӯрӣ, ки гуфта буд, ҳар кас метавонад дар ҳавлии худ пирамида созад, фикр кард ва акнун медид, ки ин корро ҳеҷ гоҳ наметавон кард, ҳатто агар тамоми умр санг болои санг гузорад ҳам.

Писарбача тамоми шаб макони интихобкардаашро кофт, вале чизе наёфт. Ӯ худро хастаю норохат хис мекард. Аммо корро катъ накард. Нивобаста аз он ки шамол аксар вакт регро ба кандахо бармегардонд, вале хамоно ба кофтан идома медод. Дастонаш обила карда, хаста шуда буданд, аммо ӯ ба дили худ гӯш медод. Дилаш гуфт, ки дар он чое ашкат рехтааст, он чойро бикоб.

Хангоми канда гирифтани сангхои дучоршуда, вай шалфаи пойхоро шунид. Якчанд одам наздик шуданд. Пуштхояшон ба тарафи нури мохтоб гардонида шуда буд ва писарбача чашмону рӯйи онхоро намедид.

“Дар инчо чӣ кор мекунед?” - яке аз онхо пурсид.

Азбаски сахт тарсида буд, чизе чавоб надод. Вай акнун чойи ганчи худро ёфта буд ва метарсид, ки окибаташ чӣ мешавад.

“Мо гурезагон аз чанги кабилавӣ хастем ва ба мо пул лозим аст,” - гуфт шахси дигар. “Шумо дар он чо чӣ пинхон мекунед?”

“Ман хеч чизро пинхон намекунам,” - чавоб дод писарбача.

Аммо яке аз онхо писарбачаро дастгир кард ва ӯро аз сӯрохӣ кашида баровард. Дигараш халтаи писарбачаро кофт ва як пораи тиллоро пайдо кард.

“Дар ин чо тилло хаст,” - гуфт ӯ.

Моҳ дар чеҳраи арабе, ки ӯро дастгир карда буд, дурахшид ва писарбача дар чашмони он мард маргро дид.

“Эҳтимолан вай тиллои бештареро дар замин пинҳон кардааст.

Онҳо писарбачаро маҷбур карданд, ки кофтанро идома диҳад, аммо чизе наёфтанд. Ҳангоме ки офтоб баромад, мардон ба задани писарбача шурӯъ карданд. Вай захмдор ва хуншор шуд, либосҳояш пора - пора гашта, ҳис кард, ки марг наздик аст.

“Пул ба шумо чӣ фоида дорад, агар бимиред? Аксар вақт чунин нест, ки пул метавонад ҳаёти касеро наҷот диҳад,” - гуфта буд Кимиёгар. Ниҳоят, писарбача ба онҳо дод зад:

“Ман ганҷ кофта истодаам!” - Гарчанде, ки даҳонаш хуншор ва варам карда буд, вай ба ҳамлагаронаш гуфт, ки ду бор ганҷеро, ки дар наздикии Пирамидаҳои Миср пинҳон аст, дар хобаш дидааст.

Марде, ки зоҳиран роҳбари гурӯҳ буд, ба яке аз шариконаш гуфт: “Ӯро монед. Вай чизи дигаре надорад. Шояд ин тиллоро дуздида бошад”.

Писарбача қариб беҳуш шуда, ба рӯи рег афтод. Роҳбари гурӯҳ ӯро такон дод ва гуфт: “Мо меравем”.

Аммо пеш аз он ки онҳо бираванд, роҳбарашон бори дигар ба назди писарбача баргашта гуфт:

“Ту намемирӣ. Ту зиндагӣ хоҳӣ кард ва баъд мефаҳмӣ, ки мард набояд ин қадар аблаҳ бошад. Ду сол пеш, маҳз дар ҳамин ҷо, ман ҳам айнан мисли ту орзу доштам. Ман орзу доштам, ки ба саҳроҳои Испания сафар кунам ва калисои харобшударо ҷустуҷӯ кунам, ки дар он чӯпонон ва гӯсфандони онҳо шабҳо мехобанд. Дар хобам дидам, ки дар харобаҳои калисо чаноре мерӯяд ва ба ман гуфтанд, ки агар решаи чанорро кобам, ганҷи пинҳонеро меёбам. Аммо ман он қадар аҳмақ нестам, ки барои чунин орзу тамоми биёбонро убур кунам”.

Онҳо нопадид шуданд.

Писарбача ларзида аз ҷояш хест ва бори дигар ба Пирамидаҳо нигоҳ кард. Гӯё Пирамидаҳо ба ӯ табассум карданд ва писарбача низ ба онҳо лабханд зад ва дилаш шод шуд.

Акнун писарбача медонист, ки ганҷ дар куҷост.

## Қисми хотимавӣ

Писарбача ба калисои куҳнаи партофташуда ҳангоми фарорасии шаб расид. Чанор ҳоло ҳам дар он ҷойи муқаддас истода буд ва ситораҳо тавассути боми нимсӯрох намоён буданд. Замони бо гӯсфандон буданашро ба ёд овард ва он шаб барояш шаби ороми осоишта буд… ба истисноии хоб рафтан.

Ҳоло ӯ дар ин ҷо на бо рамаи гӯсфандонаш, балки бо бел буд.

Вай дар ҷояш нишаста, муддати дароз ба осмон нигарист. Сипас аз халтааш як шиша шаробро гирифта, каме нӯшид. Ӯ шаберо, ки якҷо бо Кимиёгар нишаста, шароб менӯшиданд ва ба ситораҳо менигаристанд, ба ёд овард. Вай дар бораи роҳҳои сершумори тайкардааш ва роҷеъ ба роҳҳои аҷибе, ки барои расидан ба ганҷи худ толеъаш нишон дода буд, фикр кард. Агар писарбача аҳамияти хобҳои такрор ба такрори худро бовар намекард, вай бо зани лӯлӣ, подшоҳи пир, дузд ва ё... "Хуб, ин рӯйхат дурудароз аст. Аммо нақшаи роҳ бо нишонаҳо кашида шуда буд ва ҳеҷ роҳе барои хато кардан вуҷуд надошт," - худ ба худ гуфт ӯ.

Ӯро хобаш бурд ва вақте ки бедор шуд, офтоб аллакай баланд баромада буд. Вай ба кофтани решаи чанор оғоз кард.

"Эй ҷодугари пир!" - рӯй ба сӯи осмон оварда, дод зад писарбача. "Шумо - Кимиёгар ҳамаи инро медонистед. Шумо ҳатто дар дайр ба роҳиб як каме тилло ба амонат гузоштед, то ман ба ин калисо баргардам. Роҳиб вақте дид, ки ман дар ҳолати парешонӣ баргаштам, ханда кард. Оё шумо маро аз ин моҷароҳо наҷот дода наметавонистед?"

"Не," - ӯ овози шамолро шунид. "Агар ман ҳамаи инро ба шумо мегуфтам, пас Пирамидҳоро намедидед. Онҳо зебо ҳастанд, ҳамин тавр не?"

Писарбача табассум кард ва кофтанро идома дод. Пас аз ним соат бели ӯ ба чизи сахте расид. Баъд аз як соат вай аз он ҷо сандуқи тиллои испаниро

пайдо намуд. Сандуқ пур аз сангҳои қиматбаҳо, ниқобҳои тиллоии бо парҳои сурху сафед оро дода шуда, ҳайкалҳои сангии ҷавоҳиротдор буд. Ин ҷавоҳирот аз ғаниматҳое[51] иборат буд, ки дар натиҷаи ғалабаҳои кишвар дар ҷангҳо ба даст оварда шудаанд ва бинобар сабаби нақл нагардидан ба фарзандони худ онҳо кайҳо фаромӯш шуда буданд.

Писарбача Урим ва Туммимро аз халтааш баровард. Вай ин ду сангро танҳо як маротиба - саҳаре ҳангоми дар бозори Танҷиер буданаш истифода намуда буд. Ҳаёт ӯро ҳамеша бо нишонаҳо таъмин мекард.

Урим ва Туммимро ба сандуқ гузошт. Ин сангҳо низ як қисми ганҷи ӯ ба ҳисоб мерафтанд, чунки онҳо аз подшоҳи пир – Мелчизодак ба ӯ ёдгор монда буданд ва писарбача дигар ӯро нахоҳад дид.

“Дар асл ҳамин тавр аст, ҳаёт дар ҳақиқат барои касоне, ки Достони шахсии худро пайравӣ мекунанд, саховатманд аст,” - фикр кард писарбача. Сипас ба ёд овард, ки бояд ба Тарифа равад ва даҳяки ганҷи ваъда кардаашро ба пиразани лӯлӣ диҳад. Вай фикр кард, ки лӯлиён воқеан ҳам оқиланд. Шояд ин аз он сабаб бошад, ки онҳо ҳамеша дар сафаранд.

Шамол боз ба вазидан даромад. Ин боди Левон буд - шамоле, ки аз Африка меомад. Ин дафъа он на бӯйи биёбон ва на таҳдиди ҳуҷуми Маврҳоро

---

[51] моли дар ҷанг аз душмани мағлуб гирифташуда

овард, балки бӯйи атри ба ӯ ошно ва эҳсоси бӯса задан - он бӯсае, ки аз роҳи дур меомад ва оҳиста - оҳиста ба лабонаш расид.

Писарбача табассум кард. Ин аввалин бӯсаи дӯстдоштааш тавассути шамол буд.

“Ман меоям Фотима,” - гуфт ӯ.

Пауло Коэло

# КИМИЁГАР

## ALCHEMIST

**This novel has been translated from English to Tajik by Usmonali Latifi**

Аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст.

Тарҷумон: Усмоналӣ Латифӣ
Муҳаррир: Раҳматуллои Раҳмон
Таррох: Раҳимов Фарҳод

**Китоб бо тамғаи нашриёти “Адиб” нашр шудааст.**

Ба чоп 20.11.2021иҷозат дода шуд. Андозаи 60х84$^{1}/_{16}$.
Чопи офсет. Гарнитураи Times New RomanTJ. Ҷузъи чопии шартӣ 9,5. Теъдоди нашр 1000 нусха.

Дар матбааи “Нашри Мубориз” чоп шудааст.
ш. Душанбе, кучаи Карамов 205.